# АМНИЯТИ БОНУВОНИ
# **РӮЗНОМАНИГОР ДАР ИНТЕРНЕТ**

Дастурамали роҳнамои #SOFJO

OSCE
The Representative on
Freedom of the Media

# АМНИЯТИ БОНУВОНИ РӮЗНОМАНИГОР ДАР ИНТЕРНЕТ — Дастурамали роҳнамои #SOFJO


| | |
|---|---|
| **Муаллифон:** | Доктор Силвия Чокарро |
| | Сара Кларк |
| | Паулина Гутеррес |
| | Ҷуди Таинг |
| **Муҳаррир:** | Кристин Олсон |
| **Ҳамоҳангсози лоиҳа:** | Ҷулия Хаас |
| **Баҳодиҳии коршинос:** | Барбора Буковска |
| **Мусаҳҳеҳон:** | Элизабет Витчел |
| | Тон ван ден Брандт |
| | Лаура Видал |
| | Себастян Дентон |
| **Тарроҳ ва рассом:** | Пено Мишоян |
| **Муҳаррири матни тоҷикӣ:** | Гулҷаҳон Ҳамробойзода |



Ин нашриёт соли 2020 бо ташабускории Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО дар доираи лоиҳаи “Амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет” ё #SOFJO таҳия шудааст. Дар ҳуҷҷатҳо андешаҳо, натиҷагириҳо, шарҳу тафсирҳо, тавсияҳо ва хулосаҳои муаллифон оварда шуда дар ин матлаб онҳо баёнгари ҳатмии мавқеи расмии САҲА ва/ё давлатҳои иштирокчии он шуда наметавонанд.



© Дафтари Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) оид ба озодии Воситаҳои Ахбори Омма, 2020



Уолнерштрассе 6

A-1010 Вена, Австрия Тел: +43-1 514 36 68 00

Почтаи электронӣ: pm-fom@osce.org

https://www.osce.org/fom/safety-female-journalists-online



ISBN: 978-92-9271-083-5

# АМНИЯТИ БОНУВОНИ
# **РӮЗНОМАНИГОР ДАР ИНТЕРНЕТ**

## Дастурамали роҳнамои #SOFJO

The Representative on
Freedom of the Media

# Мундарица


**Муқаддима:** Баҳодиҳии корҳои анҷомдодашуда ва нақшаҳо барои оянда 5

**Хулосаи муъҷаз:** Равиши ягона ва тавсияи 40 тадбир 13

**Пешгуфтор:** Танҳо хатри умумиро бо талоши якҷоя метавон рафъ кард 27

**Шарҳи** меъёрҳои байналмилалии алоқаманд ба ҳуқуқи инсон, ки ба амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет 37

**Аз сухан ба амал гузаштан:** Иштирокдорони калидӣ кадом корҳоро анҷом дода метавонанд 55

1. **Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ:** Иҷрои сиёсатҳо ва таҷрибаҳо ба хотири боло бурдани сатҳи амнияти бонувони рӯзноманигор 63
2. **Мақомоти қонунгузории ҳокимияти давлатӣ:** қабули қонунҳои нав, ё мутобиқгардонии қонунҳои амалкунанда бо мақсади эҷоди муҳити бештар бехатар дар Интернет ва берун аз он 89
3. **Мақомоти адолати судӣ:** кафолати дастрасӣ ба адолат ва хотима додан ба беҷазоӣ 105
4. **Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ:** Такмил додани усулҳои ҳифз ва баланд бардоштани самаранокии фаъолият дар самти ҳифзи ҳуқуқ 123
5. **Созмонҳои байналмилалӣ:** Аз муқаррар намудани меъёрҳо то расонидани ёрӣ ба давлатҳо 141
6. **Миёнаравҳои Интернет:** Эҳтироми ҳуқуқҳои бонувони рӯзноманигор ва таъмини Амнияти онҳо дар Интернет 159
7. **ВАО:** Ҳимояи рӯзноманигорон аз ҷойи корашон оғоз меёбад 181
8. **Созмонҳои рӯзноманигорӣ ва мақомоти худидоракунӣ:** ташкили фаъолиятҳои муштарак ва таҳияи кодексҳои ахлоқу одоб 201
9. **Созмонҳои ҷомеъаи шаҳрвандӣ ва муассисаҳои таҳсилотӣ:** Сафарбар кардан, тадқиқот гузаронидан ва мубодилаи таҷрибаи пешқадам 219
10. **Рӯзноманигорон ва кормандони расонаҳо:** Вазифаи аввалиндараҷа ҳимояи худ, ҳимоя ва дастгирии ҳамкорон аст 239

**Дар бораи муаллифон** 251

**Замима:** Қарори Шурои вазирони САҲА № 3/18 «Амнияти рӯзноманигорон» 253

# Муқаддима

## Баҳогузории корҳои анҷомёфта ва нақшаҳо барои оянда

# Муқаддима
## Баҳогузории корҳои анҷомёфта ва нақшаҳо барои оянда

Дар вақтҳои охир афзоиши хабарҳо дар бораи ҳамла ба бонувони рӯзноманигор ва кормандони ВАО дар интернет ташвишовар гашта боиси он гардид, ки дар соли 2015 Дафтари Намояндагии Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (минбаъд Дафтари Намояндагии САҲА) муҳокима оид ба масъалаҳои мубориза бо таъқиби рӯзноманигорон дар заминаи ҷинсиятро дар Интернет оғоз намояд. Ин баҳс такони ҷиддие барои шурӯъи лоиҳаи "Амнияти бонувони рӯзноманигорон дар Интернет" ё #SOFJO гардид.[1]

Дафтари Намояндаи САҲА дар панҷ соли аввали лоиҳа ба хотири таъмини гуногунии гендерӣ дар рӯзноманигорӣ чорабиниҳои гуногунро амалӣ намуд. Ҳама Намояндагони САҲА оид ба озодии ВАО, ки дар тӯли ин солҳо якдигарро иваз намуда фаъолият карданд, бо дарки масъулияти пешакӣ огоҳкунандагӣ, ба ҳимояи бонувони рӯзноманигор таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд, то ба давлатҳо дар иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалиашон мусоидат намоянд. Дастурамал баёнгари қадами навбатӣ ба сӯи ин ҳадаф аст, то давлатҳои иштирокчӣ уҳдадориҳои худро дар амал татбиқ намоянд.

### › Воқеан ҳам ҷойи торик.

Дар рафти татбиқи лоиҳаи #SOFJO, Дафтари Намояндагии САҲА якҷоя бо ҷонибҳои мухталифи манфиатдор як қатор ташаббусҳои навоваронаи дарозмуддат, аз он ҷумла санадҳои барномавӣ бо тавсияҳои мушаххас барои ҳамаи иштирокдорон, аз қабили ҳукуматҳо, ВАО ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳод намуд. Ин лоиҳа барои баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ, таҳияи дурнамоҳои

дастаҷамъона ва табодули захираҳо ва манбаъҳо миёни бонувони рӯзноманигор ба як платформаи маъруф мубаддал гашт. Конфронсҳо, вохурии гурӯҳҳои пӯшида ва маъракаҳои иттилоотӣ лоиҳаи #SOFJO дар сохтани шабакаҳои иҷтимоӣ бо дастгири ва иштироки намонядагони ҳукуматҳо, ВАО ва доираҳои донишмандон, ҷомеаи шаҳрвандии тамоми давлатҳои  иштирокчии САҲА мусоидат кард.



Таҳқиқот ва тавсияҳо дар нашрияҳоигуногун инъикос ёфтаанд,аз ҷумла дар нашриёти «Мухофилат ба таъқиби бонувони рӯзноманигор дар Интернет»[2] 2016; дар «Баённома дар бораи плюрализм дар матбуот, амнияти бонувони рӯзноманигорон ва ҳимояи онҳо аз садои афроди барканорашуда дар Интернет»[3] 2019; ва дар нашрияи "Андешидани чораҳои ҳуқуқӣ ба озору азият ва таъқиби рӯзноманигорон дар Интернет" [4] 2019, ки дар якҷояги бо Институти Байналмилалии Матбуот (ИБМ)  омода шудааст, ки дар  дарки амиқӣ ҷомеа аз  бисёр мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои ҳалли онҳо, саҳм гузоштааст.

Дар охири соли 2018 аз тарафи Дафтари Намояндагии САҲА дар ҳамкорӣ бо ИБМ филми мустанаде бо номи "Ҷойи торик" ба навор гирифта» шуд.[5] Бонувони рӯзноманигоре, ки дар Итернет мавриди озору таъқиб қарор мегиранд, воқеан метавонанд худро дар "ҷойи хеле торик" пайдо кунанд.», -ба гуфтаи рӯзноманигори маъруфи Озарбойҷон Арзу Гейбулла, ки дар ин  филми мустанад садо медиҳад. Филм дар бораи таҷрибаи бонувони рӯзноманигор, ки дар Интернет ба таъқибу таҳқири шадидро аз сар гузарондиаанд, нақл мекунад.

Илова бар ин, ҳуқуқшиносон, роҳбарони ВАО, мутахассисони техникӣ ва коршиносони гендерӣ дар бораи таъсири манфӣ расонидани таъқиб ва суиистифода аз гуногунии ВАО ва афзоиши хатари худсензурраро қайд мекунанд. Филми мустанад дар минтақаи САҲА ва берун аз он намоиш дода ва ҳоло ҳам ин кор идома дорад. Пас аз намоишҳо аксар вақт муҳокимаҳои гурӯҳҳӣ барои баланд бардоштани огоҳӣ ва ҳавасманд кардан ба дигаргунсозиҳо, сурат мегиранд.

Вақти он расидааст, ки бояд қадами навбатиро гузошт. Дафтари Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО ин Дастурамали ҳамаҷонибаро таҳия кардааст, то ба фаъолони давлатӣ ва ғайридавлатӣ тавсияҳо оид ба беҳтар намудани бехатарии бонувони рӯзноманигор дар Интернетро пешниҳод кунад. Ҳадафи ин дастур бартараф кардани фарқият байни пешниҳодҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба таъмини амнияти бонувони рӯзноманиигор дар Интернет мебошад.

Дар дастурамал намунаҳои таҷрибаи беҳтарин дар бораи чӣ гуна татбиқ кардани меъёрҳо ва ӯҳдадориҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи амнияти рӯзноманигорон пешниҳод шудаанд. Он як равиши муназзамро барои субъектҳои тавсияшаванда дар бар мегирад, ки дар фароҳам овардани фазои мусоид барои озодии ВАО ва амнияти рӯзноманигорон нақши калидӣ мебозанд.

Фурсати ба ҳам овардани талошу кушишҳо расидааст, то ба бонувони рӯзноманигор имконият диҳем, ки бидуни тарсу таъқиб ва зуроварӣ кор кунанд. Вақти он расидааст, ки аз сухан ба амал гузарем.

Дафтари Намояндаи САҲА ба ҳамаи коршиносоне, ки дар ин нашрия саҳм гузоштаанд, самимона ташаккур баён мекунад ва дар навбати аввал ба муаллифи матн Силвия Чокарро ва хаммуаллифонаш- Сара

Кларк, Паулина Гутиеррес ва Чуди Тайинг. Дар охир, ман мехоҳам ба кормандони Дафтар, ки дар таҳрир ва нашри китоб саҳм гузоштаанд, махсусан ба Кристин Олсон, Ҷулия Хаас, Тон ван ден Брандт ва Себастян Дентон сипос гӯям.

29 октябри соли 2020



**Юрген Ҳейсел,**
*Директори Дафтари Намояндагии САҲА*
*оид ба озодии ВАО*

Қайдҳо

**1** Safety of Female Journalists Online (#SOFJO) project of the Office of the OSCE RFoM, https://www.osce.org/fom/sofjo.
**2** "New Challenges to Freedom of Expression: Countering Online Abuse of Female Journalists", OSCE RFoM, 17 September 2015, https://www.osce.org/files/f/documents/4/1/193556.pdf.
**3** OSCE RFoM, Communiqué No. 1/2019, "Media Pluralism, Safety of Female Journalists and Safeguarding Marginalized Voices Online", 29 February 2019, https://www.osce.org/files/2019-02-21%20SOFJO%20Communique.pdf.
**4** Scott Griffen (ed.), "Legal Responses to Online Harassment and Abuse of Journalists: Perspectives from Finland, France and Ireland", OSCE RFoM and IPI, 7 March 2019, https://www.osce.org/files/f/documents/8/9/413549.pdf.
**5** OSCE RFoM, "A Dark Place: A SOFJO Documentary" Trailer, 2019, https://www.osce.org/representative-on-freedom-of-media/410423.

# Хулосаи муъҷаз
# Резюме

Равиши ягона ва тавсияи
40 тадбир

# Хулосаи муъҷаз Резюме
## Равиши ягона ва тавсияи 40 тадбир

Амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет мустақиман ба сифати демократия ва ҳуқуқи ҷомеа барои дастрасӣ ба иттилооти гуногун таъсир мерасонад. Ин Дастурамал камбудиҳо дар масъалаҳои марбут ба амнияти бонувони рӯзноманигорро дар Интернет пур мекунад.

Дастурамали мазкур, ҳамчун идомаи лоиҳаи «Амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет», ки аз ҷониби Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО оғоз шудааст, барои мусоидат ба давлатҳо ва пешниҳоди тавсияҳо ба тамоми ҷонибҳои манфиатдор дар минтақаи САҲА, аз ҷумла фаъолони ғайридавлатӣ, оид ба мубориза бо таъқиб ва таҳқири бонувони рӯзноманигор дар Интернет равона шудааст.

Пас аз шарҳи кӯтоҳи масъала ва мурури ба меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар дар мавриди ҳифзи амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет, дастурамал рӯйхати 40 тадбири дар асоси равиши ягона тавсияшударо пешниҳод мекунад, ки бо мисолҳои дахлдор ва манбаъҳои истинод пурра карда шудаанд.

### › Равиши ягона бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ

Тамоми тадбирҳои тавсияшуда бояд ба назардошти ҷанбаҳои гендерӣ амалӣ гарданд, ки маънояш фаҳмиши ибтидоии фарқиятҳо дар шароитеки ба кор ва зиндагии мардону бонувони мутааллиқ ба гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа таъсир мерасонанд. Яъне, истеҳсоли фаъоли маълумот ва иттилооти таҷзияшуда; таъмини равандҳо дар асоси иштироки васеи ҷонибҳои манфиатдор; истифодаи дуруст аз захираҳо, барномарезӣ ва арзёбии фаъолиятҳо, ки бояд иҷро шаванд; таъмини намудани кафолат дар иҷрои тадбирҳое, ки барои ҳимояи рӯзноманигорон пешбинӣ шудаанд ва ин тадбирҳо ҳуқуқҳои бунёдии онҳоро бояд поймол накунад.



**Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ**
Татбиқи сиёсатҳо ва таҷрибаҳо бо мақсади беҳтар намудани амнияти бонувони рӯзноманигор

# Тадбирҳои тавсияшаванда

1. Таҳияи барномаи тадбирҳои миллӣ оид ба амнияти рӯзноманигорон бо дарназардошти шароити махсус барои бонувони рӯзноманигор;

2. Андешидани тадбирҳо барои ҳимояи рӯзноманигорон бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ;

3. Ҷамъ овардани маълумот дар бораи ҳамлаҳо ба рӯзноманигорон бо мақсади таҳияи сиёсат ва гузаронидани тадқиқот дар асоси маълумоти комил, ҳамчунин бо ҳадафи мусоидат ба маъракаҳои иттилоотӣ, ки ба ҳавасмандгардонии иштироки шахсони тасмимгиранда ва ҷомеа нигаронида шудааст;

4. Иттиллоъ додан ба механизмҳои асосии ҳуқуқи башар дар бораи вазъи амнияти бонувони рӯзноманигор ва ворид намудани ин масъала ба дарстурҳои кории сиёсати хориҷӣ (ба рузномаи нишастҳо).



## **Мақомоти қонунгузори ҳокимияти давлатӣ**

Қабули қонунгузории нав ва ё мутобиқ гардонидани қонунҳои ҷорӣ ба хотири эҷоди муҳити амнтар дар Интернет ва берун аз он

# Тадбирҳои тавсияшаванда

1. Аз нав дида баромадан ва дар мавриди зарурӣ тағйир додани қонунгузорӣ ё қабули қонунҳои нав бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ ҳангоми таъмини амнияти рӯзноманигорон;

2. Таъмини кафолат дар мавриди он, ки қонунгузории марбут ба таъқиб ва суиистифода нисбат ба бонувони рӯзноманигор дар Интернет, ҳуқуқ ба озодии баёнро поймол намекунад.



**Мақомоти адолати судӣ**
Таъмини дастрасӣ ба адолати судӣ ва хотима додан ба поймолшавии қонун

## Тадбирҳи тавсияшаванда

1. Баланд бардоштани сатҳи итиллотӣ дар масъалаҳои гендерӣ дар тамоми сохторҳоии судӣ чун ҷанбаи муҳими ҳимояи бонувони рӯзноманигор;

2. Баланд бардоштани малакаи касбии кормандони мақомоти судӣ дар масъалаҳои озодии баён, амнияти рӯзноманигорон ва ҳамчунин дар масоили таъқибу суиистифода дар зиндагӣ ва Интернет;

3. Истифода ва равнақ додани таҷрибаи пешқадам оид ба дастрасӣ ба адолати судӣ, қарорҳо ва таъмин намудани воситаҳои ҳимоя;

4. Ҷалб намудани созмонҳои миллии ҳуқуқи башар дар ҳалли масъалаҳои марбут ба амнияти рӯзноманигорон.




**Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ**
Таъмин намудани усулҳои ҳимоя ва рушди самаронокии тафтишот

# Тадбирҳои тасвияшаванда

1. Таъмин намудани таёри ва омодагии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба амнияти рӯзноманигорон дар Интернет бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ;

2. Аз нав дида баромадан ва беҳтар намудани бақайдгирии ҷанбаҳои гендерӣ ҳангоми хатар, таъқиб ва таҳдидҳо;

3. Такмил додани протоколҳо, усулҳо ва тартиби тафтиши ҷиноятҳое, ки зидди рӯзноманигорон ва озодии баён содир шудаанд;

4. Тавсеаи муколама ва ҳамоҳангсозии фаъолият байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ВАО ва ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ҳифзи амнияти хабарнигорон.



## Ташкилотҳои байнидавлатӣ

Аз муқаррар кардани меъёрҳо то мусоидат ба давлатҳо

# Тадбирҳои тавсияшаванда

1. Ба меъёрҳо ва санадҳои ҳимояи ҳуқуқ, ки ба амнияти рӯзноманигорон дахл доранд, ворид намудани равишҳое, ки ба ҷанбаҳои гендерӣ алоқамананданд

2. Мусоидат намудан ба давлатҳо барои аз байн бурдани камбудиҳо ҳангоми татбиқи меъёрҳои байналмилалӣ оид ба амнияти рӯзноманигорон;

3. Мусоидат дар афзоиши ҳаҷми маълумот ва тадқиқот, ки метавонанд ҳамчун манбаи иттилоотии ташаббусҳо оид ба таъмини амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет хидмат намоянд;

4. Таваҷҷӯҳи аввалиндараҷа ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии ҷонибҳои манфиатдор бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолиташон.



**Интернет - миёнаравҳо**
Эҳтироми ҳуқуқҳои бонувони рӯзноманигор
ва фароҳам овардани амният дар Интернет

# Тадбирҳои тавсияшаванда

1. Таъмини риояи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар оид ба озодии баён, дахолатнопазирии зиндагии хусусӣ, ҳуқуқ ба иштирок ва ҳимоя аз маҳдудкунии ҳуқуқ дар сиёсат ва дар амал;

2. Таъмин намудани возеҳият, шаффофият ва дастрасӣ ба сиёсати модератсияи матлабҳо барои истифодарандагон ,ҳамчунин огоҳии истифодакунандагон дар бораи  он, ки модератсияи мавод, озору азияти васвосӣ, таъқиб ва суиистифода дар Интернет ва механизмҳои гузориш додан аз онҳо иборат аст;

3. Барномаи ба истифодарандагони интернет нигаронидашуда ва равиши озод аз махдудияти ҳуқуқ ҳангоми иҷрои ҳама гуна фаъолият;

4. Шаффофият ва пайдарпаиро таъмин намудан ҳангоми бартараф кардани итиллоот дар сомона  ва коркарди дархостҳои корбарон барои гирифтани маълумот;

5. Мусоидат дар рушди нақши занон дар рӯзноманигорӣ.




**ВАО**
Ҳимояи рӯзноманигорон
аз ҷойи корашон оғоз меёбад

# Тадбирҳои тавсияшаванда

1. Баланд бардоштани фарҳанги рафтор дар ҷойи кор тавассути татбиқи сиёсати ҳамаҷониба дар самти амният ва масъалаҳои гендерӣ;

2. Дастгирӣ ва омӯзонидани рӯзноманигороне, ки ба таъқиб ва суиистифода дар Интернет дучор омадаанд;

3. Барои платформаҳо онлайнинтерактивӣ таҳияи намудани қоидаҳо вобаста ба ҷанбаҳои гендерӣ;

4. Пайгирӣ ва ҳуҷҷатгузории далелҳои таъқиб ва суйистифода аз бонувони рӯзноманигор дар Интернет, аз ҷумла рӯзноманигорони ғайриштатӣ;



**Созмонҳои рӯзноманигорӣ ва мақомоти худидоракунӣ**
Ташкили фаъолиятҳои муштарак ва таҳияи кодексҳои одобу ахлоқ

# Тадбирҳои тавсияшаванда

1. Фаъолона татбиқ намудани кӯшишҳо  ва тадбирҳои муштарак оид ба баланд бардоштани сатҳи амният ва беҳтар намудани шароити кори бонувони рӯзноманигор;

2. Таъмини баланд бардоштани иқтидор тавассути ҳамгироии самаранокии ҳамкорон, омӯзишҳо ва дигар кӯмакҳои амалӣ;

3. Ҳуҷҷатгузории (мустанадсозии) далели ҳамлаҳо ва истифода аз иттилоот барои баланд бардоштани огоҳии фаъолони асосӣ;

4. Мусоидат намудан барои ворид сохтани мавзуъҳои амният ва баробарии гендерӣ дар фаъолияти мақомоти худтанзимкунӣ




**Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муассисаҳои таълимӣ/таҳсилотӣ**
Сафарбарнамоӣ, тадқиқот ва табодули таҷрибаи пешқадам

# Тадбирҳои тавсияшаванда

1. Васеъ намудани ҳаҷми маълумот, инчунин баланд бардоштани сатҳи дониш ва огоҳии субъектҳои асосӣ ва дар маҷмӯъ ҷомеа дар бораи таъқиб ва суиистифода дар асоси масоили гендерӣ дар Интернет;

2. Кӯшишҳои якҷоя  барои татбиқи меъёрҳои бехатарии меҳнат дар сатҳи миллӣ ва фароҳам овардани шароити муносиб барои бонувони рӯзноманигор дар ҷойи корашон;

3. Таҳияи маҷмуи маводи таълимӣ ва омузишӣ оид ба амнияти бонувони рӯзноманигор;

4. Ворид намудани мавзуъҳои бахатарӣ ва баробарии гендерӣ дар фаъолияти муассисаҳои таълимии рӯзноманигорӣ.




## Рӯзноманигорон ва кормандони ВАО

Бо додани афзалият ба худмуҳофизӣ ва дастгирии аз ҳамкорон

# Тадбирҳои тавсияшаванда

1. Ташкил намудани мониторинг ва арзёбии доираи хатарҳо барои бонувони рӯзноманигор;

2. Истифода аз равиши ҳамаҷониба нисбат ба амният, аз ҷумла амнияти ҷисмонӣ, ҳуқуқӣ, равонӣ- иҷтимоӣ ва рақамӣ;

3. Ҳуҷҷатгузорӣ ва гузориш додан аз таҳдидҳо ва ҳамлаҳо;

4. Ёрӣ расонидан ба ҳамкасбоне, ки дучори суиистифода ва таъқиби интернетӣ гардидаанд ва ҳамчунин ба рӯзноманигороне, ки бештар дар зери хатар қарор доранд;

5. Гирифтани маълумот дар бораи шаклҳои дастгирӣ, пуштибонӣ, аз он ҷумла бо истифодаи санадҳои ҳуқуқӣ.


#SOFJO
МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ
МАҚОМОТИ ҚОНУНГУЗОРИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ
МАҚОМОТИ АДОЛАТИ СУДӢ
ВАО
МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ
ИНТЕРНЕТ-МИЁНАРАВҲО
РӮЗНОМАНИГОРОН ВА КОРМАНДОНИ РАСОНАҲ
СОЗМОНҲОИ РӮЗНОМАНИГОРӢ ВА ХУДТАНЗИМКУНӢ САМОРЕГУЛИРОВАНИЯ
ТАШКИЛОТҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ
СОЗМОНҲОИ БАЙНИДАВЛАТӢ

# Муқаддима

# Муқаддима
## Таҳдиди умумро танҳо бо талошҳои якҷоя метавон аз байн бурд

«Имшаб туро таҷовуз мекунанд»

«Наход ҳеҷ кас ҷуръат намекунад,  ки ахмақии ин девонаи палидро аз ӯ зада барорад?

«Ягон кас ҷойи зисти ин занва мудом куҷо рафтаншро медонад?»

«Фикр мекунам, ки бо ту коре бояд кард, то ба дигарон дарси ибрат шавад»[1]

Инҳо танҳо чанд намунае аз паёмҳои шабакаҳои иҷтимоианд, ки бонувони рӯзноманигор[2] гирифтаанд ва ин мисолҳо мутаассифона, кам нестанд. Шасту се дарсади бонувони рӯзноманигор боре ҳам бошад танҳо барои иҷрои корашон дар Интернет мавриди таҳдид ё таъқиб қарор гирифтаанд.[3] Тибқи як назарсанҷии рӯзномаи «Guardian», бонувони рӯзноманигор нисбат ба ҳамтоёни худ мардҳо чаҳор маротиба бештар ба чунин ҳамлаҳо дучор мешаванд.[4]

Барои аксар бонувони рӯзноманигор дар саросари ҷаҳон, таъқиб ва таҳқир дар Интернет ба як таҳдиди ҷиддии касбӣ табдил ёфтааст, ки ба корашон халал мерасонад ва ба ин васила ҳуқуқи онҳо ба озодии баёнро поймол мекунад ва ҳамин тавр дастрасии озод ба иттилоот барои тамоми аъзои ҷомеа монеъ мешавад. Лаура Куэнсберг, муҳаррири сиёсии Би-би-сӣ дар филми мустанади "Ҷойи торик", ки Дафтари Намояндаи САҲА дар умури озодии ВАО дар ҳамкорӣ бо Пажӯҳишгоҳи Байналмилалии Матбуот таҳия кардааст, мегӯяд: "Ман фикр мекардам, ки аз шабакаҳои иҷтимоӣ даст кашам, аммо барои ҳар касе, ки ба шабакаҳои иҷтимоӣ барои гирифтани маълумот медароянд, ин маънои шикастро дорад, ҳол он ки ин бароям муҳим аст ва маънои мағлубияти маро дошт»

Рӯзноманигорон дар робита ба кори касбии худ дар тамоми олам бо таҳдиду зӯроварии афзоянда рӯбарӯ мешаванд.[5] Аксар вақт гуфтани ҳақиқат барояшон гарон меафтад – онҳо бо таҳдидҳо, аз пасашон назорат карданҳо, ҳамлаҳо, ҳабс ва боздоштҳои худсарона ва дар ҳолатҳои вазнинтар, қурбонии рабуданҳои маҷбурӣ ё кушта мешаванд. Ҳукуматҳо ва қудратҳо бо мақсади гурез аз зери назорати ҷиддӣ мондан ва пахш кардани гуногунандешон-онҳое ки ба ҷавобгарӣ даъваташон кунанд, талош мекунанд ки онҳоро хомӯш кунанд.[6]

Бонувони рӯзноманигор бо далели ҷинсияти худ ба хатарҳои иловагӣ дучор мешаванд. Ин ҳол бештар дар таъқиб ва зӯроварӣ дар Интернет бар асоси гендерӣ зоҳир мешавад, ки метавонад аз таҳдидҳои мустақим ё ғайримустақими зӯроварии ҷисмонӣ ё ҷинсӣ, паёмҳои таҳқиромез ва таъқиби ҳадафмандона (аксар вақт дар шакли «ҳуҷуми ҳама алайҳи як нафар», ки якчанд бадандеш бар зидди нафаре якҷоя мешаванд) то поймол намудани дахлнопазирӣ (масалан, озор, мубодилаи тасвирҳои маҳрамона бидуни ризоияти шахси тасвиршуда ва "докс", яъне интишори маълумоти хусусӣ ба монанди суроғаи манзили ҷабрдида) иборат бошад.[7] Ҳар яке аз ин шаклҳои номбаршудаи таъқиб метавонад дар қонунгузории дохилӣ ё тавсияҳои созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ба таври мухталиф муайян карда шавад. Дигар фаъолони соҳа, аз қабили операторони васоити ахбори иҷтимоӣ ва намояндагони доираҳои академикӣ, барои мафҳумсозии ин падида луғати худро эҷод кардаанд[8]. Ҳарчанд истилоҳоти аз ҷониби умум қабулшуда вуҷуд надоранд, Ин Дастурамали ёрирасон истилоҳи "таъқиб ва суиистифода"-ро барои ифодаи рафтори дар боло тавсифшуда истифода мебарад.

Гарчанде рӯзноманигорони ҳарду ҷинс таҳти таъқиб ва суиистифода дар Интернет қарор мегиранд, вале шакл ва басомади ҳамлаҳо, ки занон дучор меоянд,боиси нигаронии махсус[9] аст ва бонувони бисёреро маҷбур месозад, ки фаъолияташонро маҳдуд намоянд ё андешаи тарк кардани ин касбро дошта бошанд. Тибқи тадқиқотҳои глобалӣ, тахминан 40 дарсади

бонувони рӯзноманигор изҳор намуданд, ки аз нашри хабарҳои муайяне ба иллати таъқиб дар Интернет канорагирӣ менамоянд.[10] Зӯроварӣ нисбат ба бонувони рӯзноманигор дар алоҳидагӣ рух намедиҳад - он ба вазъи мазлумонаи занон дар ҷомеаи мардсолорӣ ва омилҳои марбут ба он, ки баробарии гендериро халалдор мекунанд, аз қабили тафовути музди меҳнат, берун мондан аз раванди қабули қарорҳо ва бори вазнини кори бемузди нигоҳубинӣ оила алоқаманд аст. Ҷабрдидиагонии ҳамлаҳо аксаран ҳамон бонувони рӯзноманигоре мешаванд, ки манзуранд ва андешаҳои худро, бахусус дар бораи меъёрҳои муқарраршудаи гендерӣ ва стереотипҳо ошкоро баён мекунанд.[11] Онҳо мавриди ҳамла қарор мегиранд ва на танҳо аз тарафи онҳое, ки фаъолияти рӯзноманигорон ба манфиаташон нест, баъзан аз тарафи манбаъҳо ва ҳамкорон ва ҳатто аз ҷониби наздиконашон ҳам. Ғолибан бонувони рӯзноманигор дар он ҷое мавриди хатар қарор мегиранд, ки бояд аслан муҳофизат мешуданд, масалан, дар идораи ВАО-е, ки кор мекунанд.[12]

Пушида нест, ки ғолибан хусусияти таҳдиду ҳамлаҳое, ки рӯзноманигорон рӯ ба рӯ мешаванд ва таъсири ин таҳдиду ҳамлаҳо аксаран ба ҷинсият ва дигар омилҳо, аз қабили нажод, мансубияти қавмӣ, дин ё эътиқодот, тамоюли ҷинсӣ, синну сол ва гурӯҳи иҷтимоӣ алоқаманд аст.[13] Сабаби омилҳои афзоишёбандаи ин хатарҳо метавон хусусияти корҳои ғаримуқаррарӣ[14] ё инъикоси мавзӯъҳои хеле ҳассос ба монанди фасод,[15] ҷиноятҳои муташаккил,[16] масъалаҳои экологӣ,[17] ҳуқуқи инсон , аз ҷумла ҳуқуқҳои занон, ва хусусан хатарҳои марбут дар бораи муноқишаҳоро бояд номбар кард.[18] Фаҳмидани ин вижагиҳо ва далели он, ки рӯзноманигорони мансуб ба гурӯҳҳои мухталиф метавонанд бо намудҳои гуногуни таҳдидҳо рӯ ба рӯ шаванд. Барои таҳияи чораҳои ҳамаҷонибаи мақсаднок барои пешгирӣ, қатъ ва бартараф кардани оқибатҳои ҳамла ба рӯзноманигорон муҳим аст. Мутаассифона, дар қонунҳо, сиёсататҳои давлатӣ ва дигар тадбирҳо, ки аз ҷониби давлатҳо андешида мешаванд, ин омили гендерӣ ва байнисоҳавӣ ба инобат гирифта намешаванд.

## › Муносибати бисёрҷониба, нисбат ба амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет, ки ҷанбаҳои гендериро ба назар мегирад

Ҳадафи ин Дастурамал ин бартараф кардани амниятии бонувони рӯзноманигор дар Интернет мавҷуд буда мебошад. Дар давоми даҳсолаи охир ҷонибҳои манфиатдор дар ҳамдигарфаҳми ва ҳамгироии дурнамои гендерӣ дар талошҳо барои таъмини амнияти рӯзноманигорон ба пешравиҳои умедбахш ноил гардиданд. Меъёрҳои байналмилалӣ дар самти ҳуқуқи инсон бештар ба қайдгирии ҷанбаҳои гендерӣ дар ҳалли масъалаҳои марбут ба амнияти рӯзноманигоронро тақозо мекунанд. Ҳамчунин, ҳаҷми омӯзишҳо оид ба ҳамла ба рӯзноманигорон, аз ҷумла таъқибу суйистифода дар Интернет бештар мегардад. Дар сатҳи миллӣ амалҳои ВАО ва гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои таҳияи барномаҳо барои рӯзноманигорон оид ба мубориза бо таъқиби гендерӣ ва суиистифода дар Интернет афзоиш меёбанд.

Бо вуҷуди ин, саъю кӯшиши зиёд лозим аст. Мубориза бо таъқиб ва таҷовуз дар Интернет бар асоси гендерӣ ва ҳамчунин дар масъалаи хушунат алайҳи бонувони рӯзноманигор бояд дар маҷмуъ маъракаҳои огаҳии ҷомеаро барои беҳтар кардани меъёрҳои иҷтимоӣ ва баробарӣ дар ҷои кор дар бар гирад ва кафолат дода шавад, ки фикри занон дар тамоми васоити ахбори омма, махсусан дар чунин масъалаҳо, монанди сиёсат, ки қаблан хоси мардон мансуб мешуд, шунида шавад. Муносибати бисёрҷониба бо иштироки шохаҳои гуногуни ҳукумат, мақомоти байналмилалӣ ва минтақавӣ, намояндагони ВАО, миёнаравҳои интернет ва фаъолони гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур аст. Муҳим аст, ки бонувони рӯзноманигор, аз ҷумла онҳое, ки мавриди ҳамлаи интернетӣ қарор гирифтаанд, дар таҳияи равишҳо барои ҳалли масъалаи таъқиб, озор ва суйистифодаи рӯзноманигорон дар Интернет

ширкат кунанд. Албатта, ҳама гуна дастгирии бонувони рӯзноманигор бояд бо ризоияти бевоситаи онҳо сурат гирад.

Дастурамли мазкур ба он равона шудааст, ки ба ҷонибҳои гуногуни манфиатдор дар муайян кардани қадамҳои минбаъда оид ба беҳтар намудани амнияти бонувони рӯзноманигор бо истифода аз равиши ҳамаҷониба кӯмак расонад. Дастурамал аз даҳ боб иборат аст, ки ҳар кадоме ба фаъолони калидии асосии алоҳида нигаронида шудаанд. Дар ҳар боб тадбирҳои тавсияшавнда барои мубориза бо таъқиб ва суиистифода бар асоси гендерӣ дар Интернет шарҳ дода мешаванд, ки дар онҳо мисолҳои амалӣ ва рӯйхати манбаъҳои лозима бар меояд.

Ин дастурамал фарогирандаи шарҳи тамоми ҷидду ҷаҳдҳое нест, ки дар ин бобат ба амал баровварда мешаванд, номгӯйи мукаммали ҳамаи тадбирҳоеро дар бар намегирад, ки бояд андешида шаванд. Ҳадафи он кӯмак ба ҷонибҳои манфиатдор дар ошкор кардани камбудиҳо дар фаъолияти онҳост ва инчунин пешниҳоди иттилооти иловагӣ, ки метавонад ба таҳия ё такмил ва ташаббусҳо барои мубориза бо таъқиб ва суиистифодаи бонувони рӯзноманигор дар Интернет саҳм гузорад.

Субъектҳои давлатӣ ва маҳз мақомоти иҷроия, қонунгузор, судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ метавонанд дар ин дастурамал оид ба тадбирҳое, ки дар ин самт андешида мешаванд, тавсия ва маълумот пайдо кунанд. Чорабиниҳои тавсияшаванда аз нав баррасӣ ва ислоҳоти қонунгузорӣ, таҳияи нақшаҳои миллии фаъолият ва муколама, ҷорӣ намудани муносибати гендерӣ дар тамоми сохторҳои давлатӣ, равандҳои тафтишотӣ ва механизмҳои амнияти рӯзноманигорон ва ҷорӣ намудани барномаҳо оид ба рушд ва таҳкими иқтидори кормандони давлатиро дар бар мегиранд. Яке аз панҷ боби аввал, ки ба субъектҳои давлатӣ бахшида шудааст,нақши мақомоти байниҳукуматиро нишон дода, равишҳои такмили меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ва татбиқи самараноки онҳоро дар сатҳи

миллӣ тавсиф мекунад.

Дар панҷ боби оянда тавсияҳо ба субъектҳои ғайридавлатӣ, аз қабили миёнаравҳои интернетӣ, ВАО, созмонҳо ва мақомоти рӯзноманигорие, ки дар худтанзимкунии озод нақши калидӣ доранд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муассисаҳои таълимӣ ва ҳамчунин рӯзноманигорони мустақил ва кормандони ВАО равона гардидааст. Тадбирҳои тавсияшаванда иборатанд аз: рушди зарфияти (иқтидор) кадрҳо тавассути омӯзиши асбобҳои рақамӣ ва донишҳои ҳуқуқӣ; рушди шабакаҳои дастгирии ҳамкорон ва дигар манбаҳои психологию иҷтимоӣ; такмили арзёбии хатарҳо ва протоколҳои гузоришдиҳӣ ва вокунишҳо ба таъқибҳо дар Интернет; гузаронидани маъракаҳои иттилоотӣ; мусоидат дар кӯшишҳо баҳри ноил шудан ба баробарӣ дар ҷои кор. Дар бобҳое, ки ба субъектҳои ғайридавлатӣ бахшида шудаанд,инчунин тавсияҳо оид ба беҳтар кардани ҳуҷҷатгузорӣ оид ба далели ҳамлаҳои онлайнӣ бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ пешниҳод карда мешаванд. Тавсияи умумӣ иборат аз рушди ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии байни ҷонибҳои манфиатдор аст.

Ин Дастурамал бахшеро дар бораи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар дар бар мегирад, ки ба амнияти бонувони рӯзноманигор марбут аст. Муҳим он аст, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳои озори ҷинсӣ ва суиистифода бар асоси гендерӣ дар Интернет, ҳуқуқҳои бунёдии инсон, яъне озодии баён ва дахолатнопазирӣ ҳаёти шахсӣ риоя карда шаванд.

Мутаасифона, дар таъқиб ва озори бонувони хабарнигор дар Интернет ҳеҷ чизе виртуалӣ нест. Ин як мушкилоти мавҷуда воқеӣ аст, ки ба ҳалли воқеӣ ниёз дорад.

## Қайдҳо

**1** Иқтибосҳо аз филми мустанади « Чойи торик», ки бо ибтикори Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО дар ҳамкорӣ бо Институти байналмилаии Матбуот наворбардорӣ шудааст. Ниг. ба трейлер дар сомонаи: https://www.osce.org/representative-on-freedom-of-media/410423.
**2** Бо шомил намудани ҳама рӯзноманигорон, ки худро зан меҳисобанд. Истилоҳ «занони рӯзноманигор» бо бонувони рӯзноманигор ҳаммаъност.
**3** Michelle Ferrier, Attacks and Harassment The Impact on Female Journalists and Their Reporting, Inter-na¬tional Women's Media Foundation, TrollBusters, Washington, 2018 https://www.iwmf.org/wp-content/ uploads/2018/09/Attacks-and-Harassment.pdf.
**4** Becky Gardiner et al., "The dark side of Guardian comments", The Guardian, 12 April 2016, https://www.theguardian.com/technology/2016/apr/12/the-dark-side-of-guardian-comments.
**5** ARTICLE 19, Global Expression Report 2018/19, London, 2019, https://www.article19.org/ xpa-2019/.
**6** Дар ҳамон ҷо.
**7** ARTICLE 19 and ILGA Europe, "Third Party intervention submission in the European Court for Human Rights, Andrea Giuliano and Hungary, App. No. 45305/16", 2 March 2020, https://www.article19.org/wp-content/uploads/2020/03/Guiliano-v-Hungary-Submission-2-March-2.pdf.
**8** Дар ҳамон ҷо.
**9** APC, "Online gender-based violence: A submission from the APC to the UN Special Rap- porteur on violence against women, its causes and consequences", 2017, files/APCSubmission_UNSR_VAW_GBV_0_0.pdf.
**10** Сниг. ба санаде, ки дар қайди 3 омадааст.
**11** UN General Assembly, Human Rights Council, Report by the Special Rapporteur on violence against women, its causes and consequences, "Combating violence against women journalists", A/HRC/44/52, 2020, https://undocs.org/en/A/HRC/44/52.
**12** Barbara Trionfi and Javier Luque Martinez, "Newsroom Best Practices for Addressing Online Violence against Journalists: Perspectives from Finland, Germany, Poland, Spain and the Unit- ed Kingdom", IPI, in co-operation with the OSCE RFoM, June 2019, https://newsrooms-on-theline.ipi.media/wp-content/uploads/2019/06/IPI-report-online-harassment-06032019.pdf. Silvia Chocarro, The safety of women journalists: Breaking the cycle of silence and violence. IMS Defending Journalism book series, International Media Support, 2019, https://www.mediasupport.org/publication/the-safety-of-women-journalists/.
**13** Amnesty International, "Toxic Twitter - A toxic place for women", 2018, https://www.amnes- ty.org/en/latest/research/2018/03/online-violence-against-women-chapter-1/#topanchor.
**14** Committee to Protect Journalists, "The Best Defense: Threats to journalists' safety demand fresh approach", 2017, https://cpj.org/reports/2017/02/best-defense-threats-safety-journalists-freelance-emergencies-attack-digital/.
**15** Transparency International, "The High Costs Journalists Pay When Reporting on Corrup- tion", 2020, https://www.transparency.org/en/news/the-high-costs-journalists-pay-when-reporting-on-corruption#.
**16** Reporters Without Borders, "Journalists: the bête noire of organized crime", 2018, https://rsf.org/sites/default/files/en_rapport_mafia_web_0.pdf.
**17** Reporters Without Borders, "Hostile climate for environmental journalists", 2015, https://rsf.org/sites/default/files/rapport_environnement_en.pdf.
**18** eporters Without Borders, "Women's rights: forbidden subject", 2018, https://rsf.org/sites/default/files/womens_rights-forbidden_subject.pdf.

# Шарҳи

меъёрҳои байналмилалӣ
дар соҳаи ҳуқуқи инсон,
ки ба амнияти бонувони
рӯзноманигор дар Интернет
алоқаманданд

# Шарҳи
## меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки ба амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет алоқаманданд

Демократия ба тавоноии рӯзноманигорон бидуни мамоният барои сухбати озодона (дар шароити баробарӣ ва доштани амният), гуфтани ҳақиқат ба ҳукуматҳо, бурдани тадқиқот оид ба суйистифода ва фасод, иштирок дар мубоҳисаҳои оммавӣ, гуфтугӯҳо ва тақвияти онҳо ва ҳамчунин огоҳонидани мардум вобастагӣ дорад. Аммо дар тамоми дунё, аз ҷумла дар минтақаҳои фарогири САҲА, таназзулибемайлони ин муҳит ба назар мерасад, ки рӯзноманигорон метавонистанд нақш муҳими ҷамъиятӣ дошта бошанд. Миқёси тадбирҳои мустақим ва ғайримустақим, ки барои хомӯш кардани рӯзноманигорон равона шудаанд, аз ҷумла таҳдидҳои ҷисмонӣ, ҳуқуқӣ ва равонӣ, зӯроварӣ ва таъқиб, инчунин таҳдидҳо, зӯроварӣ ва таъқиб дар Интернет афзоиш меёбад.[1] Ин тамоюлро наметавон бидуни тағйир додани меъёрҳои байналмилалӣ ва табдили онҳо ба сиёсати самараноки давлатӣ дар минтақа шикаст дод.  Азбаски шаклҳои зӯроварӣ нисбат ба мардони рӯзноманигор аз занон-ҳамкоронашон фарқ мекунад ва ҳамчуни ҳолатҳои зӯроварӣ ба онҳо гуногунанд, роҳҳои ҳалли ин мушкилот вобаста ба гендер ва дигар омилҳои ба ҳам вобаста низ фарқ мекунанд, ки ин зарурати ба назар гирифтани ҷанбаҳои гендериро ба миён меорад.

Дар ин боб меъёрҳои байналмилаии кӯтоҳ баён гардида оид ба озодии баён, баробарӣ ва роҳ надодан ба маҳдуд кардани ҳуқуқи  занон ва нисбат ба амнияти рӯзномангорон, ки бояд дар асоси сиёсатҳо ва амал, қарор гирифтани  таҷрибаҳои мубориза бо таъқиб ва суйистифода дар пояи гендерӣ дар Интернет[2] бошад,  баррасӣ хоҳад шуд.

## › Татбиқ намудани ҳуқуқ ба озодии баён набояд сабаби навбатии таъқиб ва суиистифода дар Интернет гардад

Таъқиб ва суиистифода дар Интернет ҳуқуқи рӯзноманигори таъқибшавандаро ба озодии баён халалдор мекунад, зеро тарс аз ноамнӣ ё фишори равонӣ метавонад ӯро ба худсензурӣ расонад. Гузоришҳо дар бораи таъқиб ва таҳқир метавонад боиси тарсу нигаронии дигар рӯзноманигорон шуда ва ба ҳамин васила ҳуқуқи онҳоро ба озодии баён маҳдуд созад. Азбаски ин ба ҳуқуқи тамоми ҷомеа барои дастрасӣ ба гуногунии афкор ва иттилоот таъсири манфӣ мерасонад, барои мубориза бо таъқиб ва суиистифода дар Интернет чораҳои мушаххас лозиманд, ки бояд бо риояи пурраи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон дар самти озодии баён ва озодии ВАО амалӣ гарданд, то ки аз поймолкунии минбаъдаи ин ҳуқуқҳо ҷилавгирӣ шавад.

Ҳуқуқ ба озодии баёнро меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар, аз қабили моддаи 19 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар[3] ва моддаи 19-и Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ICCPR)[4], нчунин шартномаҳои минтақавӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳамчунин Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон кафолат медиҳанд.[5]

Ҳуқуқ ба озодии баён доираи васеъи истифода дошта, ба тамоми ҷомеа таъсир мерасонад ва давлатҳоро вазифадор мекунад, ки ба ҳамаи одамон ҳуқуқи ҷустуҷӯ, гирифтан ва паҳн кардани ҳама гуна маълумот ва ғояҳоро, сарфи назар аз сарҳадҳо ва бо ҳар гуна воситаҳои интихобкардаашон кафолат диҳанд.

Қайд кардан муҳим аст, ки Кумитаи ҳуқуқи башари Созмони Милали Муттаҳид (UNHRC), як ниҳоди шартномавӣ, ки аз коршиносони мустақил иборат аст ва барои назорат аз болои иҷрои МБСС аз ҷониби давлатҳои узв таъсис ёфтааст ва эътироф кардааст, ки ҳимояи озодии баён дар МБСБҲР ҳама шаклҳои баён ва воситаҳои паҳн кардани ақида, аз ҷумла дар асоси электронӣ ва фановариҳои интернетиро фаро мегирад[6] Ҳама гуна маҳдудиятҳо дар шакли баён ё воситаҳои паҳн кардани ақида дар Интернет бояд тибқи ҳамон меъёрҳое, ки маҳдудиятҳои ғайриэлектронӣ ё паҳн кардани ақидаро доранд, асоснок карда шавад ва чигунае ки дар поён оварда шудаанд[7]

## › Қонуният,эътирофи қонуният ва ҳамчунин зарурат ва таносуб: озмоиши сегона барои маҳдудияти озодии баён

Тибқи меъерҳои байналмилалии ҳуқуқи башар, маҳдудиятҳо нисбат ба озодии баён танҳо дар сурате иҷозат дода мешавад, ки онҳо аз "озмоиши сегона"- и мувофиқат ба меъёрҳои қонуният, эътирофи қонуният(мутобиқат бо ҳадафҳои қонунӣ) ва зарурат ва таносуб гузаранд, ки дар моддаи 19.3 ПБҲСШ[8] оварда шудаанд.

Ҷузъи аввали ин санҷиш қонуният аст, яъне маҳдудияти озодии **баён бояд тибқи қонун муқаррар карда шавад.** Қонунҳо ё муқаррароти дахлдор бояд дастраси умум бошанд ва ба қадри кофӣ дақиқ ва возеҳ таҳия шаванд, то субъектҳое, ки иҷрои он ба онҳо вогузор карда мешавад, тавонанд қонунӣ будани ҳама гуна маҳдудиятҳои озодии баёнро муқаррар кунанд ва аз суиистифода ё истифодаи ғайриқонунии маҳдудиятҳоро аз ҷониби мақомот пешгирӣ кунанд.

Меъёри дуввуме, ки давлатҳо бояд ба он мувофиқат кунанд, дар он изҳор мегардад, ки маҳдудияти озодии баён бояд ба ҳадафҳои қонунӣ хизмат кунад, ки тибқи моддаи 19.3 ПБҲСШ аз эҳтироми ҳуқуқ ё эътибори дигарон ё ҳифзи амнияти миллӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатии ҷамъиятӣ ё ахлоқ иборат аст.

Ниҳоят, ҳама гуна маҳдудияти озодии баён бояд ҳатмӣ ва мутаносиб ба ҳадафе бошанд, ки дар ҷомеаи демократӣ пеш бурда мешавад, аз ҷумла, бояд робитаи мустақим ва бевоситагӣ байни баёни афкор ва таҳдид вуҷуд дошта бошад.

Тибқи моддаи 20.2 ПБҲСШ, ҳама гуна таблиғот ба нафъи кинаю адовати миллӣ, нажодӣ ё мазҳабӣ, ки иборат аз табъиз, хусумат ё зӯроварӣ равона шудааст, бояд тибқи қонун манъ карда шавад. Дар шарҳи моддаи 19-и худ дар соли 2011 Кумитаи ҳуқуқи башари Созмони Милали Муттаҳид (UNHRC) изҳор дошт, ки маҳдудиятҳои дар моддаи 20-и ПБҲСШ матраҳшуда, ҳамчунин бояд ба маҷмӯи се меъёри дар моддаи19.3 –и ПБҲШС зикршуда ҷавобгӯ бошанд.[9]

Мутаносибан, тамоми сайю кӯшишҳо барои мубориза бо таъқиб ва суиистифода нисбат ба бонувони рӯзноманигор, ки боиси маҳдудиятҳои мустақим ё ғайримустақими ҳуқуқи озодии баён мешаванд, бояд ба талаботи қатъии "санҷиши сегона" ҷавобгӯ бошанд.

## › Ҳуқуқи баробарӣ ва ҳимоя аз табъиз

Таъқиб ва суйистифода нисбати рӯзноманигорон дар пояи гендерӣ дар Интернет метавонад, илова ба ҳуқуқи озодии баён, боиси поймол шудани дигар ҳуқуқҳо гардад. Ин имконияти иштироки баробарҳуқуқиро дар фаъолияти рӯзноманигорӣ зери хатар мегузорад ва ҳамчунин

меъёрҳои иҷтимоии табъизи мавҷуда ва қолабҳои гендериеро амиқтар мекунад, ки қобилияти бонувони рӯзноманигорро дар иҷрои фаъолияти касбиашон зери шубҳа мегузорад. Гунонгунандешии ВАО бидуни бархурдории бонувони рӯзноманигор аз имконияти озодона интишор намудани иттилоот дар шароити амнияти комил номумкин аст.

Ҳуқуқ ба баробарӣ ва ҳимоя аз таъбиз ва ҳуқуқ ба озодии баён ҳуқуқҳои якдирро тақвиятиҳанда ва комилкунанда ҳастанд. Танҳо дар шароити қабули фаъолиятҳои мувофиқашуда ва ҳадафмандона оид ба таъмини ин ҳуқуқҳо имкони татбиқи босамари ҳар кадоме аз онҳо вуҷуд дорад .

Созмони байналмилалии ҳуқуқи башар баробарии ҳар якеро ва ҳимоя аз табъизро дар назди қонун кафолат медиҳад. Давлатҳо вазифадоранд, ки баробариро дар татбиқи ҳуқуқҳои инсон ва ҳифзи баробарии қонунро таъмин намоянд. Принсипи бидуни табъиз -ҳама гуна тафовут, истисно, маҳдудият ё афзалиятро барои ашхос дар асоси хусусиятҳои ҳифзшавандае манъ мекунад, ки қонуни байналмилалии ҳуқуқи башар эътироф кардааст.[10]

Чанде аз санадҳои байналмилалӣ қоидаҳои татбиқи ҳуқуқҳои баробарӣ ва бидуни табъизро нисбат ба занон тасдиқ, мушаххас ва муфассал шарҳ медиҳанд. Конвенсия оид ба барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбат ба занон (CEDAW), ки соли 1979 аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун як намуди қонуни байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои занон қабул шудааст, табъизро нисбат ба занон чун «ҳар гуна фарқият, истисно ,маҳдудият аз рӯи ҷинс муайян мекунад, ки он ба суст кардан ё беэътибор гардонидани эътироф, бархурдорӣ ё истифодабарӣ аз занон, сарфи назар аз вазъи оилавиашон, дар асоси баробарии мардону занон,ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон дар соҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ , иҷтимоӣ, фарҳанг, шаҳрвандӣ ё дилхоҳ соҳаҳои дигар равона шудаасти».[11]

Зикри мушаххас оид ба бонувони рӯзноманигор дар Тавсияи умумии № 35 оид ба зӯроварии гендерӣ нисбат ба занон пайдо кардан мумкин аст. Дар он тасдиқ карда мешавад, ки амалияи урфу одатҳои хушунатомез ва ҷиноят алайҳи занон-ҳомиёни ҳуқуқ, сиёсатмадорон, фаъолон ва рӯзноманигорон низ аз шаклҳои зӯроварии ҷинсӣ нисбат ба занон мебошанд, ки бо омилҳои фарҳангӣ, идеологӣ ва сиёсӣ алоқаманд аст.[12] Дар тавсия ҳамчунин гуфта мешавад, ки «давлатҳои иштирокчӣ бояд барои мубориза бо зӯроварии гендерӣ нисбат ба занон чораҳои гуногун таҳия ва амалӣ намоянд».[13]

Масъалаи занон дар ВАО яке аз 12 масъалаи асосӣ дар Эъломия ва Платформаи амал дар Пекин, этироф шудааст,ки он соли 1995 аз ҷониби кишварҳои узви СММ қабул гардида буд. Ин хусусан ба зарурати васеъ намудани саҳми иштироки занон ва дастрасии онҳо ба имкониятҳо барои изҳори баён ва қабули қарорҳо дар ВАО ва истифода аз ВАО ва технологияҳои нави коммуникатсионӣ алоқаманд аст; он ҳамчунин зарурати таъмин намудани тасвири мутавозун аз колабҳои шахшуда озод нисбат ба занон дар ВАО бояд бошад.[14]

Қарори Шӯрои вазирони САҲА № 4/18 - «Пешгирӣ ва монеъ шудан бо зӯроварӣ нисбат ба занон»- давлатҳои узв доир ба пешгирӣ ва бартараф намудани хушунат алайҳи занон, аз ҷумла бонувони рӯзноманигор ӯҳдадор мешаванд. Онҳо эътироф мекунанд, ки "заноне, ки ба фаъолияти касбӣ дар соҳаи ҷамъиятӣ ва/ё ба манфиати ҷамъиятӣ машғуланд, ба эҳтимоли зиёд дучор омадан ба шаклҳои муайяни зӯроварӣ ё таҳқир, таҳдид ва таъқиб дар робита ба кори худ рӯ ба рӯ мешаванд". Ин ӯҳдадориҳо аз таъмини дастрасӣ ба адолати судӣ, таҳқиқи самараноки парвандаҳо ва таъқиби гунаҳкорон дар баробари риояи ҳуқуқҳои онҳо иборатанд, аз ҷумла дахолатнопазирии ҳаёти

шахсӣ; андешидани чораҳо оид ба пешгирӣ ва мубориза бо ҳама шаклҳои зӯроварӣ нисбат ба занон, инчунин мубориза бар зидди муносибатҳои хашин, таҳдид ва фишороварӣ, аз ҷумла тавассути истифода аз технологияҳои рақамӣ.[15]

Дар Рӯзи иди байналмилалии занон - 8 марти соли 2017 Гузоришгари вижаи СММ оид ба зӯроварӣ нисбати ба занон, сабабҳо ва оқибатҳои он ва ҳамчунин Гузоришгари махсуси СММ оид ба мусоидат ва ҳифзи ҳуқуқи озодии афкор ва баён бо изҳороти муштарак аз ҳукуматҳо ва ширкатҳо даъват намуданд, ки барои рафъи мушкили таъқиб ва суйистифода аз занон чора андешанд ва онҳоро аз хатари сензура ҳушдор доданд. Онҳо зарурати риояи ҳуқуқи инсонро дар аснои андешидани чораҳои ҷавобӣ ба хотири рафъи ин ҳолатҳо таъкид карданд, ки аксар вақт дар Интернет занон бо ин рӯ ба рӯ мешаванд.[16]

## › Ҳимоя аз ҳуқуқҳои воқеии инсон дар Интернет

Барои таъмини амнияти рӯзноманигорон дар Интернет умуман ва ҳал намудани мушкилоти таъқиб ва суиистифода бар асоси гендерӣ қисман, фаҳмидани он хеле муҳим аст, ки чӣ тавр меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар дар соҳаи рақамӣ татбиқ мешаванд.

Дар соли 2013 СММ изҳор дошт, ки ҳама ҳуқуқҳои инсон дар Интернет низ мутаносибан қобили қабуланд. Тибқи қарордоди 32/13 Шурои Ҳуқуқи Башари СММ «Ташвиқ, ҳифз ва иҷрои ҳуқуқҳои инсон дар Интернет», «ҳамон ҳуқуқҳое, ки шахс дар миқёси офлайн дорад, бояд дар офлайн ҳифз карда шавад, минҷумла озодии баёни андеша, ки мутобиқи моддаи 19 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Паймони

байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ берун аз ҳудудҳо ва дар доираи ҳама васоити иттилоотии дилхоҳ татбиқ карда мешавад.»[17] Вай инчунин аз давлатҳо даъват мекунад, ки дастрасии занонро ба технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ зиёд кунанд. ва нобаробарии рақамии гендериро аз байн бубаранд.[18]

Технологияҳои коммуникатсионӣ имкониятҳои баёни андешаро васеъ кардаанд. Ҳамзамон, ТИК дар муқобили назорат ва раҳгирии (шунидан) мухобирот осебпазиранд, ки ин метавонад ба ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, ҳуқуқ ба махфияти мукотибаро, зери хатар гузорад. Ин ҳуқуқ дар моддаи 17-и ПБҲСШ дарҷ ёфтааст, ки тибқи он «ҳеҷ кас набояд ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ, дахолати худсарона ё ғайриқонунӣ ба дахлнопазирии манзили истиқоматиаш ё махфӣ будани мукотибаи ӯ, ё таҷовуз ба шаъну эътибори касе ғайриқонунӣ дахолат кунад.»[19]

Ҳарчанд меъёрҳои ҳуқуқи башар ҳимояи назорати пайгиронаро таъмин мекунанд, ин хатари воқеӣ дорад, бахусус барои рӯзноманигороне, ки аз рӯи фаъолияти касбиашон ба дахолати ғайриқонунӣ барои маҷбуран хомӯш карданашон бештар осебпазиранд. Аз ин сабаб, истифодаи таҷҳизоти рамзгузорӣ ва кафолатҳои махфият барои таъмини бехатари ҳуқуқ ба озодии баён дар асри рақамӣ муҳим аст.[20] Маҳдудиятҳо оид ба рамзгузорӣ ва махфият бояд ба талаботи қонуният, эътирофи қонуният ва ҳамчунин зарурат ва таносуб мувофиқат кунанд.[21] Ин равиш инчунин дар Қарори № 3/18 Шурои вазирони САҲА оид ба амнияти рӯзноманигорон (замима мешавад) инъикос ёфтааст, ки давлатҳои аъзоро даъват мекунад, ки "аз худсарона ё ғайриқонунӣ барои истифодаи технологияи рамзгузорӣ ва махфият аз ҷониби рӯзноманигорон ва ҳамчунин аз истифодаи усулҳои назорати пайгиронаи ғайриқонунӣ ё худсарона худдорӣ намоянд ».[22]

## › Дар самти ҳуқуқҳои инсон теъдоди меъёрҳое зиёд мешаванд, ки барои таъмини амнияти рӯзноманигорон равона шудаанд

Як ҷомеаи кушод, фарогир ва демократиро бидуни дастрасии озоди мардумонаш ба иттилоот тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳамла ба рӯзноманигорӣ ин ҳамла ба ҳуқуқи ҳар як шахс барои иттилоот аст. Тибқи қонунҳои байналмилалии ҳуқуқи башар, давлатҳо вазифадоранд, ки рӯзноманигоронро ҳимоя кунанд. Дар даҳсолаи охир теъдоди санадҳои байналмилалие дар ин самт афзоиш ёфтаанд, ки мавҷудияти таҳдидҳоро нисбат ба баробарии гендерӣ ва зарурати истифода аз равишҳои гуногуни мутаалликро ба ҷанбаҳои гендериро эътироф мекунанд.

Созмонҳои байналмилалӣ барои таҳияи вазифаҳои касби рӯзноманигорӣ дар арсаи рақамӣ кор мекунанд. Дар Қайдҳои тартиби умумии № 34-и Кумитаи ҳуқуқи башари СММ дар соли 2013 навиштаанд, ки «вазифаҳои рӯзноманигориро доираи васеи шахсон иҷро меуунанд, аз ҷумла хабарнигорон ва таҳлилгарони касбӣ, блогнависон ва дигарон, ки дар ВАО, Интернет ё дигар ҷойҳо нашр мекунанд.[23] Тибқи муқарароти Шӯрои Аврупо, «рӯзноманигор» ин касест, ки «бо фаъолияти рӯзноманигорӣ машғул аст, ё вазифаҳои назорати ҷамъиятиро иҷро мекунад».[24]

Солҳои охир СММ борҳо зарурияти пурзур намудани амнияти рӯзноманигоронро эътироф кардааст. Дар соли 2012 КҲИ-и СММ аввалин қарордоди худро оид ба амнияти рӯзноманигорон қабул кард, ки он аз давлатҳо даъват кардааст, ки "эҷоди муҳити бехатар ва мусоид барои рӯзноманигоронро барои мустақилона ва бидуни дахолати

номатлуб баҳри анҷом додани корашон ташвиқ кунанд»,[25] аз ҷумла тавассути чорабиниҳои қонунгузорӣ, баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ, мониторинг ва гузоришдиҳӣ, ба таври оммавӣ маҳкум кардани ҳамлаҳо ва равон кардани мианбаъҳои зарурӣ барои омузиши чунин ҳамлаҳо. Қабл аз қабули ин қарордод ҳам ЮНЕСКО ва Шӯрои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дар бораи амнияти рӯзноманигорон ду санад қабул карда буданд. [26]

Аз замони қабули қарордоди 32/13 ШҲБ СММС дар соли 2012, Асамблеяи Генералӣ СММ (МУ СММ), ША СММ ва Конфронси генералии ЮНЕСКО дар бораи амнияти рӯзноманигорон беш аз даҳ қарордод қабул кардаанд. Дар баъзе аз ин санадҳо ба амнияти бонувони рӯзноманигор[27]махсус аҳамият дода шудааст, масалан, дар Қарордоди МУ СММ 74/157 2019[28], дар Қарордод ШҲИ СММ 45/17 (2020) махсусан аз давлатҳо даъват мешавад, ки "барои пешгирии озори ҷинсӣ ва шаклҳои дигари шаҳвонии зуроварии ҷинсӣ нисбат ба бонувони рӯзноманигор ҳам дар Интернет ва ҳам дар зиндагии воқеӣ чораҳо андешанд.[29]

Илова бар ин, ҳисоботҳои гуногун дар бораи иҷрои ин қарордод нашр шудаанд.[30] Аз ҷумла, дар гузориши Дабири кулли СММ дар соли 2017 оид ба амнияти рӯзноманигорон таваҷҷуҳи махсус ба амнияти бонувони рӯзноманигор зоҳир шудааст.[31] Дар соли 2020 Гузоришгари махсуси СММ оид ба зӯроварӣ алайҳи занон, сабабҳо ва оқибатҳои он, маърузае оид ба мубориза бо зӯроварӣ нисбат ба бонувони рӯзноманигорро нашр кард.[32]

Соли 2012 аввалин стратегияи байниидоравии СММ таҳия ва қабул карда шуд. Нақшаи амали Созмони Милали Муттаҳид оид ба амнияти

рӯзноманигорон ва масъалаи беҷазои даъват мекунад, ки и итифодаи равише, ки ҷанбаи гендериро ба назар мегирад» (дар амри таъмин амнияти рӯзноманигорон ва мубориза алайҳи беҷазоӣ) ва дар ин масъала ва ҳамкории дигар ҷонибҳои манфиатдор, он дар меҳвари фаъолият СММ қарор дорад.[33]

Далели дигаре, ки нақши муҳимро дар  амнияти рӯзноманигорон аз нуқтаи назари ҳуқуқи башар ва рушд дар саросари ҷаҳон мебозад, шомил намудани ин масъала ба феҳристи Ҳадафҳои Рушди Устувор мебошад. Ҳадафи рушди устувор  (ҲРУ) 16 дар «мусоидат дар созмон додани ҷомеаҳои сулҳпарвар ва кушод ба манфиати Рушди устувор, таъмини дастрасии ҳама ба адолати судӣ ва бунёди ниҳодҳои муассир ва ҳисоботдиҳанда дар ҳама сатҳҳо» мебошад.[34] Нишондиҳандаи 16.10.1. «шумораи ҳолатҳои тасдиқшудаи куштор, одамрабоӣ, гумшавии маҷбурӣ, боздошти худсарона ва шиканҷаи рӯзноманигоронро инъикос мекунад.»[35]

Дар соли 2018 кишварҳои узви САҲА аввалин қарори худро дар бораи амнияти рӯзноманигорон қабул карданд. Қарори Шӯрои вазирони САҲА № 3/18 оид ба амнияти рӯзноманигорон, ки бо ризояти ҳамаи 57 кишвари узви САҲА қабул шудааст, аз давлатҳои узв даъват мекунад, ки барои пешгирии ҳамла ба рӯзноманигорон чораҳо андешанд, ҳимояи онҳо ва таъқиби гунаҳкорони чунин  ҳамлаҳоро таъмин намоянд. Иловатан, дар ин санад аз "хатари махсусе, ки бонувони  рӯзноманигор дар робита ба фаъолияти худ дучор мешаванд ва аз ҷумла хатарҳое , ки бо истифода аз технологияҳои рақамӣ алоқаманд ҳастанд" изҳори нигаронӣ карда мешавад ва ҳамчунин "муҳим он аст, ки  таъмини  амнияти бонувони рӯзноманигор ва баҳисобгирии самараноки таҷрибаи онҳо камбудиҳои ҷойдошта

«таъкид мешавад."[36] Қарор ҳамчунин аз давлатҳо даъват мекунад, ки "Ҳамлаҳо ба бонувони рӯзноманигор вобаста ба фаъолияти онҳо ба таври оммавӣ ва ошкоро маҳкум карда шаванд, аз қабили озори шаҳвонии ҷинсӣ, таҳқир, ҳаросафканӣ, таҳдид ва зӯроварӣ, аз ҷумла тавассути истифодаи фановариҳои рақамӣ».[37] Ҳарчанд ин аввалин қарори САҲА аст, ки ба амнияти рӯзноманигорон нигаронида шудааст, меъёрҳои зиёди САҲА оид ба озодии баён, озодии ВАО ва дастрасӣ ба иттилоот[38], инчунин як қатор қарорҳо оид ба амнияти рӯзноманигорон мавҷуданд.[39]

## › Соҳибкорон бояд меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башарро риоя кунанд

Дар ҳоле ки ин кор пеш аз ҳама ба давлатҳо нигаронида шудааст, меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар ба корхонаҳои тиҷоратӣ-соҳибкорӣ, масалан, операторони шабакаҳои ахбори иҷтимоӣ низ дахл доранд. Ин маънои онро дорад, ки ин корхонаҳо барои риояи ҳуқуқи инсон уҳдадоранд. Дар идоракунии асосии роҳнамоии Созмони Милали Муттаҳид оид ба соҳибкорӣ ҷиҳати ҳуқуқи инсон гуфта мешавад, ки корхонаҳо ӯҳдадоранд, ки мадаанд бартараф намоянд ва кӯшиш кунанд, ки таъсири манфиро ба ҳуқуқи инсон, ки мустақиман ба фаъолият, маҳсулот ё хидматҳои онҳо дар натиҷаи муносибатҳои тиҷории онҳо алоқамананданд, пешгирӣ ё кам кунанд, ҳатто агар ба чунин таъсир бевосита мусоидат накарда бошанд ҳам.[40]

Созмони Байналмилалии меҳнат соли 2019 Конвенсияи 190-ро дар бораи барҳам додани зӯроварӣ ва озору азият дар бахши меҳнат қабул карда, ҳуқуқи ҳар касро ба "муҳити меҳнат, озоди аз таъқиб, аз

ҷумла зӯроварӣ ва таъқиби шаҳвонӣ" эътироф  кард, зеро зӯроварӣ ва озору азият, таҳдид ба принсипи имкониятҳои баробар аст." Конвенсия ёдовар мешавад, ки аъзоёни Созмон масъулияти махсус дар самти мусоидат ба фазои умумии «таҳаммулнопазирии сифр» нисбат ба зӯроварӣ ва  озору азияти ҷинсӣ, доранд.[41]

# Қайдҳо

**1** ARTICLE 19, Global Expression Report 2018/19, London, 2019, https://www.article19.org/ xpa-2019/.
**2** For more information on international standards that apply to freedom of expression and women's equality, see ARTICLE 19, Freedom of Expression and Women's Equality: Ensuring Comprehensive Rights Protection. London, 2020.
**3** UN Universal Declaration of Human Rights, 10 December 1948, https://www.un.org/en/universal-declaration-human-rights/.
**4** UN General Assembly, Resolution 2200A (XXI), International Covenant on Civil and Political Rights, 16 December 1966, entry into force: 23 March 1976, Article 49, https://www.ohchr.org/en/professionalinterest/pages/ccpr.aspx.
**5** Council of Europe, European Convention on Human Rights, entry into force: 21 September 1970, https://www.echr.coe.int/Documents/Convention_ENG.pdf.
**6** UN Human Rights Committee, General Comment No. 34, Article 19: Freedoms of opinion and expression, CCPR/C/GC/34, 12 September 2011, paragraph 11, https://www2.ohchr.org/english/bodies/hrc/docs/gc34.pdf.
**7** Ҳамон ҷой.
**8** Ниг. Ба санаде, ки дар қайди 4 иқтибос шудааст.
**9** Ниг. ба санаде ки дар қайд 6 параграф 50ff иқтибос шудааст.
**10** UN Human Rights Committee, CCPR General Comment No. 18: Non-discrimination, 10 November 1989, paragraph 6, https://www.refworld.org/docid/453883fa8.html.
**11** UN General Assembly, Resolution 34/180, Convention on the Elimination of Discrimination against Women, 18 December 1979, entry into force: 3 September 1981, https://www.ohchr.org/documents/professionalinterest/cedaw.pdf. See also "Convention on the Elimination of All Forms of Discriminations against Women", UN Women, https://www.un.org/womenwatch/daw/cedaw/.
**12** Committee on the Elimination of Discrimination against Women, "General recommenda- tion No. 35 on gender-based violence against women, updating general recommendation No. 19", CEDAW/C/GC/35, 14 July 2017 https://tbinternet.ohchr.org/Treaties/CEDAW/Shared%20Documents/1_Global/CEDAW_C_GC_35_8267_E.pdf.
**13** Ҳамон ҷо.
**14** UN, Beijing Declaration and Platform for Action, 15 September 1995, https://www.un.org/en/events/pastevents/pdfs/Beijing_Declaration_and_Platform_for_Action.pdf.
**15** OSCE, Ministerial Council, Decision No. 4/18, "Preventing and Combating Violence Against Women", 7 December 2018, https://www.osce.org/chairmanship/406019?download=true.
**16** "UN experts urge States and companies to address online gender-based abuse but warn against censorship", UN Office of the High Commissioner for Human Rights, news item, 8 March 2017, https://www.ohchr.org/EN/NewsEvents/Pages/DisplayNews.aspx?NewsID=21317.
**17** UN Human Rights Council, Resolution 32/13, The promotion, protection and enjoyment of hu- man rights on the Internet, A/HRC/RES/32/13, 18 July 2016, https://undocs.org/A/HRC/RES/32/13.
**18** Ibid.
**19** Ниг, санади дар қайди 4 омада.
**20** UN General Assembly, Report of the Special Rapporteur on the promotion and protection of the right to freedom of opinion and expression, A/HRC/29/32, 22 May 2015, https://undocs.org/A/HRC/29/32.
**21** Там же.
**22** OSCE, Ministerial Council, Decision No. 3/18, "Safety of Journalists", 7 December 2018, https://www.osce.org/files/f/documents/a/c/462187.pdf
**23** Ниг ба санади дар қайди 6, параграфи 44 омада.
**24** Council of Europe, Committee of Ministers "Recommendation of the Committee of Ministers to

member States on the protection of journalism and safety of journalists and other media actors", CM/Rec(2016)4, 13 April 2016 https://search.coe.int/cm/Pages/result_details. aspx?ObjectId=09000016806415d9#_ftn1.
**25** UN Human Rights Council, Resolution 21/12, "Safety of Journalists", A/HRC/RES/21/12, 9 October 2012, https://undocs.org/A/HRC/RES/21/12.
**26** UNESCO, Resolution 29, "Condemnation of violence against journalists", November 1997, https://en.unesco.org/sites/default/files/resolution29-en.pdf. UN Security Council, Resolution 1738 (2006), 23 December 2006, http://unscr.com/en/resolutions/doc/1738.
**27** "Resolutions on journalists' safety: How does the UN monitor their implementation?", IFEX news item, 22 December 2017, https://ifex.org/resolutions-on-journalists-safety-how-does-the-un-monitor-their-implementation/.
**28** UN Human Rights Council, Resolution 45/17, "The safety of journalists", A/HRC/45/17, 6 October 2020. https://undocs.org/en/A/HRC/RES/45/18
**29** United Nations General Assembly Resolution 74/157, "The safety of journalists and the issue of impunity", adopted on 18 December 2019, https://undocs.org/A/RES/74/157.
**30** Ниг ба санде, ки дар қайди 28 омода.
**31** UN General Assembly, Report of the UN Secretary-General on "The safety of journalists and the issue of impunity", A/72/290, 4 August 2017 https://undocs.org/A/72/290.
**32** UN Human Rights Council, Report of the Special Rapporteur on violence against women, its causes and consequences on Combating violence against women journalists, A/HRC/44/52, 6 May 2020 https://undocs.org/en/A/HRC/44/52.
**33** UN Plan of Action on the Safety of Journalists and the Issue of Impunity, UNESCO, CI-12/CONF.202/6, 2012, https://en.unesco.org/un-plan-action-safety-journalists.
**34** UN Sustainable Development Goals (SDGs), SDG 16: Promote peaceful and inclusive societ- ies for sustainable development, provide access to justice for all and build effective, accountable and inclusive institutions at all levels, 2015, https://sustainabledevelopment.un.org/sdg16
**35** "SDG Indicators Metadata repository", UN Sustainable Development Goals Statistics Divi- sion, https://unstats.un.org/sdgs/metadata/?Text=&Goal=16&Target=16.10.
**36** Ниг ба санади дар қайди 23 омада.
**37** Ҳамон чо.
**38** OSCE RFoM, "Commitments: Freedom of the Media, Freedom of Expression, Free Flow of Information, 1975-2017", 4th edition, 2017, https://www.osce.org/representative-on-freedom-of-media/99565.
**39** OSCE RFoM, Publications, collected: https://www.osce.org/resources/publications?fil- ters=im_taxonomy_vid_1:(27).
**40** UN Office of the High Commissioner for Human Rights, Guiding Principles on Business and Human Rights, 2011, https://www.ohchr.org/Documents/Publications/GuidingPrinciplesBusinessHR_EN.pdf.
**41** International Labour Organization, C190-Violence and Harassment Convention, 2019, https://www.ilo.org/dyn/normlex/en/f?p=NORMLEXPUB:12100:0::NO::P12100_ILO_CODE:C190.




# Аз сухан ба амал гузаштан

## **Аз сухан ба амал гузаштан**
### Иштирокдорони асосӣ чӣ кор карда метавонанд

Барои ҳал намудани масъалаи таъқиб ва суиистифода нисбат ба бонувони рӯзноманигор дар Интернет усулҳои бисёрсоҳавӣ бо иштироки ҷонибҳои бисёри манфиатдор тақозо мекунад. Дар ин фасли Дастурамал тадбирҳои фаврӣ оварда шудаанд, ки мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ метавонанд барои беҳтар кардани амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет онро амалӣ намоянд. Мақсад аз он баланд бардоштани самараи тадбирҳои мавҷуда, инчунин ҳавасманд гардондани иштирокдорони асосӣ барои ташаббусҳои навашон мебошад. Ин тадбирҳо дар якҷоягӣ ба бунёд намудани сохтори ба ҳам алоқаманд мусоидат мекунанд, ки дар доираи он бонувони рӯзноманигор метавонанд фаъолияти касбии худро дар Интернет дар муҳити бехатар анҷом диҳанд.

Даҳ боби оянда, мутаносибан, ба ду қисмат- барои фаъолони давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ тақсим шудааст. Ин дастурамал рӯйхати мукаммали тадбирҳоеро пешниҳод намекунад, ки бояд барои ҳалли доираи васеи масъалаҳои марбут ба таъқиб ва озори бонувони рӯзноманигор дар Интернет андешида шаванд. Он ба ҳар як иштирокдори асосӣ интихоби маҷмӯи тадбирҳои мувофиқтарин ва амалишавандаро пешниҳод мекунад. Масалан, ҳар як тадбири тавсияшаванда бо мисолҳоиҳои амалӣ аз ҷониби иштирокчиён аз кишварҳои гуногун пешниҳод карда мешавад ва ба ҳар як рӯйхати тавсияҳо номгуйи манбаъҳои муфид илова мегардад.

Амнияти бонувони рӯзноманигорро дар Интернет ҷудогона аз тадбирҳои таъмини амнияти тамоми рӯзноманигорон дидан имкон надорад ва ин мушкилотро бидуни кӯшиш барои расидан ба баробарии гендерӣ дар тамоми ҷомеа ҳал кардан мумкин нест. Ба ибораи дигар, амнияти занонро дар Васоити ахбори омма тавассути

фароҳам овардани ҳамон ҳуқуқҳо, имкониятҳо ва ҳимояҳое, ки имрӯз мардон бархурдоранд, беҳтар кардан мумкин аст. Бар асоси гуфтаҳои боло, баъзе аз тадбирҳои тавсияшаванда ворид намудани ҷанбаҳои гендериро ба ташаббусҳои мавҷудаи амнияти рӯзноманигорон дар бар мегиранд, дар ҳоле ки баъзеи дигар ба васеъ ё мутобиқ кардани тадбирҳои мавҷудаи баробарии гендерӣ алоқамандананд.

## › Равише, ки ҷанбаҳои гендериро ба инобат мегирад

Ҳама гуна ташаббус барои ҷилавгирӣ аз таъқиб ва зӯроварӣ нисбат ба бонувони рӯзноманигор дар Интернет бояд бо эътибор додан ба ҷанбаҳои гендерӣ тарҳрезӣ шавад. Дар ҳоле ки равиши ҳассос ба гендер аз дарки огоҳӣ аз нақшҳои гендерӣ, меъёрҳо ва муносибатҳои гендерӣ иборат аст, равиши ҷанбаҳои гендериро ба инобат гиранда маънои ба ҳисоб гирифтан ва амал кардани меъёрҳои гендерӣ, нақшҳо ва муносибатҳои мутаносиб ба онро дорад ва ҳамчунин таъсири гунонуни сиёсатҳо ва тадбирҳоро ба мардон ва занон арзёбӣ мекунад, яъне андешидани тадбирҳои таъмини баробарии гендериро дар назар дорад.

Даҳ равиш дар татбиқи тадбирҳо ва ташаббусҳо вуҷуд дорад, ки дар зер номбар шудаанд:

1. **«Гендерӣ-бетараф» маънои нодида гирифтани ҷанбаҳои гендериро дорад.** Ҳар як қарор ва тадбир, хоҳ санади қонунгузорӣ, хоҳ барномаи омӯзишӣ, хоҳ буҷет, хоҳ ягон санад ё тадбири дигар, ба одамони гуногун бо тарзҳои гуногун, аз ҷумла вобаста ба ҷинсашон таъсир мерасонад.

2. **Гендер бо дигар ченакҳои ҳуввият алоқаманд аст.** Гендер бо синну сол, табақа, даромад, мансубияти қавмӣ, тамоюли ҷинсӣ, дин, маъюбӣ, нажод ва дигар омилҳо, аз қабили мансуб будан ба фарҳанги шаҳрӣ дар қиёс бо деҳот, категорияҳои муайяни иҷтимоиро ба вуҷуд меорад, ки бо ҳам алоқаманданд ва ҳамчунин сохторҳои нобаробарии ба ҳам вобастаро эҷод мекунад. Ин равишро байнисоҳавӣ(ба ҳам омезишёбанда) меноманд ва зарурати он бо он ногузир аст, ки нобаробарӣ ба одамони гуногун бо роҳҳои гуногун таъсир мерасонад.

3. **Нобаробариро бояд дар ҳама марҳилаҳои раванд аз байн бурд.** Нобаробарӣ байни занон ва мардон, аз ҷумла дастрасии нобаробар ба қудрат ва ҳуқуқҳо бояд дар тамоми раванд, дар марҳилаҳои таҳия, банақшагирӣ, татбиқ, мониторинг ва арзёбии қонунгузорӣ, сиёсат ва ҳама гуна амалҳо ба назар гирифта шаванд.

4. **Гап на танҳо сари он аст, ки чиро бояд ба ҳисоб гирифт, балки онро чӣ гуна бояд анҷом дод.** Равиши вокуниш ба гендер, на танҳо дараҷаи таъсиррасонии муносибатҳои гендерӣ ва қудратро ба контекст ба назар мегирад, балки раванди фарогир, иштирокчӣ ва эҳтиромонаро дар бар мегирад, ки баробарии гендериро тавонманд ва мусоидат мекунад.

5. **Иттилоот- калид барои дарёфти роҳҳои ҳалли масъала аст.** Иттилооти дақиқ ва ҳамаҷониба дар бораи ҳамла ба рӯзноманигорон, ки аз рӯи ҷинсият ва дигар омилҳои байнисоҳавӣ ҷудо карда шудаанд, барои таҳияи тадбирҳои ҷавобии муассир зарур аст, ки ба шароитҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ мутобиқ карда шудаанд.

6. **Гӯш додан ба андешаҳои гуногун муҳим аст.** Барои таъмини иштироки фаъолонаи бонувони рӯзноманигор дар қабули қарорҳои марбут ба фаъолияташон ва ба таъсиррасонӣ ба зиндагиашон, машваратҳои васеъ ва ошкоро, аз ҷумла бо ташкилотҳои давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ дар соҳаҳои дахлдор зарур аст.

7. **Рушди иқтидор барои ноил шудан ба дигаргуниҳо.** Ба ҳамаи онҳое, ки фаъолиташон ба таъмини амнияти рӯзноманигорон алоқамандӣ дорад, бояд имконият дода шавад, ки бо равишҳое шинос шаванд, ки ҷанбаҳои гендериро ба инобат мегиранд. Барои ноил шудан ба тағйирот дар миқёси васеъ ва дарозмуддат, пеш аз ҳама бояд ба онҳое, ки нуфуз ва қудрати кофӣ дар ҳукумат доранд, такя кард .

8. **Ҷудо кардани ҳаҷми кофии манъбаҳо.** Уҳдадориҳо ба равише, ки ҷанбаҳои гендериро ба инобат мегирад, бояд бо амалҳо, бахусус тавассути ҷудо кардани мабаъҳоии(захираҳои) кофии инсонӣ ва молиявӣ ба роҳ монда шавад.

9. **Иҷрои ҳадафҳи S.M.A.R.T.** Равиши маъруф ба номи S.M.A.R.T. аз он иборат аст, ки ташаббусҳо оид ба мубориза бо таъқиб ва суиистифода нисбат ба бонувони рӯзноманигор дар Интернет бояд ҳадафҳои мушаххас (Specific),ченакшаванда(Measurable), дастрас(Attainable), актуалӣ (Relevant) ба муҳлат мувофиқ карда шуда (Time-bound)-ро муайян кунанд, ки ба ҳисоботпазирӣ нисбат ба тадбирҳо оид ба таъмин баробарии гендерӣ ва ба низом даровардани таҷриба ва ба ҳамин васила ба баланд бардоштани самаранокии амалҳои оянда мусоидат менамояд.

10. **Тадбирҳо барои таъмини амнияти занон набояд ҳуқуқҳои асосии онҳоро маҳдуд кунад, балки мусоидат кунанд.** Ҳама чораҳое, ки метавонанд ҳуқуқ ба озодии баёнро маҳдуд созанд, бояд дар қонун пешбинӣ шуда, бо мақсади қонунӣ хизмат кунанд, дар ҷомеаи демократӣ зарур ва мутаносиб бошанд. Ба вуҷуд овардани монеаҳо ё маҳдуд кардани фаъолияти касбии занон ба фароҳам овардани амнияти онҳо монеъа шуда наметавонад.



# Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ

# Тадбирҳои тавсияшаванда

1. Таҳияи барномаи миллии чорабиниҳо оид ба амнияти рӯзноманигорон бо дарназардошти шароити махсуси бонувони рӯзноманигор;

2. Барои ҳифзи рӯзноманигорон ҷустани тадбирҳо бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ;

3. Ҷамъоварии маълумот дар бораи ҳамлаҳо ба рӯзноманигорон бо мақсади амали намудани сиёсатҳо ва гузаронидаи тадқиқот дар асоси маълумоти пурра, инчунин бо мақсади мусоидат ба маъракаҳои иттилоотие, ки ба ҳавасмандгардонии иштироки шахсони тасмимгиранда ва ҷомеа нигаронида шудаанд;

4. Огоҳонидани механизмҳои асосии байналмилалии ҳуқуқи башар дар бораи вазъи амнияти бонувони рӯзноманигор ва ворид намудани ин масъала ба рӯзномаи кории мавзӯи сиёсати хориҷӣ.

# 1. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ

## Татбиқи сиёсатҳо ва таҷрибаҳо барои беҳтар кардани вазъи амнияти рӯзноманигорон

Ҳокимияти иҷроия барои идоракунии давлат тавассути  сиёсат ва муқаррар кардани равандҳои амалӣ ва иҷрои самараноки қонунҳо масъул аст. Дар ин боб як қатор тадбирҳое оварда шудаанд, ки маъмурияти президент, роҳбарияти ҳукумат ё вазоратҳо метавонад барои ҳифз ва беҳтар кардани амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет анҷом диҳад. Ҳарчанд дар ин бахш ҳукуматҳои маҳаллӣ, ки аз рӯи сохтор ва вазифаҳояшон гуногунанд, ба назар гирифта нашаванд ҳам, тадбирҳои тавсияшаванда метавонанд ҳамзамон барои онҳо низ муҳим мебошад. Нақши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки онҳо ҳам ба сохтори ҳокимияти иҷроия дохиланд, дар боби чорум алоҳида баррасӣ шудааст.

**Қарори Шурои вазирони САҲА № 3/18 давлатҳои узвро даъват мекунад, ки «Тамоми ӯҳдадориҳои САҲА ба душ гирифта ва тамоми ӯҳдадориҳои байналмилалиро , ки марбут ба озодии баён ва озодии ВАО, аз ҷумла тавассути эҳтиром гузоштан, ташвиқ кардан ва ҳимояи озодона ҷустуҷӯ кардан, пайдо намудан ва паҳн намудани иттилоот, сарфи назар аз сарҳадҳои давлатиро, пурра иҷро намоянд»**

## › Таҳияи барномаи миллии чорабиниҳо оид ба таъмини амнияти рӯзноманигорон бо дарназардошти шароити махсуси бонувони рӯзноманигор

Уҳдадориҳо барои таъмини амнияти бонувони рӯзноманигор бояд дар зинаҳои болоии ҳукумат ҳам дар сухан ва ҳам дар амал нишон дода шаванд. Аъзои ҳукумат бояд ҳамла ба бонувони рӯзноманигорро вобаста ба фаъолияти касбиашон ошкоро ва бечунучаро маҳкум кунанд ва на танҳо хушунати ҷисмониро, балки ҳолатҳои озори ҷинсӣ, тарсонидан, таҳдид ва дигар навъҳои суиистифода, аз ҷумла бо истифода аз технологияҳои рақамӣ.[1] Мансабдорон бояд намунаи ибрат бошанд ва аз сиёҳ кардан, тарсондан ё таҳдид кардан ба васоити ахбори омма, аз ҷумла бо истифода аз гуфтори шаҳватомез нисбат ба бонувони рӯзноманигор худдорӣ намоянд.

Зӯроварӣ, таъқиб ва суйистифода аз бонувони рӯзноманигор дар Интернет ба мушкилоти густурдаи нобаробарии иҷтимоӣ ва муносибат ба занон дар маҷмӯъ иртиботи ногусастанӣ дорад. Сиёсате, ки барои решакан кардани сабабҳои аслии зӯроварӣ дар асоси гендерӣ ва стереотипҳои гендерӣ равона шудааст,бояд бо барномаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани амнияти рӯзноманигорон тавъам бошад ва пурра карда шаванд. Бояд ҳуқуқ ва имконияти занон набалки дар ВАО, умуман дар ҷомеъа ҳавасманд гардад.

Албатта, таъқиб ва суийистифода нисбати бонувони хабарнигор дар Интернет ба фаъолияти онҳо дар расонаҳо вобастагӣ дорад. Фаҳмидани хусусиятҳои ҳар як кишвар барои ҳифзи амнияти рӯзноманигорон хеле муҳим аст ва аз ин рӯ, ҳадафи аввал дар таҳияи барномаи чорабиниҳои миллӣ оид ба амнияти рӯзноманигорон

ва ба он ворид намудани арзёбии таъсири навъҳои гуногуни таҳдидот (ҷисмонӣ,равонӣ, рақамӣ,ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ) ба бонувони рӯзноманигор ва мардон- ҳамкорашон мебошад.

Ҳадафи ниҳоии барномаи чорабиниҳои миллӣ бояд таҳияи тадбирҳои самаранок оид ба татбиқи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон вобаста ба амнияти рӯзноманигорон бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ бошад. Ин маънои таҳияи фаъолиятҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои мушаххаси бонувони рӯзноманигор ва ҳамзамон андешидани тадбирҳо барои тағйир додани динамикаи нақшҳои гендерӣ ва таносуби қудратҳост, ки баробарии гендериро халалдор мекунанд. Гузаронидани аудити гендерӣ дар робита бо татбиқи меъёрҳо ва ӯҳдадориҳои мушаххас, ба монанди Қарори Шурои вазирони САҲА № 3/18 «Оид ба амнияти рӯзноманигорон», дар доираи татбиқи барномаи чорабиниҳои миллӣ оид ба амнияти рӯзноманигорон, яке аз қадамҳои ҷиддӣ дар ин самт мебошад. Агар дар кишвар кайҳо боз барномаи чорабиниҳои миллӣ оид ба ҳифзи амнияти рӯзноманигорон мавҷуд бошад, онро метавон аз нав баррасӣ намуд бо назардошти тадбирҳои муборизa бо таъқиб ва суйистифода дар Интернет. Чунин тадобир метавонад таҳияи барномаи омузишӣ оид ба ошкор намудан ва пешгирӣ намудани таъқиб ва суиистифода дар Интернетро дар бар гирад ва ё ҳамчунин таъсис ё таҳкими иттиҳодияҳои ҳоми, шабакаҳо ва форумҳоро барои бонувони рӯзноманигор , хусусан онҳое ки бо мушкилоти суйистифода дар Интернет дучор шудаанд.[2]

Ҳангоми татбиқи ин тадбирҳо қатъиян тавсия дода мешавад, ки бо ҳамагуна ташаббусҳо дар соҳаҳои бо ҳам алоқаманд, масалан, дар доираи барномаи чорабиниҳоии миллӣ оид ба тамини баробарии гендерӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва ғайра ҳамкорӣ намоянд.

Тибқи нақшаи кории СММ оид ба амнияти рӯзноманигорон ва масъалаи беҷазоӣ, рушди ҳамкориҳои стратегӣ бо созмонҳои мухталифиба сохтори СММ ворид набуро дар сатҳи байналмилалӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ ниҳоят муҳим аст.[3] Тадбирҳо оид ба мубориза бо таъқиб ва суиистифода нисбат ба занони рӯзноманигор бояд бо иштироки бевоситаи худи рӯзноманигороне, ки ба ин мушкилот дучор мешаванд, таҳия ва амалӣ карда шаванд. Дар ин сурат тадбирҳои таҳияшаванда ба таҷрибаи онҳо асос ёфта, иштироки бонувони рӯзноманигор дар ин раванд, дар навбати худ, имконоти онҳоро васеъ ва ҳуқуқҳояшоро тақвият мебахшад. Ҳамаи шохаҳои ҳокимият; созмонҳои мустақили ҳимояи ҳуқуқи башар; мақомоти танзим ва худтанзимкунии ВАО; миёнаравҳои интернет; ВАО-и давлатӣ, хусусӣ ва ҷамъиятӣ; ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои рӯзноманигорон; гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ; марказҳои таълимии рӯзноманигоронва муассисаҳои таълимӣ; коршиносони саводнокии расонаӣ ва созмонҳои ҳимояи ҳуқуқи занон, метавонанд дар ин раванд ширкат варзанд.

## Мисолҳо

**Интегратсияи (ҳамгироии) барномаи чорабиниҳои миллӣ:** Дар барномаи чорабиниҳои миллии шведӣ: «Ҳифзи озодии

баён: тадбирҳо оид ба ҳимояи рӯзноманигорон, намояндагони интихобшуда ва кормандони фарҳанг аз таҳдидҳо ва нафрат» зарурати ҳамгироии барномаи амнияти рӯзноманигорон бо стратегияи миллии гендерӣ, зарурати таъмини рафти, ки мушкилоти гендериро аз ҷониби иштирокдорон калидӣ ба назар мегирад, ба монанди низоми судӣ, эътироф шудааст.[4] Ҷанбаи асосии ин барнома ина, рушд ва маблағгузории муассисаҳои мавҷуда , аз қабили марказҳои маҳаллии кӯмак ба ҷабрдидаҳо ва хадамоти боварӣ бо мақсади дастгирии онҳоест, ки ба сабаби иштирокашон дармуҳокимаҳои оммавӣ мавриди таҳдид қарор мегиранд.

**Гузаронидани аудитҳо:** Соли 2018 Донишгоҳи Амстердам Аудити озодии баён дар Нидерландияро[5] гузаронд, то ки манзараи мушаххаси иҷрои Тавсияи Шурои Аврупо дар соли 2016 оид ба ҳимояи рӯзноманигорон, амнияти онҳо ва дигар намояндагони ВАО дар Нидерландро ба даст оварад.[6] Ҳарчанд аудит ба масъалаи хушунати интернетӣ нисбати анони рӯзноманигор дахл намекунад, аммо он намунаи хуби бархӯрди самараноки арзёбӣ мебошад.

**Дохил кардани мавзӯи ҳимояии рӯзноманигорон ба ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи сиёсат**: Барои баланд бардоштани таъсирноки, масъалаи ҳимояи рӯзноманигоронро метавон ба сиёсати миллӣ оид ба баробарии гендерӣ ва ҳуқуқи инсон ё дигар сиёсатҳои марбута дохил кард. Масъалан, Барномаи миллии ҳифз ва ташвиқи ҳуқуқи башар барои давраи аз соли 2013 то соли 2016, ки дар Хорватия амалӣ шуда буд, тавсияеро дар бар мегирад, ки таъқиби судии афроди муттаҳам дар таҳдид ва хушунат алайҳи хабарнигоронро сахттар кунад.[7]

## Манбаъҳо

- Нишондиҳандаҳои ЮНЕСКО (PJS)8 оид ба амнияти рӯзноманигорон (НАР)[8] -як қатор нишондиҳандаҳоеро дар бар мегирад, ки барои арзёбии ҳифзи амнияти рӯзноманигорон дар сатҳи миллӣ коркард шудаанд ва ҳамчунин дастурамал оид ба истифодаи ин нишондиҳандаҳо механизми арзёбӣ бо назардошти ҷанбаҳои гендериро таъмин менамояд.[9] Нишодиҳандаҳои амнияти рӯзноманигорон дар Афғонистон, Гватемала, Ироқ, Кения, Непал ва Покистон татбиқ карда шуданд.

- Раҳнамои чорабиниҳоии миллӣ оид ба мубориза бо зӯроварӣ нисбат ба занон, ки аз ҷониби Сохтори «СММ-Занон»нашр шудааст, метавонад ҳамчун нуқтаи ибтидо барои ҳамгироии равиши гендерӣ дар бораи тадбирҳо оид ба амнияти рӯзноманигорон хизмат кунад.[10] Матлаби дигари сохтори «СММ-занон» - Усулҳои гузаронидани баҳодиҳӣ бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ, тавсияҳо оид ба баҳогузории амнияти бонувони рӯзноманигор бо истифода аз равишҳои, ки ҷанбаҳои гендериро ба инобат мегирад.[11]

## › Барои ҳифзи рӯзноманигорон ҷустани тадбирҳо бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ

Ба рӯзноманигороне, ки дучори таҳдид шудаанд, бояд дастрасии мустақим ба чораҳои мушаххаси ҳимоя дода шавад. Механизми вокуниши фаврӣ ба таҳдидҳо алайҳи рӯзноманигорон метавонад василаи муассири ҳифзи ҷабрдидагониии (эҳтимолиии) таъқиб ва пешгирӣ аз авҷёбии эҳтимоли. Чунин механизм метавонад таҳти назорати яке аз мақомоти давлатӣ бошад, ба монанди мақомоти

ҳифзи ҳуқуқ ё гурӯҳи байниидоравӣ, ки дар доираи механизми миллии ҳимоят соҳиби салоҳият аст. Ҳарчанд чунин механизмҳо маъмулан дар ҳолатҳои ҳамлаи ҷисмонӣ истифода шаванд ҳам, метавонанд барои расонидани дастгирии ҳуқуқӣ ва равонӣ, аз ҷумла ҳангоми таъқиб ва суиистифода дар Интернет истифода шаванд.

Аксаран бо дарназардошти паҳлуҳои возеҳ ва нозукиҳои хоси таҳдид ба бонувони рӯзноманигор, ки метавонад  аз таҳдидҳои шаҳвонӣ ва дигар шаклҳои зӯроварӣ ва таҷовуз, аз ҷумла нисбат ба аъзои оила иборат бошанд, хеле ва хеле муҳим аст,ки ҷанбаҳои гендерӣ дар ҳама тадбирҳо, аз ҷумла дар механизмҳои фаврӣ ба инобат гирифта шавад. Пеш аз ҳама зарур аст, ки дар таҳлили ҳамлаҳо хусусияти гендериро ба назар гирифта, занонро ба он гуруҳҳое, ки барои таъмини амният масъуланд, шомил кард. Масалан, афсарбонувонии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонанд барои ҳимояи ҷабрдидагони ҳамла, ба ҳайси муҳофиз ҷалб карда шаванд ва ё занон ба ҳайси оператори телефони боварӣ таъин карда шаванд. Протоколҳои арзёбии хатар ва вокуниш бояд чораҳои амниятӣ ё дастгириро, масалан дар ҳолати зарурати кӯчонидани занон бо назардошти ниёзҳои хоси бонувони мавриди ҳамла қароргирифта, пешбинӣ намоянд.

Ҳар як механизм вокуниши фаврӣ ё муҳофизатӣ бояд на танҳо кашфкунанда, балки чораҳо ва роҳҳои ҳалли пешгирикунанда ва фаъолро низ таъмин кунад. Ин метавонад як маҷмӯи онлайн ё мониторинги воқеии хатарҳо ва таҳдидҳо алайҳи хабарнигорон ва дар якҷоягӣ бо таҳлили гендерӣ бошад. Чунин чораҳои пешгирикунанда ба муайян кардани тамоюлҳо кӯмак мекунанд ва имкон медиҳанд, ки ба таҳдидҳо самараноктар мубориза баранд. Тадбирҳои пешгирикунанда инчунин метавонанд шомили барномаҳои омӯзишӣ барои ҳамаи ҷонибҳои ҷалбшуда, аз ҷумла омӯзиш оид ба усулҳои вокуниши таъқиб  ва суиистифода нисбат ба рӯзноманигорон дар

Интернет ва таҳияи манбаъҳои иттилоотии дастрасро дар бар гиранд, ки тавассути онҳо рӯзноманигорон тарзи истифодаи механизмҳо ва чораҳои мавҷударо омӯзанд. Ин кӯшишҳо бояд бо маъракаҳои фаҳмондадиҳӣ ҳамроҳ шаванд.

Барои бештар дастраст ва муассир шудани чораҳои муҳофизатӣ, онҳо бояд ба ҳолат ва вазъияти мушаххас ва вазъи ҳар як рӯзноманигори алоҳида мутобиқ карда шаванд. Масалан, ин маънои онро дорад, ки таҷҳизоти муҳофизатӣ бояд барои пӯшидани занон мутобиқ карда шавад, кӯмаки молиявӣ бояд шумори аҳли оила кӯмакгирандагон ба назар гирад ва ба рӯзноманигороне, ки дар Интернет таъқиб ё таҳқир мешаванд, бояд кӯмаки махсуси равонӣ кафолат дода шавад. Ҳамаи онҳое, ки ба таъмини амнияти рӯзноманигорон машғуланд, бояд бо усулҳое омӯзонида шаванд, ки ҷанбаи гендерро ба инобат мегирад.

Сохторсозии механизмҳо ва тадбирҳои муҳофизат, аз ҷумла иштироки ҷонибҳои гуногуни манфиатдор дар идоракунӣ ва назорат, имкон медиҳад, ки доираи васеъи дониш андухта шаванд ва ҳисботпазирӣ таъмин гардад. Ба гуруҳи ҷонибҳои манфиатдор бояд созмонҳои ҳимоя ҳуқуқи занон ва созмонҳои рӯзноманигорӣ дохил шаванд.

Тадбирҳо оид ба фароҳамоварии амният бояд ҳамеша бо таъқиби гунаҳкорони ҷиноят алайҳи хабарнигорон ва мубориза бо беҷазоӣ барои ин гуна ҷиноятҳо ҳамроҳ шаванд. Ба ҳайси тадбири мушаххас, ҳокимияти иҷроия метавонад як прокурори мустақилро, ки ба ҷиноятҳои зидди озодии баён ва рӯзноманигорон махсус ҷудо ва таъин кунад. Прокурори мустақил парвандаҳоро назорат ва ҳамоҳанг мекунад; ба осебдидагон ёрӣ мерасонад; ва фарҳанги оштинопазирӣ нисбат ба беҷазоиро барои ҷиноёт алайҳи озодии баён ва рӯзноманигорон тарғиб мекунанд.[12] Чунин мутахассис бояд бо равишҳои ҷанбаҳои гендерӣ ва равишҳояш хуб шинос.

Баъзе кишварҳо кайҳо боз механизмҳои мукаммали муҳофизати миллӣ ё зудамал фаврӣ доранд. Бо вуҷуди ин, азбаски ҳамлаҳо бар асоси гендерӣ, аз ҷумла таъқиб ва суиистифода дар Интернет, нисбатан ба наздикӣ характери таҳдиди ҷиддиро гирифтанд, шояд зарурати аз нав баррасӣ ва ислоҳоти механизмҳои мавҷуда барои ворид кардани усулҳои нав ба ҷанбаҳои гендерӣ ба вуҷуд ояд. Ин раванд бояд дар машварат бо дигар ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла коршиносон оид ба гендер дар сиёсати давлатӣ ва кӯмак дар таъмини амният амалӣ карда шавад.

## Мисолҳо

**Сохтани механизмҳои миллии вокуниши фаврӣ:** Раёсате аз Вазорати корҳои дохилии Италия Ufficio Centrale Interforze per la Sicurezza Personale механизми зудамали фавриро роҳбарӣ мекунад, бо муҳофизон, мошинҳои зиреҳпӯш ва дигар таҷҳизоти муҳофизатӣ хабарнигоронеро таъмин мекунад, ки аз ҷониби созмонҳои ҷиноӣ мавриди таҳдид қарор мегиранд.[13]

**Таъсиси гурӯҳҳои бисёрҷониба:** Нидерландия як гурӯҳи бисёрҷонибаи ҳамоҳангсозӣ оид ба вокуниш ба таҷовуз ва ҳамла ба рӯзноманигоронро барои фаъолияти якҷояи полис, додситонҳо, ВАО ва рӯзноманигорон оид ба вокуниш ба чунин ҳамлаҳо таъсис додааст.[14]

**Ҳавасмандгардони фаъолити комисияи тафтишотӣ:** Вазорати корҳои дохилии Сербистон дар якҷоягӣ бо Раёсати амнияти миллӣ ва иттиҳодияҳои рӯзноманигорон кори Комиссияи таҳқиқи куштори

рӯзноманигорон дар давраи ҷанг дар Югославияи собиқ зери назорат гирифтааст , ки он соли 2013 таъсис ёфтааст. Дар натиҷаи фаъолияти комиссия соли 2019 як ҷинояткор маҳкум шуд, ки дар соли 1999 ҷинояти куштори рӯзноманигори сербро содир кардааст. Ҳарчанд комиссия ба масоили таъқиб ва суйистифода аз бонувони рӯзноманигор дар Интернет сару кор надорад, аммо он намунаи хуби истифодаи самараноки таҷриба ва назорати ҷонибҳои мухталифи манфиатдор мебошад.[15]

**Дастгирии механизмҳои минтақавии вокуниши фаврӣ:** Дар соли 2020 Иттиҳоди Аврупо (ИА) таъсиси Механизми зудамал фаврӣ барои ҳимояи рӯзноманигорон аз вайроншавии озодии ВАО-ро дастгирӣ кард, ки кор ҳамарузаи онро як гурӯҳи созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамарӯза идора мекунанд[16]. Барои ҳомиёни ҳуқуқи башар аллакай механизми Proteccienne:enCeris.eu мавҷуд аст, ки он рӯзноманигоронро низ дар бар мегирад ва аз ҷониби консорсиуми созмонҳои ғайридавлатии ҳуқуқи башар идора карда мешавад[17].

**Таъсиси механизмҳои миллии муҳофизат:** Колумбия аввалин кишваре дар ҷаҳон шуд, ки механизми миллии ҳимояи рӯзноманигоронро таъсис дод, ки дар таркиби он кумитаи махсус оид ба ҳифзи занон аст. Ба он намояндагони созмонҳои ҳимояи ҳуқуқи занон, ҳукумат ва созмонҳои байналмилалӣ, ба монанди «СММ- Занон» дохил мешаванд. Аъзои Кумита ҳар як парвандаро аз зовияи мушкилоти гендерӣ таҳлил мекунанд, ки ин барои андешидани тадирҳои ҷавобӣ вобаста ба вазъият имкон медиҳад.[18] Дар соли 2012, пас аз дувоздаҳ соли таъсиси барномаи ҳимояи рӯзноманигорон, ҳукумати Колумбия протоколеро барои аз байн бурдани таҳдидҳо ба бонувони рӯзноманигорон амалӣ кард. Ин намунаи олиҷанобе аз нав дида баромадан ва ислоҳоти механизми мавҷуда аст, ки ҳамгироии равиши ба ҷанбаҳои гендерӣ равонашударо ба инобат мегирад.

**Таъин намудани додситонҳои махсус:** дар соли 2006 дар Мексика бори аввал прокурори махсуси парвандаҳои ҷиноятҳо зидди озодии баён ва бахусус дар ҳолатҳои ҳамла ба рӯзноманигорон таъсис ёфт.[19]

## Манбаъҳо

- Дар гузориши Шурои Ҳуқуқи Башар (UNHRC) оида ба фаъолияти иҷлосияи бисту чоруми махсуси худ намунаҳои таҷрибаи хуби фаъолони давлатӣ ва ғайридавлатиро дар соҳаи амнияти рӯзноманигоронро ҷамъ овардааст.[20]

- Шурои Аврупо (ША) як қатор тавсияҳо ва намунаҳои таҷрибаи пешқадамро оид ба амнияти рӯзноманигорон таҳти унвони «Тадбирҳо оид ба ҳимояи рӯзноманигорон ва дигар намояндагони ВАО» нашр кардааст, ки аз намунаҳои мушаххаси татбиқи меъёрҳои ША оид ба амнияти рӯзноманигорон дар баъзе кишварҳо иборатанд.[21]

- Бо иддае аз усулҳои таъмини амнияти рӯзноманигорон метавон дар силсилаи матолиби нашрнамудаи созмони ғайриҳукуматии International Media Support бо номи «Ҳимояи рӯзноманигорӣ» шинос шуд.[22] Яке аз матлабҳои ин силсила ба амнияти бонувони рӯзноманигорон бахшида шудааст.[23]

  - Механизми мониторинг ва эътинокардан ба таҳдидҳо алайҳи рӯзноманигорон ва кормандони ВАО, Media Freedom Rapid Response маҷмуи тадбирҳоро барои таъмини амнияти хабарнигорон нашр кард, ки аз ҷониби кишварҳои узв ва

номзадҳо ба Иттиҳоди Аврупо қабул шудаанд.[24]

- Донишгоҳи Палермо дар ҳисоботи худ оид ба вазъи Колумбия, Мексика ва Гватемала, самаранокӣ ва сохтори институтсионалии механизмҳои ҳимояи рӯзноманигоронро дар ин кишварҳо таҳлил кардааст.[25]

## › Ҷамъоварии маълумот дар бораи ҳамла ба бонувони рӯзноманигор бо мақсади таҳияи сиёсат ва гузаронидани тадқиқот дар асоси маълумоти пурра ва ҳамчунин ба мақсади мусоидат ба чорабиниҳои иттилоотӣ, ки ба ҳавасмандагардонии иштироки шахсони тасмимгиранда ва ҷомеа равона шудааст

Чораҳои қатъӣ нисбат ба таъқиб ва суиистифода аз бонувони рӯзноманигор дар Интернет танҳо дар сурате андешида хоҳад шуд, ки сиёсатмадорон, мутахассисони ВАО, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷомеа аз доираи мушкилот ва таъсири он ба касби рӯзноманигорӣ, озодии баён ва дастрасӣ ба иттилоот тасаввуроти комил дошта бошанд барои ин ҷамъоварӣ, таҳлил ва таҳқиқи маълумотҳоизиёд ва сифатнок талаб карда мешавад.[26]

Аввалан бояд маълумотро аз рӯи тақсимбандӣ ба ҷинсият  ва инчунин дигар омилҳои байнисоҳавӣ ҷамъоварӣ кард. Чунин маълумот барои қабули қарорҳо дар бораи мураккабӣ ва гуногунии таъсироти зӯроварӣ ба занон ва фаҳмидани он, ки хушунати сохторӣ ба гурӯҳҳои муайяни ҷомеа чӣ гуна татбиқ мешавад, зарур аст.

Баъзе самтҳои асосии тадқиқот ҷамъоварии маълумотҳоро дар бар мегиранд, ки имкони ташхис кардани шаклҳои гуногуни зӯроварӣ ва арзёбии шиддати ҳамлаҳои интернетӣ ва таъсири онҳо ба ҳуқуқи рӯзноманигорон ва кори онҳоро медиҳанд. Муайян кардани монеаҳо ва хатарҳое, ки занон бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд ва дарки он, ки онҳо аз монеаҳо ва хатарҳое, ки ҳамтоёни мардонашон бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, чӣ гуна фарқ мекунанд, дар бораи таҳияи сиёсат ва дигар посухҳои эҳтимолӣ дар асоси далелҳо маълумот хоҳанд дод.

Беҳтарин ҷамъоварии маълумот бояд дар ҳамкорӣ бо идораҳои миллии омор, донишгоҳҳо, пажуишгоҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи башар ва гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ сурат бигирад, ки ин барои ба даст овардани маълумоти бештар дақиқ ва мустақил имкон медиҳад ва ҳуқуқ ба дахолатнопазирии ҳаёти хусусиро таъмин менамояд.[27] Ба ғайри субъектҳои миллӣ, маълумоти ҷамъоваришуда метавонанд барои механизмҳои байналмилалӣ лозим бошанд. Масалан, Шарҳи ихтиёрии миллӣ оид ба иҷрои нишондиҳандаи Ҳадафҳои Рушди Устувор (SDGs) аз ҳукуматҳо талаб мекунанд, ки дар бораи шумораи ҳамлаҳо алайҳи рӯзноманигорон дар кишварҳояшон гузориш диҳанд.[28]

Ҷамъоварии маълумот инчунин метавонад барои гузаронидани маъракаҳои фаъоли иттилоотӣ мусоидат намуда, нишон диҳад, ки таъқиб ва суиистифода дар Интернет -на танҳо ҳамла ба бонувони рӯзноманигор, балки поймол кардани озодии баён ва озодии расонаҳост ва ҳамчунин таҳдид ба ҳуқуқи ҳар як инсон ва дар умум ҷомеа барои дастарсӣ ба иттилоот аст.[29]

Фаъолияти иттилоотӣ-маърифатӣ боз як қадами муҳим дар роҳи беҳтар кардани дарки мушкилот дар ҷомеа мебошад. Ташкилотҳои таълимӣ

метавонанд масъалаи истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ ва равандҳои замонавиро ба барномаҳои таълимӣ ё барномаҳои саводнокии расонаӣ ворид кунанд ва барномаҳои омӯзиши калонсолон ва таҳсилоти ғайрирасмиро тарҳрезӣ ва амалӣ созанд ва саводнокии расонаӣ ва рақамиро дар ҷомеа афзоиш диҳанд. Ин равиш метавонад барои ҳама, аз ҷумла бонувони рӯзноманигор, дар фароҳам овардани муҳити амнтар мусоидат кунад. Дар доираи стратегияи огоҳии ҷомеа, мансабдорони давлатӣ бояд бо изҳороти оммавӣ, аз ҷумла дар ҳолатҳои зарурӣ, баромад кунанд, дар шабакаҳои иҷтимоӣ паёмҳо нашр кунад, изҳори пуштибонӣ аз рӯзноманигороне намоянд, ки бо суиистифода дар Интернет дучор омадаанд ва чорабиниҳо оид ба ҷалб намудани таваҷҷуҳи шаҳрвандон доир ба нақши рӯзномаингорӣ ва таъсири манфии ҳамла ба бонувони рӯзноманигор, умуман дар ҷомеа, ташкил намоянд. Рӯзҳои таҷлили идҳо, аз қабили Рӯзи ҷаҳонии озодии матбуот (3 май), Рӯзи иди байналмилалии хотима додан беҷазои алайҳи ҷиноятҳои зидди рӯзноманигоронн (2 ноябр), Рӯзи байналмилалии занон (8 март) ва Рӯзи байналмилалии барҳам додани хушунат алайҳи занон (25 ноябр), барои ба амал баровардани чунин тадбирҳо заминаи хуб мебошанд.

## Мисолҳо

**Таъсиси гурӯҳи коршиносони ҳуқуқ:** Дар Британияи Кабир як ҳайати баландпоя ва мустақили коршиносони ҳуқуқ таъсис дода шудааст, ки барои таҳияи қонунгузорӣ ва сиёсат дар бораи амнияти рӯзноманигорон тадқиқот мегузаронад.[30] Аввалин гузориши гурӯҳ, ки моҳи феврали соли 2020 нашр шуд, ба истифодаи таҳримҳои

мақсаднок барои ҳимояи рӯзноманигорон бахшида шудааст.[31]

**Таҳияи барномаҳои саводнокии расонаҳо:** дар ҳисоботе, ки аз ҷониби коршиносони миллӣ барои Обсерваторияи аудиовизуалии Комиссияи Аврупо таҳия шудааст, дар бораи 547 лоиҳаи саводнокии расонаҳо дар кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо хабар медиҳанд, ки аз соли 2010 амалӣ карда мешаванд. Дар 403- лоиҳа ба иштирокчиён малакаҳои саводнокии расонаҳои вобаста ба тафаккури интиқодӣ ва дар 385 лоиҳа инчунин малакаҳои истифода аз ВАО омӯзонида шуд.[32]

Финляндия сиёсати миллиашро ба муассисаҳои таълимии расмӣ ва ғайрирасмӣ, васоити ахбори омма ва дигар субъектҳо равонаро дорад, ки ҳадафаш аз он омӯзонидани васоити чопӣ, электронии ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад.[33]

## › Итилло додан ба механизмҳои асосии ҳуқуқи башар дар бораи вазъи амнияти бонувони рӯзноманигор ва ворид намудани ин масъала дар рӯзномаи кории сиёсати хориҷӣ

Давлатҳо метавонанд, тавассути иштирок дар созмонҳои байнидавлатӣ, дар таҳияи меъёрҳои байналмилалии амнияти рӯзноманигорон нақши созанда бозанд. Онҳо бояд бо пешниҳодот дар бораи ворид намудани масъалҳои амнияти бонувони рӯзноманигор ва ҳамчунин равишҳои бештар устувори ҷанбаҳои гендериро ба инобат гиранда, дар бисёре аз қарордодҳои қабулкардаи ин ташкилотҳо, тавсияҳо ва қарорҳо оид

ба ин масъалаҳо баромад кунанд. Давлатҳо инчунин метавонанд дар ниҳодҳои дахлдори шартномавии байналмилалӣ, ки бо баробарии гендерӣ сарукор доранд, ба монанди Кумитаи СММ оид ба барҳам додани маҳдудияти ҳуқуқ нисбат ба занон ё Комиссияи СММ оид ба вазъи занон (UNCSW) фаъолона иштирок ва ҳамкорӣ кунанд. Аз ҷумла, Комиссия пешравиро дар татбиқи Баёния ва Платформаи амалҳои Пекин назорат мекунад, ки аҳамияти пешбурди занонро дар саноати расонаҳо бо назардошти мушкилоти гендерӣ дар матлабҳои расонаӣ эътироф мекунад.[34]

Масъулияти муҳими давлатҳо дар мавриди ҳисоботпазирӣ ин ӯҳдадории ҳисобот додан оид ба риояи меъёрҳои байналмилалӣ мебошад. Ҳисоботи хуб ба роҳмондашуда имкон медиҳад ки пешравӣ ба сӯи ҳадафҳо ё ӯҳдадориҳо арзёбӣ шаванд ва ҳамчунин ба ҳайси воситаи ҳуҷҷатгузории тамоюлҳо, аз ҷумла сатҳи беҷазоӣ ва таҷрибаи пешқадам хизмат кунад. Дар ҳамкорӣ бо созмонҳои ғайриҳукуматие, ки ба ҷамъоварӣ ва тадқиқоти маълумот машғуланд, давлатҳо метавонанд минбаъд ҳам миқдор ва сифати маводи иттилоотии худро оид ба зӯроварӣ нисбат ба бонувони рӯзноманигор тавассути иштирок дар механизмҳои дар поён овардашуда беҳтар созанд.

## Мисолҳо барои механизмҳо

- Шарҳи умумии даврии Созмони Милали Муттаҳид (ШУД).[35] Дар доираи раванди ШУД, ҳукуматҳо вазифадоранд, ки дар бораи вазъи ҳуқуқи башар дар кишвари худ гузориш диҳанд ва баъд аз он аъзои КҲИ СММ (UNHRC) тавсияҳоро оид ба беҳтар кардани он пешниҳод омода мекунанд. Ин раванд барои ҳамаи ҳукуматҳо имкони олӣ фароҳам меорад, то ки амнияти бонувони рӯзноманигорро дар Интернет ва офлайн ба афзалияти аввалиндараҷа табдил диҳанд.

- Давлатҳо инчунин метавонанд таваҷҷуҳро ба мушкилоте, ки бонувони рӯзноманигорон дучор меоянд, бо роҳи пешниҳоди маълумот барои гузоришҳои мунтазами КҲИ СММ (UNHRC) ва Дабири кулли СММ оид ба иҷрои қарорҳои КҲИ СММ ва Асамблеяи Генералии СММ оид ба амнияти рӯзноманигорон ҷалб кунанд.[36]

- Айнан ҳамин гуна  гузоришҳои мавзӯӣ, паёмҳо ва даъватҳои қатъи аз ҷониби Тартиби  36махсуси КҲИ СММ нашр мешаванд, аз ҷумла Гузоришгари махсус оид ба ташвиқ ва ҳимояии ҳуқуқи озодии афкор ва баёни озод ва дигар ниҳодҳое, ки ваколатҳои онҳо дар масъалаи зӯроварӣ нисбат ба бонувони рӯзноманигор мебошанд.[37]

- Шарҳи ихтиёрии миллӣ оид ба натиҷаҳо дар самти дастовардҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор, аз ҷумла ҲРУ 5 ( таъмини баробарии гендерӣ ва тавсеаи имконот ва ҳуқуқҳои занон) ва ҲРУ 16 (сохтори ҷомеаи осоишта, одил ва фарогир), ки дар он давлатҳо бояд маълумотро оид ба амнияти рӯзноманигорон бо тақсимбандӣ ба ҷинсият дохил кунанд.[38]

- Дар посух ба дархости ЮНЕСКО барои пешниҳоди маълумот дар бораи ҷараёни баррасии парвандаҳои куштори рӯзноманигорон, Маърузаи Директори генералии ЮНЕСКО дар бораи амнияти рӯзноманигорон ва масъалаи беҷазоӣ ин ниҳоди Созмони Милалро, ки ҳимоя ба озодии баён масъулиташ аст, ваколатдор менамояд, ки тамоюлҳои таъсиргузор ба бехатарии рӯзноманигоронро назорат кунад.[39] Ғайр аз ин, ЮНЕСКО барои Маърузаи худ оид ба тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар самти озодии баён ва рушди ВАО, ки шомили иттилоот оид ба таъқиби заноni рӯзноманигор дар Интернет аст,доираи васеи маводро гирдоварӣ мекунад.[40] Илова бар пешниҳоди маълумот, давлатҳо метавонанд хулосаҳои ин гузоришҳоро барои  паҳн кардан мусоидат кунанд.

- Кишварҳои узви Шурои Аврупо бояд ба хабарҳое, вокуниш нишон диҳанд, ки Платформаи Шурои Аврупо оид ба мусоидат дар ҳифзи рӯзноманигорӣ ва амнияти рӯзноманигорон нашр кардааст, ки ҳодисаҳои инфиродии марбут ба рӯзноманигоронро назорат мекунад ва аз давлатҳо тадбирҳои ҷавобӣ дархост мекунад.[41]

- Ташаббусҳои бисёрҷонибаи манфиатдорон, аз қабили Шарикии «Ҳукумати Кушода», Эътилоф барои озодӣ дар Интернет, Ҷомеаи демократия ва Эътилоф барои озодии ВАО метавонанд форумҳои муассир бояд ташабускори муҳокимаҳои сиёсӣ оид ба амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет бошанд.

Ғайр аз ин механизмҳои байналмилалӣ, намояндагиҳои дипломатиро дар дигар кишварҳо барои пешбурди чорабиниҳои оммавӣ, нашри изҳорот ва дастгирии ташаббусҳои маҳаллӣ ё минтақавӣ оид ба таъмини амнияти бонувони рӯзноманигорон сафарбар кардан мумкин аст. Роҳи дигари муҳими кӯмак ба бонувони рӯзноманигоре, ки бо таҳдидҳо дучор меоянд, ин қонеъ намудаи пешниҳоди дархостҳояшон барои гирифтани раводид ва бо тартиби соддашуда додани паноҳгоҳ ба онҳо мебошад.

## Мисолҳо

**Дохил кардани мавзуи амнияти рӯзноманигорон ба Шарҳи умумии даврӣ (ШУД ):** То моҳи сентябри соли 2019 аз 84 давлате, ки аъзои ШУД (UPR )буданд, 43-тоаш амнияти рӯзноманигоронро дар тавсияҳои худ дохил кардаанд. Қирғизистон, Черногория, Федератсияи Русия ва Туркманистон аз ҷумлаи кишварҳои узви САҲА буданд, ки барои таъмини амнияти рӯзноманигорон тавсияҳо гирифтанд. Дар байни давлатҳои иштирокчӣ, ки дар ин масъала садо баланд кардаанд, Ҷумҳурии Чех аз ҳама бештар фаъол буд ва пас аз он Австрия, Канада, Фаронса, Литва ва Норвегия.[42] Масалан, Словения ба Мексика тавсия додааст, ки ҳангоми баррасии масъалаи амнияти рӯзноманигорон ҷанбаҳои гендериро ба назар бигирад.

**Гурӯҳҳои ғайрирасмии байнидавлатӣ:** Дар доираи ташаббусҳои байнидавлатӣ бо мақсади муттаҳид кардани нерӯҳо барои ҷалби таваҷҷӯҳ ба ин мушкилот, чанд давлат оид ба амнияти рӯзноманигорон гурӯҳҳои ғайрирасмӣ таъсис додаанд. Чунин гурӯҳҳои ғайрирасмӣ дар назди СММ дар Женева ва Ню-Йорк, дар назди ЮНЕСКО ва САҲА таъсис ёфтаанд.[43] Илова ба ҳамоҳангсозии саъю кӯшишҳояшон дар истифода аз қарорҳо ва дигар ҳаракатҳои сиёсӣ ин гуруҳҳо чорабиниҳои гуногун барпо мекунад Масалан, соли 2019 Гурӯҳи Дӯстони ЮНЕСКО оид ба амнияти рӯзноманигорон конфронс оид ба масъалаи таъқиби интернетии бонувони рӯзноманигорро ташкил кард.[44] Худи ҳамон сол Гурӯҳи Дӯстони СММ дар Ню-Йорк як чорабинӣ оид ба бехатарии рӯзноманигорон ва дастовардҳои ҲРУ (ҳадафҳои рушди устувор) доир намуд.

**Интишори изҳороти барномавӣ:** Дар солҳои 2018 ва 2019, Гурӯҳи ғайрирасмии дӯстони САҲА оид ба масъалаҳои амният

рӯзноманигорон изҳорот пахш карда, ки дар он аз зӯроварӣ нисбат ба бонувони рӯзноманигор изҳори нигаронӣ намуд.[45]

## Манбаъҳо

- Раёсати Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба манбаи иттилоотӣ дорад, ки дар он тавсияҳо дар самти ҳуқуқи инсон мавҷуданд, аз тарафи ҳимояи ҳуққи инсон дар назди СММ нашр намудааст, ки дастгирии қавие барои таҳияи сиёсати давлатӣ ҳастанд.[46]

- Дар гузориши худ «Хотима додан ба беҷазоӣ: риояи меъёрҳои СММ оид ба амнияти рӯзноманигорон», созмони ҳимояи ҳуқуқ - Артикл 19 тозатарин меъёрҳо дар бахши амнияти рӯзноманигорон, аз ҷумла тавсияҳоро оид ба мубориза бо зӯроварӣ нисбат ба бонувони рӯзноманигор дар Интернет ва дар ҳаёти воқеӣ гирдоварӣ мекунад[47]. Яке аз бобҳои ин гузориш ба равишҳое бахшида шудааст, ки ҷанбаҳои гендериро дар таъмини амнияти рӯзноманигорон ба инобат мегиранд.

- Эътилофи давлатҳои иштирокчии Шарикии «Ҳукумати Кушод» маърузаи глобабалии «Фазои шаҳрвандӣ: ҳимояи фаъолон ва рӯзноманигорон»- ро таҳия намуд, ки он як қатор намунаҳо аз таҷрибаҳои пешқадамро дар бар мегирад, ки давлатҳо барои ҳифзи амнияти рӯзноманигорон қабул кардаанд.[48]

- Дар доираи ташаббуси Media4Democracy, Иттиҳоди Аврупо фаъолияти ҳайатҳои худро дар саросари ҷаҳон барои беҳтар дарки мушкилоти озодии ВАО бо онҳо рӯбарӯ ҳаст ва мусоидат

ба озодии баён дастгирӣ мекунад. Дар доираи ин ташаббус Иттиҳодияи Аврупо «Дастур барои ҳайатҳои ИА: Ҳимояи рӯзноманигорон, ҳимояи озодии баён»- ро нашр кард. Ин дастур иборат аз тавсияҳои техникӣ оид ба тадбирҳоест, ки ба таъмини амнияти рӯзноманигорон равона шудаанд.[49]

- Ҷамоаи (шабака) демократия «Роҳнамо оид ба бехатарии рӯзноманигорон барои кормандони намояндагиҳои дипломатӣ»- ро нашр кардааст, ки дар он амалҳои мушаххас оид ба таъмини амнияти рӯзноманигорон, аз қабили муколамаи мунтазам бо мақомот ва рӯзноманигорон; расонидани ёрии фаврӣ ҳангоми зарурат; мониторинги мурофиаи судии рӯзноманигорон ё шахсоне, ки ба рӯзноманигорон ҳамла кардаанд; ва кӯмаки омодасозии ҳуҷҷатҳои сафар ва раводид пешбинӣ шудааст.[50]

- Кумитаи озодиҳои шаҳрвандӣ, адолати судӣ ва корҳои дохилии Парлумони Аврупо раҳнамо оид ба «Амнияти рӯзноманигорон ва мубориза бо фасод дар Иттиҳоди Аврупо»- ро нашр кард, ки он дар бораи чораҳои гуногуни меъёрӣ ва дигар чораҳои зидди ҳамлаҳо алайҳи рӯзноманигорон дар Иттиҳоди Аврупо маълумот медиҳад.[51]

# Қайдҳо

**1** OSCE, Ministerial Council Decision No. 3/18, "Safety of Journalists", 7 December 2018, https://www.osce.org/files/f/documents/a/c/462187.pdf
**2** Elisabeth Witchel, "Shared responsibility: Safeguarding press freedom in perilous times", In- ternational Media Support (IMS), 2020, https://www.mediasupport.org/publication/shared-responsibility-safe-guarding-press-freedom-in-perilous-times/
**3** UNESCO, UN Plan of Action on the Safety of Journalists and the Issue of Impunity, CI-12/CONF.202/6, 2012, https://en.unesco.org/un-plan-action-safety-journalists.
**4** "Defending Free Speech - measures to protect journalists, elected representatives and artists from exposure to threats and hatred", Swedish Ministry of Culture, 2018, https://www.government.se/4990f9/contentassets/bd181f7b0f4640e7920807d110b3c001/action-plan-defending-free-speech.pdf. Fojo Media Institute, help-desk for journalists, https://fojo.se/verktyg-for-journalister/demokratijouren/help-desk/.
**5** "Audit of freedom of expression in the Netherlands", University of Amsterdam, Institute for Information Law, 2018, https://www.ivir.nl/projects/auditoffreedomofexpression/.
**6** Council of Europe, Committee of Ministers, "Recommendation No. 4 on the protection of journalism and safety of journalists and other media actors", CM/Rec(2016)413, April 2016, https://www.coe.int/en/web/freedom-expression/committee-of-ministers-adopted-texts/-/ asset_publisher/aDXmrol0v-vsU/content/recommendation-cm-rec-2016-4-of-the-committee- of-ministers-to-member-states-on-the-protection-of-journalism-and-safety-of-journalists- and-other-media-.
**7** "Violence, threats and pressures against journalists and other media actors in the EU", Con- tribution to the second Annual Colloquium on Fundamental Rights, European Union Agency for Fundamental Rights, November 2016, https://ec.europa.eu/information_society/news- room/image/document/2016-47/fra_threats_and_pressures_paper_19751.pdf.
**8** "Journalists' Safety Indicators: National Level; based on the UNESCO's Media Development Indicators", UNESCO, 2015, https://en.unesco.org/themes/safety-of-journalists/journalists-safety-indicators.
**9** UNESCO, Applying UNESCO's Journalists' Safety Indicators (JSIs): A practical guidebook to assist researchers, 2015, https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000260894.
**10** UN Women, Handbook for National Action Plans on Violence against Women, 2012, https://www.unwomen.org/-/media/headquarters/attachments/sections/library/publica- tions/2012/7/handbooknationalactionplansonvaw-en%20pdf.pdf?la=en&vs=1502.
**11** UN Women, How to Manage Gender-Responsive Evaluation, UN Women Indepen- dent Evaluation Office, 2015, https://genderevaluation.unwomen.org/-/media/files/un%20women/gender%20evaluation/handbook/evaluationhandbook-web-final-30apr2015.pdf?la=en&vs=4246.
**12** UN Special Rapporteur on Freedom of Opinion and Expression, OSCE Representative on Freedom of the Media, the Organization of American States (OAS) Special Rapporteur on Freedom of Expression and the African Commission on Human and Peoples' Rights (ACHPR) Special Rapporteur on Freedom of Expression and Access to Information, "Joint Declaration on Crimes against Freedom of Expression", 25 June 2012, https://www.osce.org/representative-on-freedom-of-media/91595.
**13** Alberto Spampinato, Italy: So Much Mafia, So Little News, European Center for Media and Freedom and Osservatorio Balconi e Caucaso, 2018, https://adobeindd.com/view/publications/4fd5ff1c-0f8c-4186-9565-dd3217e63b28/bndf/publication-web-resources/pdf/ECPMF-FFM-Italy.pdf.
**14** Presveilig, Steering Group on Aggression and Violence against Journalists, https://www.persveilig.nl/.
**15** "Serbia: Commission to solve wartime journalists' murders expanded", European Fed- eration of Journalists, https://europeanjournalists.org/blog/2018/08/09/serbia-commission-to-solve-wartime-journalists-murders-expanded/.

**16** Media Freedom Rapid Response, https://www.mfrr.eu/.
**17** ProtectDefenders.eu, https://www.protectdefenders.eu.
**18** Unidad Nacional de Protección, https://www.unp.gov.co/.
**19** "Conoce a la Fiscalía Especial para la Atención de Delitos cometidos contra la Libertad de Expresión", Fiscalía General de la República, 2019, https://www.gob.mx/fgr/documentos/con-oce-a-la-fiscalia-especial-para-la-atencion-de-delitos-cometidos-contra-la-libertad-de-expresion.
**20** Human Rights Council, Report on its 24th session, A/HRC/24/2, 24 January 2014, https://www.ohchr.org/EN/HRBodies/HRC/RegularSessions/Session24/Pages/ListReports.aspx.
**21** Peter Noorlander, "Taking Action to Protect Journalists and Other Media Actors: Artificial Intelligence – Intelligent Politics Challenges and opportunities for media and democracy", Background Paper for the Council of Europe Ministerial Conference 2020, https://rm.coe.int/ cyprus-2020-safety-of-journalists/ 168097fa83.
**22** "New global study documents best practices on the safety of journalists", IMS news item, 30 October 2019, https://www.mediasupport.org/new-global-study-documents-best-practices-on-the-safety-of-journalists/.
**23** Silvia Chocarro, "The safety of women journalists: Breaking the cycle of silence and vio- lence", IMS Defending Journalism book series, International Media Support, October 2019, https://www.mediasup-port.org/publication/the-safety-of-women-journalists/.
**24** Media Freedom Rapid Response, "Protecting Journalists and Media Workers: Good Practice", 2020, https://www.mfrr.eu/wp-content/uploads/2020/06/MFRR-UK-Recommendations-Good-Practice.pdf.
**25** Natalia Torres and Eduardo Bertoni, Institutional Design and Effectiveness of the Agen- cies Charged with Protecting Journalists and Investigating Crimes against the Press: Mexico, Colombia and Guatemala: Universidad de Palermo, 2012, https://www.palermo.edu/cele/cele/pdf/english/Inter-net-Free-of-Censorship/Institutional-Design.pdf.
**26** Ниг. ба санеде, ки дар қайдҳо иқтибос шудааст.
**27** OSCE RFoM, "Recommendations following the Expert Meeting New Challenges to Freedom of Expression: Countering Online Abuse of Female Journalists", 17 September 2015, https://www.osce.org/fom/193556?download=true.
**28** UN Sustainable Development Goals (SDGs), SDG 16: Promote peaceful and inclusive societ- ies for sustainable development, provide access to justice for all and build effective, accountable and inclusive institutions at all levels, 2015, https://sustainabledevelopment.un.org/sdg16.
**29** "New Challenges to Freedom of Expression: Countering Online Abuse of Female Journal- ists", OSCE RFoM, 2016, https://www.osce.org/fom/220411?download=true.
**30** "IBAHRI Secretariat to the High Level Panel of Legal Experts on Media Freedom", Interna- tional Bar Association, https://www.ibanet.org/IBAHRISecretariat.aspx.
**31** International Bar Association, IBAHRI Secretariat to the High Level Panel of Legal Experts on Media Freedom, Report on the Use of Targeted Sanctions to Protect Journalists, https://www. ibanet.org/Docu-ment/Default.aspx?DocumentUid=1734a793-fd31-452d-84ca-b85efc4af744.
**32** Martina Chapman, "Mapping of media literacy practices and actions in EU-28", Council of Europe, European Audiovisual Observatory, 2016, p. 28 and 39, https://rm.coe.int/1680783500.
**33** Robert Tomljenovic, "Regulatory Authorities for Electronic Media and Media Literacy - Comparative analysis of the best European practices", Council of Europe, 2018, https://rm.coe.int/regulatory-authori-ties-for-electronic-media/1680903a2a.
**34** UN, Beijing Declaration and Platform for Action, 15 September 1995, https://www.un.org/en/events/pastevents/pdfs/Beijing_Declaration_and_Platform_for_Action.pdf.
**35** "Universal Periodic Review", United Nations Human Rights Council, https://www.ohchr.org/en/hrbodies/upr/pages/uprmain.aspx.
**36** "Resolutions on Journalists' Safety: How Does the UN Monitor their Implementation?", IFEX news item, 22 December 2017, https://ifex.org/resolutions-on-journalists-safety-how-does-the-un-monitor-their-im-

plementation/.
**37** "Special Procedures of the Human Rights Council", UN Human Rights, https://www.ohchr.org/en/hrbodies/sp/pages/welcomepage.aspx.
**38** "Voluntary National Reviews Database", UN Sustainable Development Knowledge Platform, https://sustainabledevelopment.un.org/vnrs/.
**39** UNESCO, Director-General's Report on the Safety of Journalists and the Danger of Impuni- ty, 2018, https://en.unesco.org/themes/safety-journalists/dgreport.
**40** "World Trends in Freedom of Expression and Media Development", UNESCO, https://en.unesco.org/world-media-trends.
**41** "Platform to promote the protection of journalism and safety of journalists", Council of Europe, https://www.coe.int/en/web/media-freedom. Austria, Canada, Denmark, Estonia, France, Germany, Greece, Latvia, Lithuania, Montenegro, the Netherlands, Norway, Sweden, the United Kingdom, and the United States of America.
**42** UNESCO, Intensified attacks, new defences: developments in the fight to protect journalists and end impunity, In Focus edition of the World Trends in Freedom of Expression and Media Development, Paris, 2019, https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000371487.
**43** "OSCE delegations establish a Group of Friends on Safety of Journalists", US Mission to the OSCE news item, 23 April 2018, https://osce.usmission.gov/osce-delegations-establish-a-group-of-friends-on-safety-of-journalists/. "Groups of Friends on the Safety/Protection of Journalists publish joint statement on safety of journalists and access to information during the COVID-19 pandemic", UNESCO news, 14 April 2020, https://en.unesco.org/news/groups-friends-safe- typrotection-journalists-publish-joint-statement-safety-journalists-and.
**44** "UNESCO Conference tackles online harassment of female journalists", UNESCO news item, 12 June 2019, https://en.unesco.org/news/unesco-conference-tackles-online-harass- ment-female-journalists.
**45** Ҳолати то соли 2020 , . Ин давлатҳои узви САҲА ба Гуруҳи дустони САҲА дар масъалаи амнияти рӯзноманигорон дохил мешаванд : Австрия, Канада, Дания, Эстония, Франсия, Олмон, Юнон, Латвия, Литва, Черногория, Нидерландия, Норвегия, Шветсия, Бритониё ва ИМА.
**46** Universal Human Rights Index, https://uhri.ohchr.org/.
**47** ARTICLE 19, "Ending Impunity: Acting on UN Standards on the Safety of Journalists," 2019, https://www.article19.org/wp-content/uploads/2019/11/SOJ-Web.pdf.
**48** "Defending Journalists and Activists", Open Government Partnership, https://www.opengovpartnership.org/policy-area/defending-journalists-and-activists-expression/.
**49** Media4Democracy, Handbook for EU delegations: "Protecting the safety of journalists, protecting freedom of expression", 2020, https://media4democracy.eu/wp-content/uploads/2020/07/Final-M4D-Safety-of-Journalists-Handbook.pdf.
**50** Community of Democracies, "Toolkit: On the Safety of Journalists for the Personnel of the Diplomatic Missions", March 2017, https://community-democracies.org/app/uploads/2018/06/Toolkit-Safety-of-Journalists-1-1.pdf.
**51** Tarlach McGonagle, Safety of Journalists and the Fighting of Corruption in the EU, European Parliament, Brussels, 2020, https://www.europarl.europa.eu/RegData/etudes/STUD/2020/655187/IPOL_STU(2020)655187_EN.pdf.



# Мақомоти қонунгузори ҳокимияти давлатӣ

# Тадбирҳои тавсияшаванда

1. Бозбинӣ (аз нав дида баромадан) ва дар ҳолати зарурат ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ ё қабули қонунҳои нав бо мақсади ба инобат гирифтани масъалаҳои гендерӣ ҳангоми таъмини амнияти рӯзноманигорон;

2. Таъмини  кафолат ба он, ки қонунгузории марбут ба таъқиб ва суиистифода аз бонувони  рӯзноманигор дар Интернет ҳуқуқи озодии баёнро поймол накунад.

## 2. Мақомоти қонунгузори ҳокимияти давлатӣ

Қабули қонунгузории нав ва ё мутобиқ гардонидани қонунҳои ҷорӣ бо мақсади таъмини бехатари дар Интернет ва берун аз он

Мақоми қонунгузори ҳокимият як мақоми машваратиест, ки салоҳияти қабули қонунҳоро дорад. Ин боб ба масъалаҳои марбут ба қабули қонунгузорӣ бахшида мешавад, ки муҳити бехатартарини бонувони рӯзноманигоро дар Интернет ва офлайн дар сатҳи миллӣ ва мутобиқ ба меъёрҳоиои байналмилалӣ оид ба озодии баён ва озодии ВАО, аз ҷумла Қарори Шурои вазирони САҲА № 3/18 "Амнияти рӯзноманигорон" таъмин менамояд.[1]

**Қарори Шурои вазирони САҲА № 3/18 аз давлатҳои узв даъват мекунад, ки "қонунҳо, сиёсатҳо ва амалияҳои марбут ба озодии васоити ахбори оммаро комилан ба уҳдадориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва дигар уҳдадориҳо мутобиқ гардонанд, онҳоро аз нав баррасӣ кунад ва дар ҳолатҳои зарурӣ барҳам диҳад ё тағйирот ворид намоянд, то ки онҳо имкони фаъолияти рӯзноманигоронро барои мустақилона ва бидуни дахолати ғайриқонунӣ пеш бурдани корашон маҳдуд накунанд.**

## › Бозбинӣ (аз нав дида баромадан) ва дар зарурат ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ ё қабули қонунҳои нав бо мақсади ба инобат гирифтани масъалаҳои гендерӣ ҳангоми таъмини амнияти рӯзноманигорон;

Мавҷудияти қонунгузорие, ки ба таъмини амнияти бонувони рӯзноманигор равон шудааст , аз мавҷудияти манбаи ҳуқуқие вобаста аст, ки ба таври бояду шояд ҳуқуқ ба баробарӣ ва бидуни табъизро тибқи қонунҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ва ҳамчунин ҳуқуқи озодии баёнро эътироф ва ҳимоя мекунад.[2] Ҳамлаҳо ба рӯзноманигорон дар Интернет ва берун аз он асосан ба табъизи сохторӣ ва амиқ марбутанд, ки мубориза бо он ӯҳдадории мусбати давлат аст.

Қонунгузорон бояд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ иҷрои ӯҳдадориҳояшонро тибқи қонуни байналмилалии ҳуқуқи башар таъмин кунанд, аз ҷумла дар пешгирии ҳамлаҳо; дар ҳимояи шахсони ба зӯроварӣ дучор омада; инчунин дар ҷалб кардани ҷинояткорон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ бо таъмин намудани воситаҳои муҳофизатӣ ба ҷабрдидагон. Қонунгузорие, ки механизмҳои миллии ҳифзи рӯзноманигоронро муқаррар мекунад, инчунин бояд механизми вокуниш ба ҷанбаҳои гендериро ҳам дар бар гирад.

Дар бисёр кишварҳо қонунгузориеҳое мавҷуд мебошанд, ки масъулиятро барои намудҳои муайяни таъқиб ва суиистифода дар Интернет пешбинӣ мекунанд. Гарчунин қонунгузорӣ кайҳо вуҷуд дошта бошанд ҳам, вале барои таъмини ҳимоя ба қадри кофӣ самаранок набошад, пас қабули қонунҳои нав бояд чун иқдоми охирин ҳисобида шаванд ва дар навбати аввал масъалаи ворид намудани тағйирот ба қонунгузории амалкунанда дида шавад. Илова бар ин, қонунҳо бояд аз нав дида шаванд, ба хотири таъмини мутобиқашон бо меъёрҳои

байналмилалии ҳуқуқи инсон. Дар ҳар сурат баррасии истифодаи доираи васеи шарҳҳоиҳои ҳимояи ҳуқуқҳои дар ҳуқуқи маъмурӣ-шаҳрвандӣ пешбинишуда хеле муҳим аст, на ҷову беҷо истифода аз ҳуқуқи ҷиноӣ дар ҳама ҳолот ва бидуни истино.

Раванди аз нав баррассикунӣ, ислоҳот ё қабули қонунҳо бояд дар машварати васеъи бо ВАО, ҷомеа ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади таъмини ҳимояи самараноки ҳуқуқи занон ба ҳаёт, орӣ аз муносибатҳои ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф, ҳуқуқ ба баробарӣ, бидуни табъиз, озоди баёни афкор ва дахлнопазирии зиндагии хусусӣ сурат гирад. Дар ин раванд пуштибонии коршиносони мақомоти байниҳукуматии байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла дастгирии Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО, ҷомеаҳои академӣ ва ҳуқуқӣ муфид хоҳад буд.

## Мисолҳо

**Истифодаи қонунгузории ҷорӣ.** Баъзе давлатҳо қонунгузории мавҷударо барои таъқиби афроде истифода карданд, ки ба бонувони рӯзноманигор дар Интернет ҳамла кардаанд, Дафтари Намояндагии САҲА оид ба озодии ВАО дар ҳамкорӣ бо Пажӯҳишгоҳи Байналмилалии Матбуот (ПБМ) дар маърузаш аз соли 2019 “Тадбирҳои вокуниши ҳуқуқӣ ба таъқиб ва суиистифода аз рӯзноманигорон дар Интернет – вазъият дар Финландия, Фаронса ва Ирландия”[3] се мисолро муқоиса  ва мавриди таҳлил қарор дод. Аммо дар ин гузориш таъкид шудааст, ки дар яке аз парвандаҳо гунаҳкор барои тӯҳмат ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шудааст, ки ин хилофи меъёрҳои байналмилалии озодии баён

аст, ки аз ҷазои ҷиноӣ хориҷ намудани тӯҳматро талаб мекунанд. Қонуни амалкунандаи Канада дахолат ба ҳаёти шахсӣ, таҳдидҳо, паёмҳои бадқасдона, таъқиб тавассути воситаҳои алоқа, таъқиби онлайн, ифшо ва мубодилаи бидуни иҷозат ва дигар шаклҳои таъқибро манъ мекунад.[4]

## Манбаъҳо

- Дастурамал оид ба қайди мушкилоти гендерӣ дар қонунгузорӣ- "Қонунҳое, ки ба нафъи мардону занон кор мекунад", ки онро Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи башар (ДНДҲБ), нашр кардаст ҳовии тавсияҳои муфиде дар бораи он аст, ки чи тавр бояд қонунҳоро маҷбур сохт то ба нафъи ҳар ду ҷинс кор кунанд.[5]

- Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР) "Маҷмӯи дастурамалҳо ҳо барои танзими мавзуҳои гендерӣ ва ноил шудан ба баробарии гендерӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ"-ро таҳия кардааст, ки бобе дар бораи расмиёти ҳассос ба гендер дар парлумонро дорад.[6]

- Иттиҳоди байнипарлумонӣ "Раҳнамо оид ба озодии баён барои парлумонҳо ва вакилони порлумон: аҳамият ва доираи чораҳои ҳимоятӣ"-ро нашр кардааст, ки метавонад ҳангоми қабули қонунҳо оид ба ҳимояи рӯзноманигорон муфид бошад.[7]

## › Таъмини кафолат дар мавриди он, ки қонунгузории марбут ба таъқиб ва суиистифода нисбат ба бонувони рӯзноманигор дар Интернет, ҳуқуқ ба озодии баёнро поймол намекунад

Интернет як платформаи беҳамто барои татбиқи ҳуқуқ ба озодии баён фароҳам меорад ва инро бояд ҳангоми такмил кардани қонунгузорӣ дар бораи таъқиб ва муносибати хашин нисбат ба бонувони рӯзноманигор дар Интернет дарк кард.

Озодии баён на танҳо ба ғояҳо ва иттилооте, ки ба таври умум безарар ҳисобида мешаванд, балки ба ғояҳо ва иттилооте, ки метавонанд таҳқиромез, ҳайратовар ё ташвишовар бошанд, низ дахл дорад.[8] Дар сатҳи қонунгузорӣ бояд эътироф кард, ки ҳама гуна тадбире, ки метавонад ҳуқуқ ба озодии баёнро маҳдуд кунад, мутобиқи қонунҳоии байналмилалии ҳуқуқи башар, бояд бо қонун муқаррар шуда бошад, ба ҳадафҳои қонунӣ хизмат кунад ва дар ҷомеаи демократӣ зарур ва мутаносиб бошад[9]

Гузоришгари вижаи СММ оид ба пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқ ба озодии афкор ва баён ҳушдор додааст, ки кушишҳо барои таъмини бехатарии бонувони рӯзноманигор дар Интернет метавонад нахоста ба "сензура ё маҳдудиятҳои ғайриқонунӣ оварда расонад, ки дар ниҳоят ҳуқуқҳои худи занонеро халалдор мекунад, ки ҳукуматҳо талош мекунанд манфиатҳои онҳоро ҳимоя намоянд.[10] Қонунҳо ва қоидаҳое ки мубҳам таҳия шудаанд, масалан, онҳое ки намоиш тани бараҳна ё рафтори ношоистаро манъ мекунанд, метавонанд таъсири боздорандагии назаррасе ба баҳсҳои интиқодӣ дар бораи мавзуъҳои ҷинсият, ҷинс ва солимии репродуктивӣ дошта бошанд.[11]

Дар робита ба ин, бо назардошти хатари маҳдуд кардани ҳуқуқи қонунии баён, бояд аз он далел гуфт, ки Кумитаи ҳуқуқи башари СММ дар баробари дигар ниҳодҳои байналмилалӣ аз суиистифодаи қонуни ҷиноӣ нисбати рӯзноманигорон, омӯзгорон ва ҳомиёни ҳуқуқи башар, ки мубодилаи иттилоот ба манфиати қонунии ҷамъият анҷом доданд, изҳори нигаронии хоса кардааст.[12] Дар ҷомеаи демократӣ, ҷазои ҷиноятӣ бояд танҳо ҳамчун чораи охирин ва танҳо дар ҳолатҳои вазнинтарин татбиқ карда шавад. Дар дигар ҳолатҳо давлатҳо бояд ҳамеша кӯшиш кунанд, ки аз чораҳои маҳдудкунандаи ҳуқуқи шаҳрвандӣ ё маъмуриро истифода баранд.[13]

Баъзе давлатҳо барои мубориза бо таъқиб ва суиистифода нисбат ба занон дар Интернет, аз ҷумла бонувони рӯзноманигор, муқаррароти ҷиноӣ-ҳуқуқиеро ворид намуданд, ки ба «забони адоват» рабт дорад. Қонуни байналмиллалии ҳуқуқи башар мафҳуми ягонаи «забони адолат»-ро пешниҳод намекунад; дар натиҷа, чунин қонунҳо метавонанд нодуруст истифода шаванд ва боиси маҳдудиятҳои ғайриқонунии ҳуқуқ ба озодии баён шаванд ё метавонанд барои маҳдуд кардани сухани ҷоиз истифода шаванд. Ҳама қонунҳо бояд ба таври возеҳ истилоҳотро муайян кунанд, ки амалҳо ё падидаҳоеро ифода мекунанд, ки тибқи Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Конвенсияи байналмиллалӣ дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ манъ шудаанд. Дар баробари ин, бояд аз ҷиноигардони афкору суханронӣ, ба истиснои тарғиби кинаю адовати миллӣӣ, нажодӣ ва динӣ, ки барангехтани табъиз, хусумат ва хушунатро ташкил медиҳад, худдорӣ кард.[14] Ба ҷойи ин бояд аз тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бахши ҳуқуқҳои инсонр кор гирифт, ки дар Барномаи амали Работ омаданд.[15]

Ҳангоми баррасии парвандаҳои таъқиб ва суиистифода дар Интернет баъзан қонунҳо оид ба тӯҳмат истифода мешаванд. Ин истилоҳот баъзан бо ҳамдигар тавъаманд, аммо тӯҳмат дар асоси далелҳои бардурӯғ расонидани зарари ҷиддӣ ба обрӯи касест. Дар ҳар сурат, бояд қайд кард, ки ҳифзи эътибор бояд танҳо ба қонуни шаҳрвандӣ оид ба тӯҳмат татбиқ гардад, тавре ки меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи башар пешбинӣ кардаанд[16] ва давлатҳо бояд ҷавобгарии ҷиноиро барои тӯҳмат бекор кунанд.

Ба ҳайси тадбири ҷавобӣ дар ҳолатҳои таъқиб ва суиистифода аз бонувони рӯзноманигор дар Интернет, метавон аз як қатор муқаррароти қонунгузории шаҳрвандӣ, масалан, аз сандҳои қонунии марбут ба нақзи дахолатнопазирии ҳаёти шахсӣ ё махфият ё ҳуқуқ ба ҳифзи амнияти шахсӣ истифода кард. Рӯзноманигорон метавонанд дар ҷустуҷӯи роҳҳои мушаххаси рафъи зараре, ки аз шаклҳои мушаххаси таъқиб ва суиистифода дар Интернет ба онҳо расидааст, аз ин чораҳои қонунии шаҳрвандӣ[17] истифода баранд.

Рамзгузорӣ ва махфи кардани ном(беномӣ) дар масъалаи ҳимояии бонувони рӯзноманигор бо фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои амалӣ намудани ҳуқуқи озодии баён бидуни дахолати номашруъ аз ҷониби субъектҳои давлатӣ ё ғайридавлатӣ[18], аз ҷумла назорат ва амалияи таъқиби мустақим аҳамияти ҳалкунанда доранд. Тағйироти қонунгузорӣ барои мубориза бо таъқиб ва суиистифодаи аз бонувони рӯзноманигор дар Интернет боиси мамнуъ шудани рамзгузорӣ ва ифшои накардани ному насаб, ё вориб намудани талабот ба шиносоии ҳатмии ҳуввияти корбарон дар Интернет намегардад[19], зеро бонувони рӯзноманигор ҳақ доранд, ки дар Интернет бо истифода аз ҳуқуқи дахолатнопазирии ҳаёти шахсӣ бе ифшои номашон бимонанд.

Ниҳоят, қонунгузорӣ бояд қоидаҳо ва меъёрҳоро нисбат ба ӯҳдадориҳои шартии миёнаравҳои Интернет дастгирӣ ва риоя намояд. Ин маънои онро дорад, ки миёнаравҳои интернетӣ набояд барои матлаби аз ҷониби шахсони сеюм нашршуда ҷавобгар бошанд, ба шарте ки онҳо дар тағйир додани мундариҷаи мавриди назар иштирок надошта бошанд ва давлатҳо танҳо бо қарори суд ҳазф кардани мундариҷаро аз онҳо талаб карда метавонанд.

## Мисолҳо

**Равиши дорои якчанд сатҳ:** Комиссияи адлияи Ирландия тадбирҳои гуногунро (равиши сатҳдор) пешниҳод кардааст, ки барномаҳои таълимӣ ва чораҳои ҳуқуқии шаҳрвандиро нисбат ба муҷозоти ҷиноӣ бартарӣ медиҳанд.[20] Ин равиш ба таъмини он кӯмак хоҳад кард, ки ҳама гуна дахолат ба ҳуқуқи озодии баён, бо таваҷҷуҳ ба қонунҳо оид ба таъқиби дар Интернет, ба зараре ки дар натиҷаи амали худи таъқиб расонида шудааст, мутаносиб бошад.

**Тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ:** Соли 2018 Фаронса ба Кодекси ҷиноӣ ислоҳот ворид карда, ҷавобгарии ҷиноиро барои таъқиб аз ҷониби гурӯҳи одамон ё бо истифода аз фанновариҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҷорӣ кардааст.[21]

**Истифода аз қонунҳои мавҷуда:** Дар соли 2018 қонуни ҷории Ирландия дар бораи таъқиб барои ба ҷавобгарӣ кашидани нафаре барои "таъқиби боисрори ғайриқобили қабул"-и зани

рӯзноманигор истифода шуд. Ин иттиҳом тибқи Қонуни соли 2010 «Дар бораи ҷиноятҳои номарговар алайҳи шахс» сурат гирфт, ки масъулиятро барои таъқиб бо "ҳар васила" пешбинӣ мекунад. Ин парванда ҳамчун намунаи он аст, ки чӣ гуна қонунҳои мавҷударо дар ҳолатҳои таъқиб тавассути ТИК истифода бурдан мумкин аст.[22]

**Ба қонунгузории мавҷуд ворид кардани муқаррароте, ки нисбат ба шаклҳои таъқиб дар Интернет татбиқ мешаванд:** Муқаррарот оид ба таъқиби Кодекси ҷиноии Олмон кӯшишҳои беиҷозат барои тамос бо шахси дигарро бо истифода аз ТИК ва суиистифодаи маълумоти шахси дигарро барои водор кардани шахсони сеюм барои тамос бо ӯ дар бар мегирад.[23]

**Бекор намудани ҷавобгарии ҷиноӣ барои тӯҳмат:** Дар соли 2009 давлатҳои узви САҲА дар самти ғайриҷиноӣ кардани қонунҳо оид ба тӯҳмат пешрафт карданд. То соли 2017 кишварҳои зерини узви САҲА муқаррароти умумиро оид ба тӯҳмат ғайриҷиноӣ кардаанд: Арманистон, Босния ва Ҳерсеговина, Кипр, Эстония, Гурҷистон, Ирландия, Қирғизистон, Молдова, Черногория, Македонияи Шимолӣ, Норвегия, Руминия, Тоҷикистон, Британияи Кабир ва Украина.[24]

## Манбаъҳо

- Дафтари Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО ва Институти Байналмилалии Матбуот гузоришеро тахти унвони «Тадбирҳои ҳуқуқии вокуниш ба таъқиб ва суиистифода аз рӯзноманигорон дар Интернет– вазъият дар Финландия, Фаронса ва Ирландия» нашр карданд, ки дар он тадбирҳои қонунгузории ҷорӣ барои мубориза бо таъқиб ва суиистифода аз рӯзноманигорон дар Интернет дар ин кишварҳо таҳлил шудааст.[25]

- Дафтари Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО гузоришҳо дар бораи таҳлили ҳуқуқии қонунгузории дахлдор бо тавсияҳо барои ҳукуматҳо нашр мекунад, масалан: лоиҳаи қонуни Австрия «Дар бораи эҳтиёкорӣ ва масъулият дар Интернет;[26] лоиҳаи қонуни Украина «Дар бораи ВАО»;[27] лоиҳаи қонуни Албания «Дар бораи хадаматрасониҳо дар ВАО";[28] ё доиҳаи қонуни Олмон «Дар бораи такмили ҳифзи қонун дар шабакаҳои иҷтимоӣ».[29]

- legistlationlaine - махзани маълумотест, ки аз ҷониби ДИДҲБ сохта шудааст ва давлатҳои иштирокчӣ метавонанд барои муқоиса ва мутобиқ кардани қонунгузории худ бо меъёрҳо ва меъёртҳои байналмилалӣ аз он истифода баранд.[30]

- Китобхонаи ҳуқуқии Конгресси ИМА таҳлили муқоисавии қонунгузориро дар маърузаи "Қонун дар бораи ҳимояии рӯзноманигорон аз таъқиб дар Интернет" нашр кардааст.[31]

- Гузоришгари махсуси СММ оид ба мусоидат ва ҳифзи ҳуқуқ ба озодии ақида ва баён дар маърузааш доир ба истифодаи

василаҳои размгузорӣ ва беномӣ ҳангоми интиқоли паёмҳои рақамӣ тавсияҳои ҷолиб меоварад.[32]

- Барномаи амали Работ оид ба манъ намудан тарғиби адовати этникӣ, нажодӣ ва мазҳабӣ, ки барангезандаи табъиз, хусумат ва зӯроварӣ мебошанд  ва аз ҷониби Раёсати Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон қабул шудааст, тавсияҳои равшанеро дар он хусус фаро мегирад, ки «забони адоват» аз чӣ иборат аст.[33]

- Пешрафти «забони адоват»: роҳнамои амалӣ, ки аз ҷониби созмони ҳимояи ҳуқуқ-Артикл 19 оид ба муайян кардани забони адоват ва роҳҳои ҳалли аксуламали самараноки он ва ҳамзамон бо ҳифзи ҳуқуқ ба озодии баён ва баробарӣ, нашр шудааст.[34]

## Қайдҳо

**1** OSCE, Ministerial Council Decision No. 3/18, "Safety of Journalists", 7 December 2018, https://www.osce.org/files/f/documents/a/c/462187.pdf
**2** "Equality and Non-discrimination", United Nations and the Rule of Law, https://www. un.org/ruleo-flaw/thematic-areas/human-rights/equality-and-non-discrimination/.
**3** "Legal Responses to Online Harassment and Abuse of Journalists - Perspectives from Finland, France and Ireland", OSCE RFoM and IPI, 7 March, 2019, https://www.osce.org/representa- tive-on-freedom-of-media/413549.
**4** The Law Library of Congress, Laws Protecting Journalists from Online Harassment, Septem- ber 2019, p. 4–5, https://www.loc.gov/law/help/protecting-journalists/online-harassment.pdf.
**5** OSCE, Office for Democratic Institutions and Human Rights (ODIHR), "Making Laws Work for Women and Men: A Practical Guide to Gender-Sensitive Legislation", 2017, https://www.osce.org/odihr/327836?download=true.
**6** OECD, "Toolkit for Mainstreaming and Implementing Gender Equality", 2018, https://www.oecd.org/gov/toolkit-for-mainstreaming-and-implementing-gender-equality.pdf.
**7** Toby Mendel, "Freedom of expression for parliaments and their members: Importance and scope of protection", Inter-Parliamentary Union, 2018, https://www.ipu.org/resources/publications/handbooks/2018-10/freedom-expression-parliaments-and-their-members-impor- tance-and-scope-protection.
**8** European Court of Human Rights, Handyside v. the United Kingdom, Application no. 5493/72, 7 December 1976, paragraph 49, https://hudoc.echr.coe.int/eng#{%22dmdocnumber%22:[%22695376%22],%22itemid%22:[%22001-57499%22]}. Yaman Akdeniz, "Media Freedom on the Internet: An OSCE Guidebook", OSCE RFoM, 2016, https://www.osce.org/netfreedom-guide-book?download=true.
**9** UN General Assembly, Resolution 2200A (XXI), International Covenant on Civil and Political Rights, 16 December 1966, entry into force: 23 March 1976, Article 49, https://www.ohchr.org/ en/profession-alinterest/pages/ccpr.aspx.
**10** "UN experts urge States and companies to address online gender-based abuse but warn against censorship", UN Office of the High Commissioner for Human Rights, news item, 8 March 2017, https://www.ohchr.org/EN/NewsEvents/Pages/DisplayNews.aspx?NewsID=21317.
**11** Ҳамон ҷо.
**12** UN Human Rights Committee, General Comment No. 34, Article 19: Freedoms of opinion and ex- pression, CCPR/C/GC/34, 2011, paragraphs 30 and 34, https://www2.ohchr.org/english/bodies/hrc/docs/gc34.pdf.
**13** OSCE RFoM, "Recommendations following the Expert Meeting New Challenges to Freedom of Expression: Countering Online Abuse of Female Journalists", 17 September 2015, https://www.osce.org/fom/193556?download=true.
**14** UN General Assembly, Report of the Special Rapporteur on the promotion ad protection of the right to freedom of opinion and expression, A74/486, 9 October 2019, https://undocs.org/A/74/486.
**15** UN General Assembly, Report of the United Nations High Commissioner for Human Rights on the expert workshops on the prohibition of incitement to national, racial or religious hatred, A/HRC/22/17/Add.4, 11 January 2013, https://www.ohchr.org/Documents/Issues/Opinion/SeminarRabat/Ra-bat_draft_outcome.pdf.
**16** "Decriminalization of defamation", OSCE RFoM, https://www.osce.org/representative-on-free-dom-of-media/106287.
**17** Ниг. ба ҳуҷҷати дар қайди 3 иқтибосшуда.
**18** Ниг. ба ҳуҷҷати дар қайди 1 иқтибосшуда.
**19** UN General Assembly, Report of the Special Rapporteur on the promotion and protection of the right

to freedom of opinion and expression, A/HRC/29/32, 25 May 2015, https://www.ohchr.org/en/issues/freedomopinion/pages/callforsubmission.aspx
**20** Ниг. ба ҳуҷҷати дар қайди 3 иқтибосшуда .
**21** French Criminal Code, France, https://www.legifrance.gouv.fr/affichCode.do?idSection-TA=LEGISCTA000021796946&cidTexte=LEGITEXT000006070719.
**22**Ниг. ба ҳуҷҷати дар қайди 3 иқтибосшуда.
**23** German Criminal Code, https://www.gesetze-im-internet.de/englisch_stgb/englisch_stgb.html.
**24** Scott Griffen, "Defamation and Insult Laws in the OSCE Region: A Comparative Study", OSCE RFoM, March 2017, https://www.osce.org/files/f/documents/b/8/303181.pdf.
**25** Ниг. ба ҳуҷҷати дар қайди 11 иқтибосшуда.
**26** OSCE RFoM, Legal Review of the Austrian draft Law on Diligence and Responsibility On- line, 4 June 2019, https://www.osce.org/representative-on-freedom-of-media/421745
**27** OSCE RFoM, Legal Review on the draft law of Ukraine "on media", February 2020, https://www.osce.org/files/f/documents/2/7/447508.pdf.
**28** OSCE RFoM, Legal Review of the draft Law on Media Services in Albania, July 2019, https://www.osce.org/files/f/documents/4/3/425462.pdf.
**29** OSCE RFoM, Legal Review of the German Draft Law on Better Law Enforcement in Social Networks, May 2017, https://www.osce.org/files/f/documents/a/0/333541.pdf.
**30** OSCE ODIHR, "Legislationline database", http://www.legislationline.org/
**31** Library of Congress Law, "Laws Protecting Journalists from Online Harassment: Compar- ative Summary", Library of Congress Law, https://www.loc.gov/law/help/protecting-journalists/.
**32** UN General Assembly, Report of the Special Rapporteur on the promotion and protection of the right to freedom of opinion and expression, A/HRC/29/32, 22 May 2015, https://undocs.org/A/HRC/29/32.
**33** Ниг. ба ҳуҷҷати дар қайди 15 иқтибосшуда .
**34** ARTICLE 19, "'Hate Speech' Explained: A Toolkit", 2015, https://www.article19.org/resources/hate-speech-explained-a-toolkit.



# Мақомоти адолати судӣ

# Тадбирҳои тавсияшаванда

1. Баланд бардоштани сатҳи итиллооти оид ба масъалаҳои гендерӣ дар тамоми системаи судӣ, зеро он барои ҳифзи бонувони рӯзноманигор муҳим аст;

2. Тақвияти тахассус ва малакаҳои мақомоти судӣ оид ба озодии баён, амнияти рӯзноманигорон, ҳамчунин таъқиб ва суиистифода дар Интернет ва берун аз он;

3. Истифода ва тарғиби таҷрибаи пешқадам дар масоили дастрасӣ ба адолати судӣ, судури қарорҳои суд ва таъмин намудан воситаҳои муҳофизатӣ;

4. Ҷалби созмонҳои миллии ҳуқуқи башар дар ҳалли масъалаҳои марбут ба амнияти рӯзноманигорон.

# 3. Мақомоти адолати судӣ

## Таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва хотима додан ба беҷазоӣ

Дар ин боб таваҷҷуҳи асосӣ ба фаъолияти судҳо ва судяҳоест, ки қонунро тафсир ва татбиқ мекунанд, ки ин барои ҳифзи ҳуқуқи инсон ва амнияти рӯзноманигорон хеле муҳим мебошад. Илова бар ин, ин боб дар бораи ниҳодҳои мустақили ҳуқуқи башарро дар бар мегирад, ки масъулияташон ҳимоя ва пешбурди ҳуқуқи инсон мебошад.

Яке аз мушкилот дар мубориза бо таъқиб ва зӯроварӣ нисбат ба бонувони рӯзноманигор дар Интернет он аст, ки ҷабрдидагон аксар вақт дар ин бора хабар намедиҳанд, аз ин рӯ, таъмини дастрасии онҳо ба адолати судӣ муҳим аст. Дараҷаи баланди беҷазоӣ барои ҷиноятҳои зидди рӯзноманигорон боиси нигаронии хоса аст, ки тақрибан 90 дарсади куштори маълуми рӯзноманигорон дар саросари ҷаҳонро ташкил медиҳад.[1] Азбаски ин далели ноадолатии системавӣ дар фаъолияти ҳукуматҳо ва мушкилоти волоияти қонун аст ва чун аз онҳо амният ва ҳуқуқиҳо ҳар як фард вобастагӣ дорад, пас мубориза ба муқобили беҷазоӣ вазифаи аввалиндараҷа мебошад.[2]

**[Қарори Шӯрои вазирони САҲА № 3/18] аз давлатҳои узв даъват мекунад, ки “барои хотима додан ба беҷазоӣ барои ҷиноятҳои алайҳи рӯзноманигорон содиршуда, тавассути ба ҷовобгарӣ кашидан, ҳамчун ҷузъи калидии пешгирии ҳамлаҳо дар  оянда, чораҳои муассир андешанд, аз ҷумла тавассути таъмини гузаронидани тафтишоти фаврӣ, муассир ва беғаразонаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба амалҳои зӯроварӣ ва таҳдид алайҳи рӯзноманигорон, бо мақсади ба ҷавобгарии судӣ кашидани гунаҳкорон ва таъмини дастрасии ҷабрдидагон ба воситаҳои зарурии ҳимояи ҳуқуқӣ».**

## › Баланд бардоштани сатҳи хабаррасонӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ дар тамоми системаи судӣ, зеро он барои ҳифзи бонувони рӯзноманигор муҳим аст;

Барои фароҳам овардани амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет низоми судие лозим аст, ки ҳуқуқҳои ҳар як фардро ҳифз кунад ва фарқияти нигарониҳо ва таҷрибаи мардону занон ва одамони дорои тамоюлҳои ҷинсии гуногун, ҳувияти гендерӣ ва худифодакуниҳои гуногунро мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқҳои инсон ба инобат гирад.[3] Барои расидан ба ин сатҳ, давлатҳо бояд тамоми кӯшишҳоро ба харҷ диҳанд, то системаи адлияро баҳогузорӣ ва ислоҳ кунанд, то ки баробарии гендериро таъмин намоянд. Қадамҳои лозимиро дар самти ноил шудан ба ин ҳадаф аз таъмини таносуби баробарии мардону занон дар байни кормандони адлия ва эҷоди тавонмандӣ барои таъмини дастрасии баробарӣ ба адолат иборатанд.

Яке аз монеаҳое, ки мубориза бо таъқиб ва зӯроварӣ нисбат ба бонувони рӯзноманигорро дар Интернет мушкил мегардонад, ин аст, ки ҷабрдидагон аксар вақт дар ин бора хабар намедиҳанд. Омилҳои зиёде ба ин мусоидат мекунанд, аз ҷумла тарс аз интиқом, оқибатҳои касбӣ ва таънаву тамғазании ҳамкорон. Дигар омилҳои имконпазире, ки бонувони рӯзноманигорро аз пешниҳоди аризаҳои даъвоӣ барои таъқиб дар Интернет бозмедоранд, метавонад воситаҳои нокифояи ҳимояи шаъну шарафи шикояткунандагон, хароҷоти молиявӣ ва набудани боварӣ ба он бошад, ки оё бо чунин таъқибот метавон муқобилият кард.[4]  Тадбирҳои фаъол барои осон кардани дастрасӣ ба адолат, аз ҷумла чорабиниҳои иттилоотӣ ва кӯмакҳои ҳуқуқӣ метавонанд ба бонувони рӯзноманигор дар бартараф кардани баъзе аз ин монеаҳо ёрӣ расонанд. Баланд бардоштани  волоияти қонун ва таъмини дастрасии баробар ба адолати судӣ  аз ҷумла барои ҳама ӯҳдадориҳое мебошанд, ки дар Ҳадафҳои Рушди Устувор зикр шудаанд.[5]

Тадбирҳое, ки ба зиёд кардани шумораи парвандаҳо оид ба ҳифзи амнияти рӯзноманигорон равона шудаанд, ва аз ҷониби мақомоти судӣ баррасӣ мешаванд, инчунин метавонанд муколама байни мақомоти судӣ ва рӯзноманигоронро бо мақсади табодули таҷриба ва беҳбуди фаҳмиши он ташкил диҳанд, ки чӣ гуна таъқиб ва суиистифода дар Интернет ба зиндагӣ ва касбияти рӯзноманигорон таъсир мерасонад.

## Мисолҳо

**Омодасозии кормандони мақомоти судӣ:** Аз соли 2013 инҷониб ҳукумати Босния ва Ҳерсеговина дар ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи бонувони судя кормандони мақомоти судиро оид ба масъалаҳои мушкилоти гендерӣ дар расмиёт ва таҷрибаи судӣ меомӯзонанд.[6]

**Мусоидат дар пешниҳоди парвандаҳо ба суд:** Дар соли 2018 ташкилоти минтақавӣ оид ба танзими фаъолияти ВАО дар заминҳои Рейн-Вестфалии Шимолӣ дар Олмон лоиҳаеро барои расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба оҷонсиҳои иттилоотӣ ва рӯзноманигорон дар ирсоли парвандаҳои таъқиб ва суиистифода дар Интернет ба суд оғоз намуд.[7]

## Манбаъҳо

- Тавсияҳои муфассал оид ба чӣ гуна таъмин намудани баҳисобгирии мушкилоти гендерӣ дар низомии адлияи судӣ дар Дастурамали САҲА «Адолати судӣ ва гендер» оварда шудааст.[8]

- Барномаи Шӯрои Аврупо «Омузиш дар соҳаи ҳуқуқи башар барои намояндагони касбҳои ҳуқуқшиносӣ» (HELP) курси онлайнии «Дастрасии занон ба адолати судӣ»-ро пешниҳод мекунад, ки модулҳо оид ба беҳтар намудани дастрасии занонро ба адолати судӣ ва танзими мушкилоти гендерӣ дар амалияи ҳуқуқиро дар бар мегирад.[9]

- Баромади ЮНЕСКО «Пешгирӣ ва ҷазо: барои пайдо намудани роҳҳои ҳалли мубориза бо хушунат алайҳи рӯзноманигорон» тавсияҳо оид ба мубориза бо беҷазоӣ нисбат ба ҷиноятҳои зидди рӯзноманигоронро дар бар мегирад, ҳарчанд дар он таҳлили муфассали масъалаҳои гендерӣ пурра пешбини нашудааст.[10]

## › Такмили ихтисос ва малакаҳои кормандони мақомоти судӣ оид ба озодии баён, амнияти рӯзноманигорон ва ҳамчунин таъқиб ва суиистифода дар Интернет ва берун аз он

Кормандони низоми судӣ бояд аз афзалиятҳо ва мушкилотҳо огоҳ бошанд, ки рӯзноманигорони ҳарду ҷинс дар фазои зуд тағйирёбандаи муҳити расонаӣ дучор меоянд. Барномаҳои таълимӣ ва барномаҳои омузишӣ барои кормандони соҳаи ҳуқуқшиносӣ бояд чунин мавзуъҳоро дар бар гиранд, аз қабили татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқи озодии баён дар Интернет; аҳамияти бунёдии равишҳо доир ба ҳуқуқҳое, ки ҷанбаҳои гендериро ба инобат мегиранд; ва ҳачунин эътинои мувофиқ нишон додан ба таъқиб ва суиистифода дар Интернет мутобиқи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар.

Чунин барномаҳои омӯзишӣ бояд ҳадди ақал панҷ мавзуъеро дар бар гиранд, ки ба амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет таъсир мерасонанд:

1. Баррасии меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон вобаста ба пешгирии ҷиноятҳо бар зидди ҳуқуқи озодии баён, ҳимоя аз чунин ҷиноятҳо ва таъқиб барои содир кардани онҳо;

2. Фаҳмиши дақиқи маҳдудиятҳои қонунии ҳуқуқи озодии баён ва татбиқи ба истилоҳ «санҷиши сегона» (саҳ. 42: санҷиши риояи маҷмуи се принсип - қонуният;эътирофи қонуният; ва зарурият ва мутаносиб будани маҳдудият)

3. Афзалиятҳо ва мушкилоти марбут ба ҳуқуқи озодии баён дар Интернет ва дарки тарзи кор кардани Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ;

4. Равиши фарогир ва бидуни табъиз дар татбиқи ҳуқуқ ба озодии баён;

5. Нақши рӯзноманигорӣ ва рӯзноманигорон дар ҷомеаҳои демократӣ.[11]

Ташкил намудани омӯзишҳо дар ҳамкорӣ бо ҳамкасбон аз мақомоти судии кишварҳои дигар метавонад барои ҳамаи иштирокдорон бебаҳо бошад. Масалан, омӯзиш барои судяҳо ё дигар аъзои ҳайати судии кишварҳои узви САҲА як платформаи табодули пурсамари таҷриба ва донишҳо хоҳад буд.

## Мисолҳо

**Ташкили онлайн -курсҳои оммавии  кушода:** Аз соли 2014 беш аз 12,000 судя дар онлайн-курсҳои оммавии кушода , ки аз ҷониби ЮНЕСКО маблағгузорӣ карда мешаванд, барои баланд бардоштани дониши худ оид ба масъалаҳои озодии баён ширкат карданд. Курс аз ҷониби иштирокчиён баҳои баланд гирифт, ки тибқи он омузиш ба онҳо барои беҳтар фаҳмидани масъалаҳои марбут ба амнияти рӯзноманигорон ёрӣ расонд.[12]

**Мубодилаи афкор байни коршиносон дар сатҳи баланди байналмилалӣ:** Муколамаи судии Осиёи Марказӣ, ки аз ҷониби Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО ташкил карда шуд, имкон дод, ки ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалиро байни ҳуқуқшиносони бонуфуз ва судяҳое, ки кам ё ҳеҷ гоҳ бо ҳам во нахурдаанд, ба роҳ монда шаванд.[13] Ҳамчунин дар доираи  ин ташаббус, онҳо оид ба масъалаҳои хулоса, аз қабили  декриминализатсияи тӯҳмат ва мубориза бо «забони адоват» бидуни осеб ба озодии баён мубодилаи афкори ҳуқуқӣ ва таҷрибаи судӣ баррасӣ намуданд.

**Таҳсилоти  рӯ ба рӯ** (рузона ): Аз соли 2016 зиёда аз 4000 судя, прокурор, ҳуқуқшинос ва мутахассиси ВАО дар лоиҳаи JUFREX Шурои Аврупо иштирок намуда, дониши худро дар бораи озодии баён, ва амнияти рӯзноманигорон дар Аврупои Ҷанубу Шарқӣ баланд бардоштанд.[14]

**Таъсиси судҳои махсус:** Эстония суди махсус оид ба парвандаҳои таъқиб дар Интернетро таъсис дод; судяҳо ва коркунони мақомоти ҳифзи ҳуқуқе, ки дар он фаъолият мекунад, дар ин масъала омузиши махсус мегиранд.[15]

## Манбаъҳо

- ЮНЕСКО «Меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба озодии баён: дастурамал оид ба адолати судӣ дар Африқо»-ро нашр кард, ки як боби он оид ба ҷанбаи гендерии озодии баёнро дар бар мегирад.[16] ЮНЕСКО дар ҳамкорӣ бо Маркази байналмилалии кӯмак ба ВАО инчунин дастурамалии «Меъёрҳои байналмилалии озодии баён: роҳнамои асосӣ барои ҳуқуқшиносон дар Амрикои Лотинӣ»[17] ва инчунин китоби дарсӣ барои судяҳо оид ба озодии баён, дастрасӣ ба иттилоот ва амнияти рӯзноманигоронро чоп кард.[18]

- Дастури Шурои Аврупо оид ба «Ҳифзи ҳуқуқ ба озодии баён тибқи Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон» тавсияҳоро оид ба амнияти рӯзноманигорон дар бар мегирад.[19]

- Омӯзиши онлайнӣ оид ба амнияти рӯзноманигорон барои судяҳо ва ҳуқуқшиносон асосҳои ҳифзи рӯзноманигоронро аз зӯроварӣ ва таъқиби хушунат алайҳи онҳо муайян мекунад. Он дар платформаи онлайни Шурои Аврупо HELP бо забонҳои гуногун дастрас аст.[20]

## › Истифода ва тарғиби таҷрибаи пешқадам дар масоили дастрасӣ ба адолати судӣ, қабули қарорҳои суд ва таъмин намудан воситаҳои муҳофизатӣ

Азбаски муроҷиати мустақилона ба суд барои ҷабрдидаи зӯроварӣ метавонад як кори азиятовар ва вақттталаб бошад, бояд низоме сохта шавад, ки ба зуд гузаштан аз риояи расмиёти дахлдор ва расонидани кӯмакҳоии ҳуқуқӣ ёрӣ расонад ва воситаҳои муҳофизатии ҳуқуқиеро таъмин намояд[21], ки ба вазнинии ҷиноятҳо мутаносиб бошад ва бояд имконияти ҷуброни молиявиро дар бар гирад ва инчунин як қатор тадбирҳо оид ба барқарорсози ҳолати ҷабрдидагон ва мусоидат дар баргардонидани онҳо ба кор мувофиқи хоҳишҳояшон.[22]

Ҳангоми баровардани ҳукм ва қарор дар бораи муҷозот ва чораҳои дахлдори муҳофизатӣ дар парвандаҳо оид ба таъқиб ва суиистифодаҳо нисбат ба бонувони рӯзноманигор дар Интернет, судҳо бояд таъсиреро, ки қонунвайронкунии баррасишаванда ба ҳуқуқи озодии баён ва озодии матбуот расонидааст, ба назар гиранд.[23] Судяҳо бояд инчунин таҷрибаи пешқадами баррасии парвандаҳои ҳамла ба рӯзноманигоронро дар кори дигар судҳо тибқи қонунҳои байналмилалии ҳуқуқи башар ба назар гиранд. Афзоиши ҳаҷми таҷрибаи судӣ дар ин соҳа бояд субъектҳои мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатиро, ки кирдорҳои ғайриқонунӣ содир мекунанд, итминон диҳад, ки онҳо беҷазо нахоҳанд монд ва онҳо бояд ба ҳукми судӣ итоат кунанд, масалан, товони зиён ба рӯзноманигореро расонида шударо ҷуброн кунанд, ки аз онҳо зарар дидааст.[24]

Ҳокимияти судӣ бояд дар ҳамкорӣ бо прокурорҳои махсус ва комиссияҳои мустақил аз тарафи ҷонибҳои манфиатдори гуногун таъсис додашуда, ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди беҷазоӣ мусоидат намояд. Ин ҷонибҳо метавонанд комиссияҳои махсус бошанд, ки дар ҳамкорӣ бо вазорати масъул, ташкилотҳои ВАО ва ҷомеаи шаҳрвандӣ самаранокии тафтишотро назорат мекунанд.

## Мисолҳо

**Ҳукмҳо:** Дар Фаронса ду нафар шартан ба муддати шаш моҳ аз озодӣ маҳрум ва дар ҳаҷми 2000 евро ҷарима баста шуданд. Ин ҳукм барои таҳдид ба куштор ва таҷовуз буд, ки онҳо ба як зани хабарнигори фаронсавӣ дар тӯли ҳашт моҳ тавассути Интернет ирсол мекарданд.[25] Дар Ирландия ҷинояткор ба чаҳору ним сол (бо таъхир иҷрои ҳукм дар 18 моҳи охир) барои таъқиби бонуи рӯзноманигор тибқи Қонуни ҷиноятҳои ғайри марговар бар зидди шахс маҳкум гардид.[26]

**Тафтишоти кушода:** Моҳи ноябри соли 2019 дар Малта тафтишоти кушодаи куштори рӯзноманигор Дафне Каруана Галитсия оғоз шуд. Ба оғози тафтишот маъракаи фаъоле, ки аз ҷониби оилаи ҷабрдида ташкил карда шуда буд, қабули қарордод аз ҷониби Ассамблеяи парлумонии Кумитаи оид ба корҳои ҳуқуқии Шурои Аврупо ва фишори дигар ташкилотҳои байналмилалӣ мусоидат намуданд.[27]

**Мукофоти пулӣ:** Додгоҳи миллии Финландия дар натиҷаи таъқиби интернетӣ, озору азияти ҷинсӣ ва тӯҳмат аз ҷониби се нафар ба зани рузноманиигор, ҳукм баровард, ки ба рӯзноманигор маблағи 94 000 евро ҷуброни зарар, инчунин хароҷоти табобат, аз даст додани даромад ва таъминоти иҷтимоӣ таъин карда шавад.[28]

**Таъмин намудан бо воситаҳои муҳофизати ҳуқуқӣ- шаҳрвандӣ:** Дар бисёр кишварҳо, ҷабрдидагони таъқиб метавонанд барои ҷуброни зарар бо даъвои шаҳрвандӣ муроҷиат кунанд, агар таъқиб ё суиистифода дар Интернет ҳуқуқҳои конститутсионии шахси воқеиро поймол кунад, масалан, чухеле ки қонунгузории Ирландия пешбинӣ намудааст.[29]

## Манбаъҳо

- Амсилаи судии Суди Аврупо оид ба Ҳуқуқи Башар (САҲБ)-ро метавон дар баромади Шӯрои Аврупо "Озодии баён, ВАО ва рӯзноманигорон: амсилаи судии Суди Аврупоии Ҳуқуқи Башар" пайдо кард.[30] Дар сомонаи барномаҳои Шурои Аврупо HELP ҳам метавон курси онлайнии "Асосноккунии ҳукмҳо оид ба парвандаҳои ҷиноӣ ва воридсозии онҳо ба КАҲБ (кумитаи аврупоии ҳуқуқи башар) –ро пайдо намуд.[31]

- Пойгоҳи махзани Обсерваторияи аудиовизуалии аврупоии IRIS Merlin дорои маълумоти муфиди ҳуқуқии марбут ба ВАО, аз ҷумла ҳимояии рӯзноманигорон мебошад .

- Махзани глобалӣ додаҳои Донишгоҳи Колумбия оид ба амсилаҳои судӣ дар бораи озодии баён дастрасӣ ба садҳо қарорҳои додгоҳиро оид ба масъалаҳои озодии баён дар саросари ҷаҳон, аз ҷумла амнияти рӯзноманигоронро, фароҳам меорад.

- Факултаи ҳуқуқи донишгоҳи Оксфорд оид ба пардохтани ҷуброн ва воситаҳои ҳуқуқии муҳофизат барои ҷабрдидагони хушунати ҷинсӣ ва гендерӣ дар асоси қонунгузории байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ маъруза нашр кард.[32]

## › Ҷалб намудани созмонҳои миллии ҳуқуқи башар дар ҳалли масъалаҳои марбут ба амнияти рӯзноманигорон

Ниҳодҳои гуногуни ҷамъиятии мустақили миллии ҳуқуқи башар (НМҲБІ), хоҳ комиссияҳо, хоҳ омбудсмен ё ягон ниҳоди дигар бошад, механизмҳои мувофиқ барои мубориза бо амнияти рӯзноманигорон, аз ҷумла таъқиб ва зӯроварӣ нисбат ба бонувони рӯзноманигор дар Интернет ҳастанд. НМБҲ метавонад масъалаи амнияти бонувони рӯзноманигорро тавассути мониторинг, омӯзиш ва иртибототи стратегӣ, инчунин баррасии шикоятҳо ва пешгирии нақзи ҳуқуқи башар ва зӯроварӣ алайҳи хабарнигорон ҳал кунад.[33] Масалан, НМҲБ салоҳиятдор аст, ки шикоятҳои инфиродиро баррасӣ намояд ва дар байни шикояткунандогон ва мақомоти давлатие, ки ухдадориҳои худро оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон иҷро накардаанд, миёнаравӣ кунад. Илова бар ин, НМҲБІ метавонад изҳороти оммавӣ нашр кунад, чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронад ва тадқиқоти камбудиҳои ошкоршударро нашр кунад.

НМҲБ барои пайгирӣ аз ҳамлаҳо алайҳи рӯзноманигорон, аз ҷумла таъқиб ва суиистифода дар Интернет, имкониятҳои хуб дорад. Ҳамчун ниҳодҳои мустақили ҷамъиятӣ, НМҲБ барои коркарди низоми ҷамъоварии маълумот дар бораи дараҷа ва таъсири таҳдидҳо ба амнияти рӯзноманигорон имкониятҳои васеъ дорад, ки онҳо метавонанд дар таҳияи сиёсати давлатӣ ва механизмҳои байналмилалӣ, аз қабили Ҳадафҳои Рушди Устувор, истифода шаванд.

Дар баъзе мавридҳо НМҲБ дорои салоҳияти ҳуқуқи сохтакорӣ мебошанд, ки ба онҳо имкони тавсия ва пешниҳод кардани воситаҳои ҳуқуқии муҳофизатӣ, ё иштирок дар ҳалли алтернативии баҳсҳоро медиҳад. Чунин воситаҳои ғайриҳуқуқӣ ва муҳофизатии ҳуқуқӣ

метавонанд алтернативаи бештар афзалиятнок дар ҳолатҳои таъқиби онлайн ва офлайнӣ нисбат ба заноне бошанд, ки намехоҳанд дар мурофиаҳои кушодаи судӣ иштирок кунанд.

Мисли дигар ниҳодҳо, НМҲБ бояд дар кори худ усулеро истифода баранд, ки ҷанбаҳои гендериро ба назар мегирад ва барои татбиқи самараноки чунин равиш манбаъҳои дахлдори инсонӣ ва молиявиро ҷудо кунанд.

## Мисолҳо

**Гузоришҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи башар:** Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои башар дар Босния ва Ҳерсеговина баромади махсусро оид ба вазъият ва ҳодисаҳои таҳдидҳо алайҳи рӯзноманигорон омода кард, ки дар он масъалаҳои асосии бехатарии рӯзноманигорон, аз ҷумла таъқиб ва суиистифода дар Интернет, муайян карда шуда, самаранокии тадбирҳо арзёбӣ мешавад, ки аз тарафи давлат барои ҳалли ин мушкилот андешида шудаанд.[34]

**Нашри маърузаҳо дар ҳамкорӣ бо ВАО:** Дафтари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Сейми Литва барои амалӣ намудани барномаҳои гуногун оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон бо ВАО, бахусус Ассотсиатсияи радиостансияҳои минтақавӣ ҳамкорӣ мекунад. Дар доираи ташаббуси муштарак рӯзноманигорони радио, аз рӯи маводи ба дафтари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон воридшуда, дар мавзуъҳои гуногун барномаҳо омода мекунанд.

Ҳамчунин, барномаҳои радиоӣ, озодии баён ва хушунат алайҳи хабарнигорон, аз ҷумла таъқибу зуроварӣ дар Интернетро фаро мегиранд.[35]

## Манбаъҳо

- Дастур оид ба ниҳодҳои миллии ҳуқуқи башар доир ба ҳуқуқи занон ва баробарии гендерӣ, ки аз ҷониби Дафтари САҲА оид ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи башар таҳия шудааст, тавсияҳои муфидро дар мавриди бақайдгирии ҷанбаҳои гендерӣ дар кори НМҲБ пешниҳод менамояд.[36]

# Қайдҳо

**1** UNESCO, "Intensified attacks, new defences: developments in the fight to protect journalists and end impunity", 2019, https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000371487.
**2** William Horsley, "OSCE Safety of Journalists Guidebook", OSCE RFoM, 2014. p. 23, https://www.osce.org/fom/118052?download=true.
**3** Eleanor Gordon, "Justice and Gender, in Gender and Security Toolkit", DCAF, OSCE, ODIHR, UN Women, 2019, https://www.dcaf.ch/sites/default/files/publications/documents/GSToolkit_Tool-4%20EN%20FINAL_1.pdf.
**4** Michelle Ferrier, "Attacks and Harassment: The Impact on Female Journalists and Their Reporting", International Women's Media Foundation, TrollBusters, 2018, https://www.iwmf.org/wp-content/uploads/2018/09/Attacks-and-Harassment.pdf. Edison Lanza, "Women Jour- nalists and Freedom of Expression: Discrimination and gender-based violence faced by women journalists in the exercise of their profession", IACHR, RFOE, OEA/SER.L/V/II CIDH/RELE/ INF.17/17, 31 October 2018, http://www.oas.org/en/iachr/expression/docs/reports/Women-Journalists.pdf.
**5** UN Sustainable Development Goal 16: Promote peaceful and inclusive societies for sustain- able development, provide access to justice for all and build effective, accountable and inclusive institutions at all levels, 2015, https://sustainabledevelopment.un.org/sdg16.
**6** Ниг ба санади дар қайди 3 омада (case study 5: gender and justice reform (Bosnia and Herzegov- ina)).
**7** Barbara Trionfi and Javier Luque Martinez, "Newsroom Best Practices for Addressing Online Violence against Journalists: Perspectives from Finland, Germany, Poland, Spain and the Unit- ed Kingdom", IPI, in co-operation with the OSCE RFoM, June 2019, https://newsrooms-onthe-line.ipi.media/wp-content/uploads/2019/06/IPI-report-online-harassment-06032019.pdf.
**8** Lorraine Andaya Serrano, "Integrating Gender in Project Design and Monitoring for the Se- curity and Justice Sector", in: Gender and Security Toolkit, DCAF, OSCE ODIHR, UN Women, 2019, https://dcaf.ch/sites/default/files/publications/documents/GSToolkit_Tool-15%20EN%20FINAL_0.pdf
**9** Council of Europe, HELP Online Courses, http://help.elearning.ext.coe.int/.
**10** Eduardo Bertoni, "Prevent and Punish: In search of solutions to fight violence against journal- ists", UNESCO, 2015, https://en.unesco.org/sites/default/files/prevent-and-punish_bertoni.pdf.
**11** Catalina Botero, "Guía político-pedagógica sobre la incorporación de la temática de libertad de expresión y de acceso a la información pública en la formación de operadores judiciales en América Latina", UNESCO, 2016, https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000243750.
**12** Rosental Calmon Alves, "Training Judges Online to Safeguard Journalists", in the UNESCO Courier, April - June 2017, https://en.unesco.org/courier/2017-april-june/training-judges-online-safeguard-journalists.
**13** OSCE RFoM, "OSCE Media Freedom Representative concludes the second Central Asia Judicial Dialogue", March 2020, https://www.osce.org/representative-on-freedom-of-media/448045. OSCE RFoM, "Second Expert Meeting - Central Asia Judicial Dialogue, 2020, https://www.osce.org/files/f/documents/0/e/461008_0.pdf
**14** "Reinforcing Judicial Expertise on Freedom of Expression and the Media in South-East Europe (JU-FREX)", Council of Europe, South-East Europe Freedom of expression (JUFREX), https://www.coe.int/en/web/freedom-expression/promoting-freedom-of-expression-in-south-east-europe.
**15** Peter Noolander, "On the safety of journalists and other media actors, for the Conference of Ministers responsible for Media and Information Society", Background paper on the imple- mentation of CM/rec(2016)4, May 2020, https://rm.coe.int/background-paper-safety-of-jour- nalists-and-other-media-actorsfinal/168094b396.
**16** UNESCO, "Legal Standards on Freedom of Expression: Toolkit for the Judiciary in Africa", 2018, https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000366340.
**17** Silvia Chocarro, "International standards on freedom of expression: A basic guide for legal practi-

tioners in Latin America and the Caribbean", Center for International Media Assistance, 2018, https://www.cima.ned.org/resource/international-standards-on-freedom-of-expression-a-basic-guide-for-legal-practitioners-in-latin-america-and-the-caribbean/.
**18** UNESCO, "Caja de herramientas para escuelas judiciales iberoamericanas", 2017, https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000251593.
**19** Dominika Bychawska-Siniarska, "Protecting the Right to Freedom of Expression Under the European Convention on Human Rights", Council of Europe, 2017, https://rm.coe.int/hand- book-freedom-of-expression-eng/ 1680732814.
**20** Council of Europe, HELP online platform, http://help.elearning.ext.coe.int/
**21** UN Special Rapporteur on Freedom of Opinion and Expression, OSCE Representative on Freedom of the Media, Organization of American States (OAS) Special Rapporteur on Freedom of Expression and African Commission on Human and Peoples' Rights (ACHPR) Special Rap- porteur on Freedom of Expression and Access to Information, "Joint Declaration on Crimes against Freedom of Expression", 25 June 2012, https://www.osce.org/representative-on-freedom-of-media/91595.
**22** Ҳамон ҷо..
**23** Scott Griffen, "Legal Responses to Online Harassment and Abuse of Journalists: Perspectives from Finland, France and Ireland", OSCE RFoM, March 2019, https://www.osce.org/representative-on-freedom-of-media/413552?download=true.
**24** Ниг ба санади дар қайди 5 омада.
**25** "RSF publishes report on online harassment of journalists", Reporters Without Borders news item, 1 August 2018, https://rsf.org/en/news/rsf-publishes-report-online-harassment-journalists.
**26** Ниг ба санади дар қайди 23 омада.
**27** Council of Europe, Parliamentary Assembly Resolution No. 2293, "Daphne Caruana Galizia's assassination and the rule of law in Malta and beyond: ensuring that the whole truth emerges", 26 June 2019, http://assembly.coe.int/nw/xml/XRef/Xref-DocDetails-EN.asp?fileid=28053.
**28** Ниг ба санади дар қайди 2 омада.
**29** ҳамон ҷо.
**30** European Audiovisual Observatory, "Freedom of Expression, the Media and Journalists: Case-law of the European Court of Human Rights", December 2017, https://rm.coe.int/free- dom-of-expression-the-media-and-journalists-iris-themes-vol-iii-de/16807c1181.
**31** Council of Europe, "Human Rights Education for Legal Professionals", August 2017, https://www.coe.int/en/web/help/-/take-the-help-free-online-course-on-reasoning-of-criminal-judgments-.
**32** University of Oxford, "A Report on Reparations and Remedies for Victims of Sexual and Gender Based Violence", REDRESS, January 2016, https://rm.coe.int/freedom-of-expression- the-media-and-journalists-iris-themes-vol-iii-de/16807c1181.
**33** UN General Assembly, Resolution 74/157, "The safety of journalists and the issue of impuni- ty", 18 December 2019, https://undocs.org/A/RES/74/157.
**34** The Institution of Human Rights Ombudsman of Bosnia and Herzegovina, "Special Report on the Status and Cases of Threats Against Journalists in Bosnia and Herzegovina", June 2017, https://www.ombudsmen.gov.ba/documents/obmudsmen_doc2017082415202346eng.pdf.
**35** OECD, "The Role of Ombudsman Institutions in Open Government: OECD Working Paper on Public Governance No. 29", 2018, https://www.oecd.org/gov/the-role-of-ombudsman-institutions-in-open-government.pdf.
**36** OSCE ODIHR, "Handbook for National Human Rights Institutions on Women's Rights and Gender Equality", 2012, https://www.osce.org/odihr/97756?download=true.




# Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ

# Тадбирҳои тавсияшаванда

1. Баланд бардоштани сифати тайёрии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба масъалаҳои амнияти рӯзноманигорон дар Интернет бо назрдошти ҷанбаҳои гендерӣ;

2. Таҷдиди назар ва беҳтарсозии бақайдгирии ҷанбаҳои гендерӣ ҳини арзёбии хатари таъқиб ва таҳдидҳо;

3. Такмили протоколҳо, усулҳо ва тартиби тафтиши ҷиноятҳо алайҳи рӯзноманигорон ва озодии баён;

4. Тавсеаи муколама ва ҳамоҳангсозии талошҳо оид ба амнияти рӯзноманигорон миёни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ВАО ва ҷомеаи шаҳрвандӣ.

# 4. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ
## Такмил намудани усулҳои ҳимоя ва баланд бардоштини самаранокии тафтишот

Ин боб ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахшида шудааст, ки яке аз вазиифаҳои онҳо ҳимояи рӯзноманигорон ва таҳқиқи самаранокии ҷиноят алайҳи онҳо мебошанд. Азбаски бонувони рӯзноманигор дар ҷараёни фаъолияти касбии худ ба хатарҳои муайян дучор мешаванд, тадбирҳо оид ба таъмини амнияти онҳо бояд бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ андешида шаванд. Усулҳои таҳқиқи ҷиноятҳо зидди рӯзноманигорон, ки дар муҳити рақамӣ содир шудаанд, ҳанӯз ҳам дар марҳилаи рушд мебошанд. Тадбирҳои нави пешниҳодшаванда барои мубориза бо суиистифода дар Интернет бояд бо диққати том арзёбӣ шаванд, то ки ба ҳифз ва татбиқи ҳуқуқҳои инсон дар Интернет, аз ҷумла ҳуқуқ ба озодии баён ва ҳуқуқ ба дахолатнопазирии ҳаёти шахсӣ, кафолат дода шавад.

Ин боб шарҳи тавсияҳо ва меъёрҳои мавҷуда барои таҳқиқи муассири ҷиноятҳо алайҳи рӯзноманигорон, аз ҷумла тавсияҳое оварда шудаанд, ки дар Қарори Шурои вазирони САҲА № 3/18 оид ба навъҳои гуногуни таъқиб ва суиистифода аз рӯзноманигорон дар Интернет дарҷ гардидаанд. Илова бар ин, дар он пешниҳодҳо оид ба он чораҳои ҳадди ақале ҳаст, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои татбиқи ин тавсияҳо бояд биандешанд.

**Қарори Шӯрои вазирони САҲА № 3/18 ниҳодҳои давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ташвиқ мекунад, ки ба баланд бардоштани сатҳи корҳои иттилоотӣ-маърифати, омодасозиҳои касбии марбут ба зарурати таъмини амнияти рӯзноманигорон, дар ҳолатҳои зарурӣ ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ, ба чунин фаъолиятҳо машғул шаванд.**

## › Баланд бардоштани сифати тайёрии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба масъалаҳои амнияти рӯзноманигорон дар Интернет бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ

Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ на ҳамеша меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ва амнияти рӯзноманигоронро дар ёд доранд.[1] Барномаҳои омӯзишӣ метавонанд дар ин замина нақши созанда дошта, ба онҳо кумак кунанд, ки бо ҳуқуқҳои рӯзноманигорон шинос шаванд, таҳдидҳоеро арзёбӣ кунанд , ки онҳо дучор меоянд ва ба чораҳои вокуниш нишон додан ба ин таҳдиҳо сарфаҳм раванд.

Чунин барномаҳо бояд аз якчанд ҷузъҳо иборат бошанд, тавсияҳо оид ба таҳияи расмиётро дошта бошанд, ки тавассути онҳо бонувони рӯзноманигор тавонанд дар бораи ҳамлаҳо дар Интернет ва берун аз он ба мақомоти салоҳиятдор хабар расонанд. Ин барномаҳо инчунин бояд чораҳоро оид ба пешгирии амалияи рафтори институтсионалӣ (инчунин бо номи такроран ҷабр дидан маълум аст) дар бар гиранд, вақте ки шахс дубора таҷрибаи осеби ҳамларо аз сар мегузаронад.[2] Консепсияи умумии истифода аз фановариҳо, эҳтимолияти суиистифода

аз онҳо ва имтиёзҳое, ки онҳо пешниҳод мекунанд, инчунин модулҳои амалии дорои методология ва донишҳои ҳуқуқӣ ва техникӣ бояд зуҳуроти гуногуни таъқиб ва суиистифода бар асоси гендерӣ дар Интернетро инъикос намояд, инчунин ҳолатҳои мушаххасеро, ки дар онҳо таҳдидҳо ва таъқиби онлайн ба амали ҷиноӣ баробар дониста машавад ва бояд нисбаташон ҳамон чораҳое андешида шавад, ки нисбат ба ҷиноятҳои офлайнӣ меандешанд.

Чунин омӯзиш бояд барои ҳама кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки бо чунин ҳуқуқвайронкуниҳо машғуланд, бахусус барои кормандони полис ва муфатишон бояд ҳатмӣ бошад, ки ба идораи онҳо хабарҳо дар мавриди чунин ҷиноят мерасанд. Барномаҳои таълимӣ бояд дақиқ муайян карда шаванд. Модулҳо дар мавзӯи баробарӣ ва бидуни табъиз бояд чораҳо оид ба самти монеаҳо дар роҳи дастрасии занон бо адолати судӣ, аз қабили табъизи сохторӣ ва мақсаднок дар системаи адлияи ҷиноиро дар бар гиранд.[3]

Аҳамияти ҳалкунандаи тадбирҳои пешгирикунанда ва инчунин расмияти муайян кардани хатарҳо ва таҳдидҳои мушаххасе доранд, ки маҳз бонувони рӯзноманигор дар Интернет аксар вақт бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд ва аз хатарҳо ва таҳдидҳое фарқ мекунад, ки ҳамтоёни мардашон бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд.

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба таҳдидҳо ба ҳаёт ё дахлнопазирии ҷисмонӣ, аз ҷумла таҳдиди таҷовуз[4] ва дигар намудҳои рафтори ҷиноӣ, ки ҳам дар Интернет ва ҳам берун аз он метавонанд пайдо шаванд, бояд таваҷҷуҳи хос зоҳир намоянд.

Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба усулҳои амалии мавҷудаи пешгирӣ ва нарм намудани оқибатҳои манфии таъқиб ва зуроварӣ дар асоси гендарӣ дар Интернет ба хубӣ сарфаҳм раванд. Масалан, дар

бораи имконоти таҷҳизоти амнияти рақамӣ барои пешгирӣи дастрасии беиҷозат ба ҳисобҳои электронии рӯзноманигорон бояд огоҳ бошанд. Онҳо инчунин бояд аз табиати беназири рӯзноманигорон, бахусус аҳамияти хоси ҳифзи сарчашмаҳои иттилоот ва таъсире огоҳ бошанд, ки шаклҳои гуногуни таъқиб ва суиистифода метавонанд дар ҳаёти шахсӣ ва касбии рӯзноманигорон, дошта бошанд.

Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми гирифтани дониш бояд тамоюли таърихӣ ва маъмули гунаҳкор кардани занонеро, ки гирифтори хушунат ва таъқиби гендерӣ шудаанд, дар хотир нигоҳ доранд. Муҳим он аст, ки онҳо дарк кунанд, ки гузориш додан ва баррасии чунин иттилоот аз ҷиҳати равонӣ то чӣ андоза душвор аст. Муайян кардани сабабҳои амалияи беэътиноӣ аз суиистифода дар Интернет ва дигар фаъолиятҳое, ки аз ҷониби бонувони рӯзноманигор гузориш дода мешаванд, бояд ба таҳияи чораҳо оид ба ҳифзи занон аз ин гуна ҳамлаҳо ва пешгирӣ намудани чунин ҳамлаҳо мусоидат намояд.

Илова бар ин, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд дар бораи чораҳои мусоидат ба бонувони рӯзноманигор омузонида шаванд, ҳатто дар ҳолатҳое ки кирдори нисбат ба онҳо анҷом ёфта дорои хусусияти ҷиноӣ маҳсуб нашавад ҳам.

## Мисолҳо

**Омӯзиши онлайнӣ барои кормандони полис:** Саридораи полиси Шветсия дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи Упсала барои кормандони полис курси онлайнӣ оид ба мубориза бо ҷиноятҳо бар пояи бадбинӣ- адоват, таъмини озодии баён, озодии матбуот

ва ҳуқуқу озодиҳои асосии рӯзноманигорон, пешвоёни афкор ва сиёсатмадоронро оғоз намуд.[5]

**Нашри раҳнамоҳо барои кормандони полис:** Дар раҳнамо оид ба таъқиби ҷинсӣ барои афсарони полис ва прокурорҳои шоҳигарӣ, ки аз ҷониби Вазорати адлияи Канада нашр шудааст, намудҳои гуногуни таъқиби онлайнӣ ва ҳамчунин қонунҳо ва расмиёте тавсиф ёфтанд, ки онҳоро ҳангоми тафтиши чунин қонунвайронкуниҳо истифода бурдан мумкин аст.[6]

## Манбаъҳо

- Роҳнамои «Озодии баён ва тартиботи ҷамъиятӣ», ки аз ҷониби ЮНЕСКО нашр шудааст, дорои таъҷизотҳо барои нерӯҳои амниятӣ ҳангоми ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи амнияти рӯзноманигорон аст, ки эҳтиром ба ҳуқуқи инсон ва озодии баёнро таъмин менамояд.[7] Раҳнамо дар омузишу машваратҳо дар доираи татбиқи Барномаи амали СММ оид ба таъмини амнияти рузноманиигорон ва мубориза бо беҷазоӣ дар бисёр кишварҳо, аз ҷумла, дар Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Узбекистон истифода бурда шудаст.[8]

- Ташкилоти ҳимояи ҳуқуқи башар Артикл- 19 ёддошти таҳлилие таҳти унвони «Таҳқиқи ҳолатҳои таъқиб ва суиистифода аз бонувони рӯзноманигор дар Интернет»- ро омода намуд[9], ки ҳадафи он кӯмак ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар рафти тафтиши ҳолатҳои таъқиб ва суиистифода нисбат ба бонувони рӯзноманигор дар Интернет аст.

## › Аз нав баррасӣ ва беҳтарсозии бақайдгирии ҷанбаҳои гендерӣ дахолати арзёбии хатари таъқиб ва таҳдидҳо

Табъиз ва нобаробарӣ, ки занон дар ҳаёти воқеӣ бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, мунтазам дар Интернет зоҳир мешавад. Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд инро дар назар дошта бошанд, хусусан вақте рӯзноманигорон рафтори хилофи меъёрҳои иҷтимоиро ошкоро фош мекунанд ва қолабҳои гендериро рад мекунанд ва худро зери хатари иловагӣ мегузоранд.

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд тартибу тадбирҳоеро, ки барои арзёбии сатҳи хатари таҳдидҳо алайҳи бонувони рӯзноманигор дар Интернет ва дар ҳаёти воқеӣ истифода мебаранд, ҳамаҷониба баррасӣ кунанд. Ин таҳлил бояд арзёбии сатҳи хатареро дар бар гирад, ки ба намудҳои гуногуни таҳдидҳо ҳам онлайн ва ҳам офлайн дохил мешаванд ва на ҳамеша ҳамчун рафтори ҷиноӣ тасниф карда мешаванд ва ҳамчунин бояд алоқамандии байни воқеият ва муҳити рақамиро ба инобат гиранд. Чунин таҳлили ҳамаҷониба бояд ба таҳияи протокол, яъне маҷмӯи усулҳо, расмиёт ва меъёрҳое, ки фаъолияти мақомотро танзим мекунанд, барои таҳқиқ ва вокуниш ба таҳдиду хатарҳое, ки рӯзноманигорон дучор мешаванд, мусоидат намояд.[10]

Ҳама ҳисоботҳоо оид ба таҳдид, ки аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод мешаванд, бояд тавсифи муфассали арзёбии хатар ва тадбирҳои тавсияшуда, инчунин ҳама гуна мулоҳизаҳои воқеӣ, бофторӣ ва гендерии аз ҷониби рӯзноманигорон ва коршиносони гендерӣ пешниҳодшударо дар бар гирад, агар дар баҳодиҳии ё тафтишот ҷалб шуда бошанд.

Баҳогузории хатар бояд боберо  дар бораи намунаҳои рафтор ва ҷанбаҳои гендерии ҳодиса, аз қабили қолабсозӣ, табъиз,

таҳаммулнопазирӣ, таҳдидҳои ҷинсӣ ва тарс доданродар бар гирад. Ин маълумот бояд барои муайян кардани чораҳои минбаъда ва беҳтар намудани ҷамъоварии маълумот оид ба зуҳуроти гуногуни таъқиби интернетӣ ва таҷовуз нисбат ба бонувони рӯзноманигор истифода шавад.

Вазифаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонанд барои беҳтар дарк ва таҳияи вокунишҳои стратегӣ ба таъқиб ва суиистифода аз рӯзноманигорон дар Интернет кумак кунанд. Мақомот бояд барои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти марбут ба ин мушкилот ташаббус нишон диҳад[11] ва мусоидат кунад, ки ин метавонанд асос барои таҳия ё таҳкими чораҳои пешгирикунанда ва тафтишотӣ дар мутобиқати қатъӣ бо ӯҳдадориҳо оид ба ҳифзи нишондодҳо  ва меъёрҳои ҳифзи махфият бошанд. Хабарнигорон, ки дар бораи ҳодиса иттилоъ медиҳанд бояд дар бораи истифода ва коркарди иттилооти пешниҳодкардаашон, инчунин дар бораи воситаҳои ҳуқуқии муҳофизатӣ, ки онҳо метавонанд дар сурати қонуншиканӣ ва ё суиистифода аз онҳо истифода баранд, бояд дақиқан огоҳ бошанд.

## Мисолҳо

**Таҳияи протоколҳо барои арзёбии таҳдид ва хатарҳо:** Бо мақсади таҳияи протоколи намунавӣ барои арзёбии хатар[12] ва  татбиқи кушишҳои якҷоя дар беҳтар намудани вокунишҳо, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои рӯзноманигороне меандешанд, ки дар натиҷаи фаъолияти касбиашон зери хатари махсус қарор доранд, Гузоришгари махсус оид ба қатлҳои ғайрисудӣ,  қатлҳои бидуни иҷрои муқаррароти судӣ ё худсарона, давлатҳоро даъват кард, ки раванди ҷамъоварии маълумотро дар бораи таҷрибаҳои

беҳтарини тафтишот, арзёбӣ ва/ё вокуниш ба таҳдидҳо ва хатарҳо, дастгирӣ намоянд, ки рӯзноманигорон ба онҳо дучор мешаванд. Чунин протоколҳо бояд консепсияҳои рақамӣ ва технологии таҳдидҳо ва хатарҳоеро дар бар гиранд, ки рӯзноманигорон бо онҳо дучор мешаванд.

## › Такмили протоколҳо, усулҳо ва тартиби тафтиши ҷиноятҳо зидди рӯзноманигорон ва озодии баён

Баланд бардоштани самаранокии тафтишот оид ба ҳамлаҳо зидди рӯзноманигорон дар мубориза бо беҷазоӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад, аммо дар ҳамин ҳол равишии истифодаи гендерӣ ҳам муҳим аст, ки зуҳуроти гуногуни таъқибот, таъсирот ва хатарҳоеро ба инобат гирад, ки мутаносибан занон ва мардон дучор меоянд[13]

Мубориза бо беҷазоӣ барои ҷиноятҳо зидди рӯзноманигорон тафтишоти ҳамаҷониба, беғаразона ва муассирро дар бар мегирад, ки ба муайян кардани ҳақиқат, инчунин ба ҷавобгарӣ кашидан, ҳабс кардан, таъқиб кардан ва дар ниҳояти кор муҷозот кардани ҳама гунаҳкорони ҷиноят бар зидди рӯзноманигорон нигаронида шудааст.[14]

Яке аз тадбирҳое, ки аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд андешида шавад, таъсис додани воҳидҳои махсус дар мақомоти милитсия ва додситонӣ оид ба тафтиши ҷиноятҳо зидди рӯзноманигорон аст ва инчунин таҳияи ҳама гуна механизмҳои шабеҳ ва мувофиқе, ки имкони муайян намудани афзалиятҳо ва хусусиятҳои тафтишоти ҷиноятҳо зидди рӯзномаинигоронро фароҳам меоварадн. Фаъолияти чунин воҳидҳо ё механизмҳои махсус бояд ба усулҳо, қоидаҳо ё протоколҳое асос ёбад, ки дар асоси таҷрибаи умумии беҳтарин таҳия карда шудаанд .

Илова бар ин, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд манбаъҳои кофӣ ҷудо карда шаванд, то ба онҳо имкон диҳанд, ки ба баҳодиҳии хатарҳо ва тафтиши ҷиноятҳо зидди бонувони рӯзноманигор афзалият диҳанд. Ғайр аз ин, ба онҳо имкон дода шавад, ки як қатор меъроҳо, тартибу қоидаҳо ва протоколҳои махсусро таҳия кунанд, то ки дар рафти тафтишоти ҷиноят алайҳи рӯзноманигорон пурра ривояти алоқамандии ҷиноят бо фаъолияти хабарнигори ҷабрдида коркард шавад. Агар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тасмим гиранд, ки ин ривояти пайгирӣ накунанд, онҳо бояд як хулосаи худро дар шакли хаттӣ асоснок кунанд ва онро бояд як афсари мақомаш баландтар тасдиқ кунад. Дар парвандаҳои марбут ба бонувони рӯзноманигор, бояд дар гузориш масъалаҳои гендерӣ низ ҷой дода шаванд.

Дар ҳолатҳое, ки таҳдид ва таъқиби интернетӣ бо ҷурми ҷиноӣ баробар карда мешавад ва нисбат ба он аз ҳамон усулҳо ва расмиёти ҷиноятҳо дар ҳаёти воқеӣ истифода мешаванд, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд протоколҳои мавҷудаи тафтишот ва чораҳои пешгирикунандаро таҳлил ва аз назар гузаронанд, то ки усулҳо ва тартиботеро муайян кунанд, ки дар пешгирӣ ва тафтишоти чунин ҷиноятҳо бештар самаранokанд. Дар мавриди чунин таҳлил ҷалб намудани созмонҳо ва коршиносоне, ки бо ҷабрдидагони зӯроварӣ кор мекунанд, инчунин ҷалби бонувони рӯзноманигоре муфид аст, ки бо монеаҳои дастрасӣ ба адолати судӣ дучор омадаанд.

## Мисолҳо

**Пешниҳод намудани маслиҳатҳо ба судҳои сатҳи олӣ:** Хадамоти прокуратураи шоҳигарии Британияи Кабир тавсияҳо оид ба қабули

қарорҳо дар мавриди парвандаҳои марбут ба паёмҳои аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ирсолшудаиро пешниҳод намуд. Дар як матлабе дар соли 2018 таҳти унвони «Шабакаҳои иҷтимоӣ - тавсияҳо барои муҳокимаи парвандаҳои судие, ки тариқи паёмҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ирсол шудаанд», нишон дод, ки кадом паёмҳои шабакаҳои иҷтимоиро метавон ҳамчун ҷурми ҷиноӣ баррасӣ кард.[15]

**Таъин кардани шахсони масъул:** Раҳбарияти полиси Косово ба Департамент оид ба ҷиноятҳои вазнин супориш дар барои таҳқиқи ҳамлаҳо ва таҳдидҳо ба хабарнигорон додааст. Дар робита ба ин, Суди марҳилаи якуми Приштина шахси ҳамоҳангсозро доир ба умури ҷиноятҳо алайҳи рӯзноманигоронро таъин кард.[16]

## Манбаъҳо

- Иддае аз созмонҳои ҷамъиятӣ дар якҷоягӣ бо прокуратура барои тафтиши ҷиноятҳо алайҳи озодии баён дар Мексика протоколи махсус қабул карданд. Он қоидаҳои амалиётӣ оид ба тафтиш ва ҷамъоварии далелҳо, ҳамкорӣ байни мақомоти гуногун ва тартиби фиристодани шахсони дахлдор ба хадамоти дахлдор ва муқаррар намудани иртиботро байни онҳоро дар бар мегирад.[17]

- Дар ёддошти таҳлилии созмони ҳимояи ҳуқуқ- «Артикл 19» бо номи «Тафтиши таъқиб ва зӯроварӣ нисбат ба бонувони рӯзноманигор дар Интернет» доираи ӯҳдадориҳои давлат дар мубориза бо таъқиб ва суиистифода нисбат ба бонувони рӯзноманигор дар Интернет ва таҳқиқи самаранокии чунин ҷиноятҳо баррасӣ мегардад.[18]

## › Васеъ намудани муколама ва ҳамоҳангсозии кӯшишҳо оид ба амнияти рӯзноманигорон, миёни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ВАО ва ҷомеаи шаҳрвандӣ

Барои таҳкими эътимоди ҷомеа ба волоияти қонун ва мубоpизаи муассир бо табъизи гендерӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ҳамкориро байни полис, прокуратура, созмонҳои ВАО ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дастгирӣ ва ҳавасманд кунанд. Муҳим он аст, ки рӯзноманигороне, ки ҳадафи ҳамла ва ҷиноятҳо дар Интернет ва берун аз он қарор гирифтаанд, дар ин бора ба полис хабар диҳанд.

Муколамаи тарафҳо бояд ба ҳалли решакан намудани сабабҳои беҷазоӣ нисбат ба ҷиноятҳо зидди рӯзноманигорон ва нақши технологияҳо ҳам дар татбиқи ҳуқуқи инсон ва ҳам дар таҳдид ба нақзи ҳуқуқи рӯзноманигорон тамаркуз кунад. Ҳама ҷонибҳо бояд аҳамияти вижаи дарёфти иттилоот аз ҷабрдидагони ҳамлаҳо ва иттилоот аз гурӯҳҳоеро, ки ба шахсони дар Интернет мавриди таҳқир ва зуроварӣ қароргирифта ёрӣ мерасонанд, дарк кунанд, агар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои коркард ва ё истифода аз расмиёти мубориза бо амалияҳои табъиз ва монеаҳои сохторӣ талош мекунанд. Муносибат байни иштирокчиёни муколама бояд ба таҳияи усулҳои нав ё такмил додани усулҳо ва расмияти мавҷуда барои таъмини ҳисобдиҳӣ ва ҷуброни зарар нигаронида шавад.

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ инчунин метавонанд дар а ҳамкориҳои байналмилалӣ, аз қабили Идораи Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ (UNODC), ки таҳти роҳбарии Комиссия оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва адолати судӣ қарор доранд, ҷалб карда шаванд. Чунин иқдомҳо имкони табодули таҷриба, дониш ва иттилоот дар бораи амалияи адолати судӣ ва пешгирии ҷиноятҳо алайҳи хабарнигоронро фароҳам меоранд ва бояд бо иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО амалӣ карда шаванд.

## Мисолҳо

**Ҳамкорӣ барои баланд бардоштани самаранокии тафтишот:** Пулис ва додситонии Ҳолланд дар якҷоягӣ бо Ҷамъияти сармуҳаррирони Ҳолланд, ба мувофиқа расиданд, ки самаранокии тафтишоти ҳамлаҳо алайҳи рӯзноманигорон баланд бардошта шавад, аз ҷумла тавассути андешидани тадбирҳо аз қабили бақайдгирии мунтазам дар бораи ҳамлаҳо, ба ҳамла алайҳи рӯзноманигорон аҳамияти махсус додан ва баланд бардоштани шаффофият ва дастрасии иттилоот барои ҷабрдидагон аз ҳамлаҳо.[19]

**Таъсиси платформаи муштарак барои ҳамкорӣ:** Маркази аврупоии озодии матбуот ва ВАО (МАОМ) барои беҳтар кардани ҳамкории полис ва созмонҳои иттилоотӣ як манбаи веби policecodex/eu-ро таъсис додааст.[20] Ин кодекс иборат аз ҳашт тавсияи методӣ барои афсарони полис оид ба он аст, ки чӣ гуна ба фаъолияти рӯзноманигорӣ бояд вокуниш нишон н дод ва чи тавр бо рӯзноманигорон муоширар ва ҳамкорӣ намуд. Тибқи натиҷаҳои тадқиқоти МАОМ ин тавсияҳо масъалаҳои бештар муҳиму ҳассосро, ки байни ин ду гурӯҳи касбӣ дар кишварҳои Аврупо ба миён меоянд, фаро мегиранд.

**Мусоидат ба омузшҳои муштарак барои васеъ намудани муколама:** ЮНЕСКО барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва

рӯзноманигорон дар кишварҳои гуногун, аз қабили Украина, Непал, Сенегал, Танзания, Сомалӣ, Буркина Фасо ва Тунис муколамаҳои сохторӣ ва семинарҳо ташкил кардааст.[21]

**Даъват намудани иштирокчиёни нав ба муколама:** Комиссияи UNODC оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва адолати судӣ муколамаҳо оид ба амнияти рӯзноманигоронро баргузор мекунад, ки дар он намояндагони ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок мекунанд.[22]

**Омӯзиш дар бораи ҳамкорӣ бо объектҳои (эҳтимолии) таъқибшаванда:** Департаменти таҳдидҳои фаромиллии САҲА бо афсарони полиси Арманистон барои беҳтар кардани ҳамкории онҳо бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳангоми намоишҳо аз ҷумла муносибати махсус бо бонувони ба намоиш баромада омӯзишхо гузаронид.[23]

## Манбаъҳо

- Аз ҷониби ЮНЕСКО ҳисобот ва наворҳо аз натиҷаи машварати Украина бо иштироки намояндагони ҳифзи ҳуқуқ ва рӯзноманигорон бо мақсади мубодилаи таҷриба ва ҳамкории онҳоро дарҷ намуданд. рӯзноманигор.[24]

## Қайдҳо

**1** UN Special Rapporteur on Freedom of Opinion and Expression, OSCE Representative on Freedom of the Media, Organization of American States (OAS) Special Rapporteur on Freedom of Expression and African Commission on Human and Peoples' Rights (ACHPR) Special Rap- porteur on Freedom of Expression and Access to Information, "Joint Declaration on Crimes against Freedom of Expression", 25 June 2012, https://www.osce.org/representative-on-freedom-of-media/91595.
**2** UN General Assembly Resolution 74/157, "The safety of journalists and the issue of impuni- ty", 18 December 2019, https://undocs.org/A/RES/74/157.
**3** OSCE RFoM, "Communiqué on the growing safety threat to female journalists online", 6 February 2015, https://www.osce.org/fom/139186?download=true.
**4** "New Challenges to Freedom of Expression: Countering Online Abuse of Female Journalists", OSCE RFoM, 2016, https://www.osce.org/fom/220411.
**5** Council of Europe, "How to protect journalists and other media actors? Implementation Guide to selected topics under the Protection and Prosecution pillars of the Guidelines of Recommenda- tion CM/Rec(2016)4 on the protection of journalism and safety of journalists and other media actors", DGI(2020)11, 2020, p. 21, https://rm.coe.int/safety-implementation-guide- en-16-june-2020/16809ebc7c.
**6** "A Handbook for Police and Crown Prosecutors on Criminal Harassment", Government of Cana- da, Department of Justice, https://www.justice.gc.ca/eng/rp-pr/cj-jp/fv-vf/har/part1.html#cybstalk.
**7** UNESCO, Freedom of Expression and Public Order: Training manual, Tunis, 2015, https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000231305.
**8** "Almaty Training on Freedom of Expression and Public Order", UNESCO news item, 9 December 2019, https://en.unesco.org/news/almaty-training-freedom-expression-and-pub- lic-order.
**9** ARTICLE 19, "Investigating online harassment and abuse of women", 2020, https://www.ar- ticle19.org/https://www.article19.org/wp-content/uploads/2020/10/Gender-Paper-Brief-3-.pdf.
**10** UN Human Rights Council, Report of the Special Rapporteur on extrajudicial, summary or arbitrary executions, "Investigation of, accountability for and prevention of intentional State killings of human rights defenders, journalists and prominent dissidents", A/HRC/41/CRP.1, 19 June 2019, https://ap.ohchr.org/documents/dpage_e.aspx?si=A/HRC/41/36.
**11** OSCE RFoM, "Recommendations following the Expert Meeting New Challenges to Freedom of Expression: Countering Online Abuse of Female Journalists", 17 September 2015, https://www.osce.org/fom/193556?download=true.
**12** Ниг. ба санаде, дар қайди 10 иқтибос шудааст.
**13** Ниг. ба санаде, дар қайди 1 иқтибос шудааст
**14** UN General Assembly, Resolution 39/6, "The safety of journalists", 27 September 2018, https://undocs.org/A/HRC/RES/39/6.
**15** "Social Media - Guidelines on prosecuting cases involving communications sent via social media", The Crown Prosecution Service, https://www.cps.gov.uk/about-cps.
**16** Petrit Collaku, "Kosovo Indicators on level of media freedom and journalists' safety", Associ- ation of Journalists of Kosovo, 2018.
**17** Procuraduría General de la República, Estados Unidos Mexicanos, "Protocolo homologado de In- vestigación de delitos cometidos contra la libertad de expresión", October 2018, https://www.gob.mx/cms/uploads/attachment/file/444272/Protocolo_homologado_de_investigaci_n_de_delitos_cometi- dos_contra_la_libertad_de_expresi_n.pdf.
**18** Ниг. ба санаде, дар қайди 9 иқтибос шудааст.
**19** "Agreement of the Steering Group on Aggression and violence against journalists" (Unof- ficial translation by Tarlach McGonagle), The Hague, 2018, https://www.ivir.nl/publicaties download/Agreement-of-the-Steering-Group-on-Aggression-and-violence-against-journalists- EN-translation.pdf. All information related to the safety "mechanism" in The Netherlands is now available in this website, in Dutch:

https://www.persveilig.nl/.
**20** The European Centre for Press and Media, The Press Freedom Police Codex, https://policecodex.eu/.
**21** “UNESCO partners with Tunisian Ministry of the Interior to improve safety of journal- ists”, UNESCO news item, 2019, https://fr.unesco.org/news/l%E2%80%99unesco-et-le- minist%C3%A8re-de-l%E2%80%99int%C3%A9rieur-de-la-tunisie-coop%C3%A8rent-pour- am%C3%A9liorer-la-s%C3%A9curit%C3%A9-des.
**22** “The Safety of Journalists: Report on UNODC CCCPCJ Side-Event”, Academic Council of the United Nations System, 7 July 2014, https://acuns.org/the-safety-of-journalists-report-on-unodc-cccpcj-side-event/.
**23** “OSCE Transnational Threats Department / Strategic Police Matters Unit introduces concept of dialogue policing to senior police officers and parliamentarians in Armenia”, OSCE polis, November 2019, https://polis.osce.org/osce-introduces-concept-dialogue-policing-senior-police-officers-and-parliamentarians-armenia.
**24** “Film on the training of Ukrainian law enforcement officers on freedom of expression & safety of journalists”, UNESCO news item, 11 April 2018, https://en.unesco.org/news/ film-training-ukrainian-law-enforcement-officers-freedom-expression-safety-journalists.



# Созмонҳои байнидавлатӣ

# Тадбирҳои тавсияшаванда

1. Ба меъёрҳо ва механизмҳои ҳуқуқи инсон, ки ба амнияти рӯзноманигорон дахл доранд, ворид намудани равишҳое, ки ҷанбаҳои гендериро ба инобат мегиранд;

2. Дастгирии давлатҳо дар рафъи халову камбудҳо дар татбиқи меъёрҳои байналмилалӣ оид ба амнияти рӯзноманигорон;

3. Мусоидат дар васеъ намудани ҳаҷми маълумот ва тадқиқоте, ки метавонанд сарчашмаи иттилоот оид ба ташаббусҳо дар мавриди фароҳам овардан амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет гарданд;

4. Таваҷҷуҳи аввалиндараҷа додан ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии ҷонибҳои манфиатдор бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо.

# 5. Созмонҳои байнидавлатӣ

## Аз муайян намудани меъёрҳо то кӯмак намудан ба давлатҳо

Новобаста аз он, ки созмонҳои байнидавлатӣ (СБД) табиати глобалӣ доранд ё не, ба монанди Созмони Милали Муттаҳид (СММ), ё минтақавӣ, ба монанди Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо (САҲА), метавонанд дар таҳкими меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон нақши асоси дошта бошанд, аз ҷумла дар меъёрҳое, ки ба амнияти рӯзноманигорон таъсир мерасонанд. СБД метавонад ба аъзо ё давлатҳои иштирокчии худ дар татбиқи ин меъёрҳоҳо дар сатҳи кишвар кӯмак расонад. Дар ин боб як қатор тадбирҳои тавсияшаванда оварда шудааст, ки СБД метавонанд барои таҳкими кӯшишҳои худ ҷиҳати таъмини  амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет андешанд.

**Қарори Шурои вазирони САҲА № 3/18 аз давлатҳо даъват мекунад, ки "бо Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО, аз ҷумла дар масъалаи амнияти рӯзноманигорон ҳамаҷониба ҳамкорӣ кунанд" ва «Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО-ро ташвиқ кунанд, ки минбаъд ҳам мувофиқи ваколати худ оид ба ҳифзи амнияти хабарнигорон ва таъмини беҳтари он дар тамоми кишварҳои узви САҲА амал кунад».**

## › Ба меъёрҳо ва механизмҳои ҳуқуқи инсон, ки ба амнияти рӯзноманигорон дахл доранд, ворид намудани равишҳое, ки ҷанбаҳои гендериро ба инобат мегиранд

Солҳои охир шумораи меъёрҳо ва ӯҳдадориҳои байналмилалӣ оид ба амнияти рӯзноманигорон афзоиш ёфтааст, ки аксарашон ба бонувони рӯзноманигор нигаронида шудааст. Масалан, дар қатъномаҳои СММ ва ӯҳдадориҳои ЮНЕСКО бештар ба зарурати бартараф кардани таҳдидҳои мушаххасе таъкид мегардад, ки бонувони рӯзноманигор дар Интернет ва дар ҳаёти воқеӣ дучор мешаванд. Созмонҳои минтақавӣ, аз қабили САҲА, низ масъалаи амнияти бонувони рӯзноманигорро дар санадҳои худ, ки дар маҷмӯъ ба масъалаи ҳифзи рӯзноманигорон бахшида шудаанд, ҷой додаанд.

Чунин таваҷҷуҳи хоса тағйироти мусбатро дар муносибат ба амнияти бонувони рӯзноманигор ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти рӯзноманигорон ва озодии баён инъикос мекунад. Бо вуҷуди ин, бояд кор дар ин самт идома ёбад, то ки тамоми меъёрҳо муносибати ҳамаҷониба ва ҷавобгӯи гендериро инъикос кунанд, то ки на танҳо бонувони рӯзноманигорро муҳофизат кунанд, балки ба рушди қудратманди ҳам мусоидат намоянд. Албатта, дар ин раванд фикри худи занонро ба инобат гирифтан лозим аст.

Механизмҳои зиёди СММ, механизмҳои минтақавии ҳуқуқи инсон ва дигар ташаббусҳое мавҷуданд, ки ба масъалаи амнияти рӯзноманигорон машғуланд. Мутаассифона, ҳамаи онҳо чораҳои комплексии шахсӣ ва фаъолияти касбии а ҷанбаҳои бонувони рӯзноманигор ва роҳҳои ҳалли эҳтимоли ин мушкилро баррасӣ намекунанд. Барои мустаҳкам кардани равиши гендерӣ метавон ташаббусҳои ҳамоҳангсозии мавҷуда, аз қабили Барномаи амали СММ оид ба амнияти рӯзноманигорон ва

масъалаи бечазоӣ ва марказҳои ҳамоҳангсозии СММ оид ба амнияти рӯзноманигорон истифода бурд.

Илова бар ин, имкониятҳо барои истифода аз механизмҳои ҳуқуқи башар кайҳо боз дар СБД вуҷуд доранд, ки вокуниши фавриро ба нақзи ҳуқуқи инсон, ба мақсади баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар масъалаи амнияти бонувонирӯзноманигорон дар Интернет, таъмин менамоянд. Бо эътирофи ҷиддияти таҳдидҳои афзояндае, ки бонувони рӯзноманигор дучор меоянд, мақомоти СБД инчунин метавонанд масъалаи таъсиси механизмҳои нави қувваҳои зудкоркуни.

## Мисолҳо

**Иҷрои муқаррароте, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералӣ СММ мувофақа шудаанд:** Масалан, Қарорномаи 74/157 2019 UNGA стандартҳо барои ҷорӣ кардани равиши "ҷанбаҳои гендериро ба инобат гиранда"-ро дар ҳама чораҳои пешгирикунанда ва муҳофизатӣ, расмиёти тафтишот ва таъқиби судӣ оид ба далелҳои хушунат алайҳи рӯзноманигорон муқаррар кардааст.[1] Татбиқ намудани ҳамин меъёрҳо барои ташкилотҳои байниҳукуматӣ тавсия дода мешаванд

**Дастгирии созмонҳои мустақили байнидавлатӣ барои таъмини амнияти рӯзноманигорон:** Дар ваколати Намояндаи САҲА дар соли 1997 оид ба озодии ВАО гуфта мешавад: «Ӯ вазифаи огоҳсозии бармаҳалро бар дӯш мегирад. Вай мушкилоти ҷиддиеро ҳал хоҳад кард, аз ҷумла, монеаҳоеро, ки дар фаъолияти ВАО ва аз шароити номусоиди кори рӯзноманигорон ба вуҷуд омадаанд».[2] Фаъолияти ҳаррӯзаи Намоянда аз баҳо додан ва ҷалб намудани

диққат ба далелҳо иборат аст. Намояндаи САҲА аз соли 2004 инҷониб бақайдгирии мушкилоти и гендериро ба роҳ мондааст.[3] Дар соли 2015 Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО лоиҳаи худро оид ба бехатарии бонувони рӯзноманигор дар Интернет шуруъ кард(№8ONO)[4] ва Қарори Шӯрои вазирони САҲА № 3/18 аз соли 2018 оид ба амнияти рӯзноманигорон хатарҳои мушаххасеро эътироф мекунад, ки бонувони рӯзноманигор ба он дучор мешаванд ва аз давлатҳои узв даъват мекунад, ки таъқиби занонро дар ҳаёти воқеӣ ва дар Интернет ошкоро маҳкум кунанд.[5]

## Манбаъҳо

- САҲА як қатор дастурамалҳоро оид ба тарзи ҷорӣ кардани раванди гендерӣ дар ташаббусҳо ва фаъолиятҳои гуногун нашр кардааст, ки ба фаъолияти САҲА дар ин самт мусоидат мекунанд. Дар ҳисоботи дусолаи Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО ба Шӯрои доимии САҲА далелҳо ва таҳдидҳои нақзи озодии ВАО оварда шудаанд, ки Намоянда дар ҳар давраи ҳисоботӣ қайд кардааст.[6]

- Тавсияҳо оид ба тарзи ҷорӣ кардани бақайдгирии ҳамаҷонибаи мушкилоти гендерӣ дар тамоми сиёсатҳо ва барномаҳои низоми СММ, дар Қарорномаи Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ 2019/2. оварда шудаанд.[7]

- Дастурамали «Хотима додан ба беҷазоӣ: фаъолият аз рӯи меъёрҳои СММ оид ба амнияти рӯзноманигорон», ки Артикл 19 тартиб додааст, ӯҳдадориҳои мавҷударо ҷамъбаст мекунад

ва боберо дар бораи татбиқи ҷанбаҳои гендерӣ нисбат ба меъёрҳои байналмилалӣ оид ба амнияти рӯзноманигорон дар бар мегирад.[8]

- "Маҷлисҳои субҳона"-и шабакаи IFEX- василаи фаҳмонидани меъёр ҳои байналмилалии амнияти рӯзноманигорон мебошад.[9]

## › Дастгири ба давлатҳо дар рафъи халову камбудҳо дар татбиқи меъёрҳои байналмилалӣ оид ба амнияти рӯзноманигорон

Мушкилоти таъхирнопазир ин аст, ки меъёрҳои байналмиллалӣ дар амал татбиқ карда шаванд, то  чунин қонунҳо танҳо дар рӯи коғаз намонанд. Бо тавсеаи ҳаҷми доираи кӯмакҳои мустақим, дастгирӣ ва машваратҳои коршиносон, ки ба давлатҳо расонида мешаванд, СБД метавонанд дар татбиқ ва мушаххас намудани меъёрҳои байналмилалӣ оид ба таъқиб ва зӯроварии гендерӣ бар зидди бонувони рӯзноманигор дар Интернет кӯмак расонанд. Яке аз роҳҳои чунин кӯмак метавонад таҳлили ҳуқуқии қонунгузории мавҷуда дар ҳолатҳои таҳдиду зӯроварӣ нисбат ба рӯзноманигорон ва пешниҳоди тавсияҳои дахлдор бошад.

Созмонҳои байнидавлатӣ инчунин метавонанд нашри маҷмӯи таҷрибаҳои беҳтарин оид ба амнияти бонувони рӯзноманигорро дар Интернет, ки чунин масъалаҳои муҳимро дар бар гирад, аз қабили қоидаҳои муҳими тафтиши ҳолатҳои таъқиб ва суиистифода, механизмҳои ҳимоя ва чораҳои коҳиш додани таъқиб ва суйистифода нисбат ба бонувони рӯзноманигорро дар Интернет дастгирӣ кунанд. Боз як роҳи самараноки кӯмак ба давлатҳо ба ҳукуматҳои миллӣ ва зермиллӣ дар тадқиқоти онҳо ҳамкорӣ ва кӯмак расондан аст.

Ҷанбаи дигари дастгирии эҳтимолӣ аз ҷониби СБД ба баланд бардоштани иқтидори ниҳодҳои давлатӣ дахл дорад, ки бо масъалаҳои марбут ба ҳифзи амнияти рӯзноманигорон, таъқиб ва суиистифода дар Интернет ва ҳамчунин ба равиши гендерӣ машғуланд. Ҳама кӯшишҳои СБД барои баланд бардоштани таҷрибаи коршиносӣ дар байни кормандони мақомоти давлатӣ, масалан, ҳангоми таҳияи дастурамалҳо ё китобҳои дарсӣ оид ба ҳуқуқи инсон, бояд бахшҳое дар бораи ҳуқуқи озодии баён, амнияти рӯзноманигорон дар Интернет ва офлайн ва ҷалби қатъии равишҳои гендериро дар бар гиранд.

Давраҳои интихобот аксар вақт бо афзоиши зӯроварӣ ва тарсонидан рӯзноманигорон, аз ҷумла таъқиби интернетӣ рост меоянд.[10] Чунин ҳамлаҳо дастрасии шаҳрвандонро ба иттилоот дар давраи пеш аз интихобот ва дар ҷараёни интихобот маҳдуд мекунанд. СБД дар доираи ваколатҳои худ оид ба назорати интихобот метавонанд барои гузаронидаи таҳлили таъқибҳо нисбат ба рӯзноманигорон, аз ҷумла таъқиб ва зӯроварии гендерӣ дар Интернет саҳм гузоранд. Вобаста ба афзоиш ёфтани ҳамлаҳо, тадбирҳои дигари назорат ва пешгириро хеле пештар аз давраи интихобот андешидан лозим аст.

## Мисолҳо

**Нашри гузоришҳо дар бораи таҷрибаҳои пешқадам:** Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО гузоришгарии худро нашр кард ва дар таҳия гузориши ниҳодҳои дигар дар бораи амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет иштирок кард, аз ҷумла дар таҳлили таҷрибаҳои беҳтарин ва тавсияҳо дар ин самт. Ин маълумот дар веб-саҳифаи махсуси SOFJO дастрас аст.[11]

Гузоришгари Созмони Милали Муттаҳид оид ба хушунат алайҳи занон, сабабҳо ва оқибатҳои он бароmадҳо мубориза бо хушунат алайҳи бонувони рӯзноманигорро нашр кард, ки дар он ба СММ ва кишварҳои узви он оид ба тарзи мубориза бо хушунат алайҳи занон - рӯзноманигорон тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудааст.[12]

**Бақайдгирии раванди гендерӣ дар гузоришҳо ва таҳлилҳо:** Дар гузоришҳо дар бораи амнияти рӯзноманигорон, ки эътирозҳоро инъикос мекунанд, ЮНЕСКО таҳлили байнисоҳавиро бо назардошти омилҳои гендерӣ ва омилҳои гуногуншаклӣ анҷом додааст. Дар гузориш намунаҳои таҷрибаи пешқадам, аз қабили омодасозии кормандони полис ва чораҳои амниятие, ки рӯзноманигорон метавонанд худашон биандешанд, инчунин тавсияҳо оид ба беҳтар намудани амнияти рӯзноманигорон ҳангоми инъикоси эътирозҳо оварда шудаанд[13].

**Нашри гузоришҳои муфассал:** Гузоришгари махсуси Комиссияи байниамрикоии ҳуқуқи башар (КБАҲБ) оид ба озодии баён гузориши густурдаеро дар бораи бонувони рӯзноманигор ва озодии баён нашр кард, ки дар он тавсияҳои зиёд оид ба беҳтар кардани амнияти бонувони рӯзноманигорон дар Интернет ва берун аз он мавҷуд аст.[14]

**Дастурамалҳое, ки меъёрҳоро муқаррар мекунанд:** Дастурамал оид ба амнияти рӯзноманигорони Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО тавсияҳои умумиро ба давлатҳо оид ба таъмини амнияти рӯзноманигорон дар бар мегирад.[15] Дар нашри минбаъдаи дастурамал бояд тавсияҳои муфассал оид ба ин мавзуъ дохил кард.

**Гузаронидани таҳлили ҳуқуқӣ:** Дафтари САҲА оид ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон (БИДҲБ) мунтазам таҳлили ҳуқуқии масъалаҳои гуногун, аз ҷумла зӯроварӣ нисбат ба занонро дар минтақаи САҲА мегузаронад; чунин фаъолиятҳоро инчунин гузоришгарони махсуси байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба озодии баён анҷом медиҳанд.

**Ворид намудани масъалаи амнияти рӯзноманигорон ба ташаббусҳо оид ба идоракунӣ:** Дар соли 2012 БИДҲБ дастурамал оид ба мониторинги ВАО барои миссияҳои нозирони интихоботро нашр кард. Чунин нашрия ё версияҳои нави онҳо метавонанд тавсияҳоро дар бораи чӣ гуна тақсим кардани маълумот аз рӯи ҷинс, инчунин таҳлили маълумот дар бораи таъқиби интернетӣ ва суиистифода нисбат ба рӯзноманигорон ва таъсири онҳоро ба интихоботи озод дар бар гиранд[16]

**Бақайдгирии усулҳои гендерӣ дар ҲРУ(Ҳадафҳои рушди устувор):** санади «Татбиқи рузномаи корӣ дар соҳаи рушди устувор дар давраи то соли 2030 бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ», ки аз ҷониби сохтори «СММ-занон» дар соли 2016 нашр шуд, намунаи хуби ташаббусҳои васеъ оид ба тақвияти амалигардонии меъёрҳои байналмилалӣ бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ мебошад.[17]

**Баррасии механизмҳои мавҷудаи муҳофизат:** Дафтари Комиссари СММ оид ба ҳуқуқи инсон баррасии амиқи механизмҳои муофизатиеро анҷом дод, ки дар Мексика вуҷуд доранд ва рӯйхати зиёда аз 100 тавсияро барои татбиқи самараноки ин механизмҳо бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ пешниҳод намуд.[18]

**Мушоияти тафтишоти ҷиноятҳо зидди рӯзноманигорон:** Аз ҷониби ҳукуматҳои Эквадор ва Колумбия ва Гузоришгари махсуси

Комиссияи байниамрикоии ҳуқуқи инсон (IACHR) оид ба озодии баён таъсиси як гурӯҳи фаврии бесобиқа барои таҳқиқи куштори се хабарнигор дар марзи ду давлат, намунаи хуби он аст, ки чӣ тавр СБД метавонад дар таҳқиқи ҷиноятҳо зидди рӯзноманигорон ҷалб карда шавад.[19]

## › Мусоидат дар васеъ намудани ҳаҷми маълумот ва тадқиқоте, ки метавонанд сарчашмаи иттилоот оид ба ташаббусҳо дар мавриди фароҳам овардан амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет

Дар бисёр давлатҳо созмонҳои мухталиф барои ҷамъоварии маълумот дар бораи амнияти рӯзноманигорон усулҳои гуногунро истифода мебаранд, аммо ин маълумот на ҳамеша фарқиятҳои гендериро инъикос мекунанд. СБД метавонад ҳам дар ба меъёр мутобиқ кардани раванди ҷамъоварии маълумот ва ҳам дар таъмини гуногунии маълумот тавассути пешбурди равише, ки таҳлили ҷиддии гендериро дар ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар бар мегирад, нақши муҳим бозад. Ин ба ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор (SDGs), аз ҷумла ҲДБ5 «Таъмини баробарии гендерӣ» ва ҲДБ 16 «Сулҳ, адолат ва институтҳои қавӣ» мусоидат мекунад.

Тадқиқотҳои глобалӣ ва минтақавӣ, махсусан тадқиқотҳое, ки ҷамъоварии маълумот дар бораи таҷрибаҳои беҳтаринро дар бар мегиранд, барои таъмини амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет ва пешниҳоди тавсияҳои муфассалтҳо ба давлатҳо ва дигар ҷонибҳои дахлдор муҳиманд. Чунин тадқиқот беҳтар аст, ки дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои академикӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ гузаронида

шаванд ва гузоришҳои онҳо ба таври васеъ паҳн карда шаванд ва дар ҳолатҳое истифода шаванд, ки баррасии далелҳо  мубориза бо таъқиб ва суиистифода нисбат ба бонувони рӯзноманигор дар Интернетро талаб мекунанд. Ин барои гузаронидани корҳои огаҳие мусоидат мекунад, ки дар навбати худ метавонанд як роҳи хуби сафарбар намудани ҷонибҳои манфиатдор барои таъмини амнияти бонувони рӯзноманигор дар сатҳи миллӣ бошанд.  Дар шароити маҳдудият вақт ва буҷет, фаъолиятҳои СБД бояд ба шахсони тасмимгиранда ҳамчун барои иштирок мақсаднок равон карда шавад.

## Мисолҳо

**Баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи зарурати таҳқиқоти мӯътамад ва мунтазам:** Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО ташаббусе оид ба амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернетро оғоз намуд, ки ба он истеҳсоли филми мустанади «Ҷойи торикӣ» дохил мешуд.[20] Филм. дар бисёр ҷорабиниҳо ва донишгоҳҳои ҷаҳон намоиш дода шуд. Дар соли 2019 дар чаҳорчӯби ташаббуси #SOFJO Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО конфронс оид ба беҳтар намудани  ҳифзи озодии баён ва гуногунандешӣ дар ВАО баргузор намуд.[21]

**Мониторинг ва паҳн кардани донишҳо дар асоси маълумот ва тадқиқот:** Дар гузориши Директори генералии ЮНЕСКО[22] дар бораи бехатарии рӯзноманигорон ва таҳдиди беҷазоӣ ва Гузориш оид ба тамоюлҳои глобалии озодии баён ва рушди ВАО, хушунат алайҳи хабарнигоронро пайгирӣ намуда, ва маълумотро дар асоси тафтишоти ҳодисаҳои куштор ва беҷазоӣ гирдоварӣ шудаанд.

Дар баромад тамоюлҳои ҷаҳонӣ ҳамчунин дар бораи таҳдидҳои алайҳи бонувони рӯзноманигор таъкид мекунанд.[23]

**Мубодилаи натиҷаҳо ва таҷрибаҳои беҳтарин ва тавсияҳо дар мавриди чораҳои эҳтимолии аҳмиятноки:** Дар соли 2017 Барномаи байналмилалии ЮНЕСКО оид ба рушди коммуникатсия (ББРК) маҷмуаи таҷрибаҳои беҳтаринро оид ба бехатарии рӯзноманигорон аз ҷониби субъектҳои гуногун нашр кард. Он ҳуҷҷатест, ки метавонад сарчашмаи маълумот барои ташаббусҳои оянда дар ин самт ҳозира гардад. Нашрияи «Ҳамла ба як нафар ҳамла ба ҳама аст» намунаҳои аҳамият ба таҳдидҳо алайҳи занони рӯзноманигор дар Интернет ва берун аз онро дарбар мегирад, ки аз ҷониби намояндагони созмонҳои ғайридавлатӣ ва мутахассисони васоити ахбори омма таҳия шудаанд.[24] ББРК инчунин гузориши таҳлилиеро бо номи «Роҳ ба пеш» дар бораи нақши ин ташкилот дар таъмини амнияти рӯзноманигорон нашр кардааст, ки дорои тавсияҳо оид ба таҳкими равишҳои ҷанбаҳои гендериро ба инобатгиранда аст.[25]

**Иттилоъ додан ба тарафҳои манфиатдор оид ба охирин навигариҳо:** Дар ҳар ду моҳ ЮНЕСКО варақаи иттилоотӣ дар мавриди татбиқи Барномаи амали СММ оид ба амнияти рӯзноманигорон ва масъалаи беҷазоӣ нашр мекунад, ки иттилооти навшуда дар бораи меъёрҳои байналмилалӣ, сиёсатҳои миллӣ, тадқиқот, ташаббусҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар маълумоти марбут ба амнияти рӯзноманигоронро дар бар мегирад.[26]

## › Додани аҳамияти аввалиндараҷа ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии байни ҷонибҳои манфиатдор барои беҳтар кардани фаъолияти онҳо.

Намояндагиҳои СБД дар маҳаллҳо (Миссияҳои саҳроии СБД ) аксар вақт дар бораи фаъолияти муҳити расонаҳо иттилооти кофӣ надоранд ва аз равишҳои зарурӣ барои таъмини амнияти бонувони рӯзноманигорон огоҳ нестанд. Барои воқеан ва ба таври муассир беҳтар намудани амнияти рӯзноманигорон ба донишҳои иловагии коршиносӣ оид ба масъалаҳои гендерии марбут ба ВАО ва рӯзноманигорӣ ва инчунин ба донишҳо дар соҳаи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар зарурати ногузир вуҷуд дорад.

Намояндагиҳо дар маҳал ва созмонҳои байнидавлатӣ дар кишварҳо бояд беҳтар муҷаҳҳаз ва дорои донишҳои махсус бошанд, то ба татбиқи самараноки меъёрҳои байналмилалӣ дар сатҳи миллӣ мусоидат кунанд. Масъалан, кормандони СБД метавонанд оид ба амнияти рӯзноманигорон ва баробарии гендерӣ аз курсҳои омӯзишӣ гузаранд.

Масъалаи амнияти рӯзноманигорон дар маркази таваҷҷӯҳи ниҳодҳои мухталифи СММ ва созмонҳои минтақавӣ қарор дорад. Тақвияти додан ба ҳамоҳангсозӣ ва табодули иттилоот байни созмонҳое, ки дар сатҳи байналмилалӣ ва ҳамчунин дар сатҳи кишвар кор мекунанд, самаранокии фаъолияти ин созмонҳоро зиёд мекунад.

Созмонҳои байнидавлатӣ ҳамчунин бояд барои ҳамкорӣ бо ташаббусҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба давлате имконият фароҳам оваранд, ки ба ваколати он вазифаи таъмини амнияти рӯзноманигорон дохил мешаванд.

## Мисолҳо

**Фаъолиятҳои муштарак бо ҳамкасбон:** Аз соли 1999 инҷониб ҳар сол намояндагони махсус оид ба озодии баён ва озодии ВАО дар созмонҳо, аз қабили САҲА, СММ, Созмони давлатҳои амрикоӣ ва Комиссияи африқоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва мардум эъломияи муштарак бо тавсияҳо оид ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси марбут ба ҳуқуқ ба озодии баён интишор мекунанд.[27]

**Дар ҳолати зарурат, ташкили иттифоқҳо миёни СБД:** Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО ва Комиссари Шурои Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон изҳороти муштарак, аз ҷумла оид ба мубориза бо зӯроварии гендерӣ дар Интернет, интишор карданд.[28]

**Ҳамоҳангсозии мунтазами фаъолиятҳо бо дигар СБД-ҳо:** ЮНЕСКО Шабакаи ҳамоҳангсозони Созмони Милали Муттаҳид оид ба амнияти рӯзноманигоронро роҳбарӣ мекунад, ки он татбиқи Барномаи амали СММ оид ба амнияти рӯзноманигорон ва масъалаи беҷазоиро дар байни 14 созмон ва ниҳодҳои СММ ҳамоҳанг мекунад. Ба сафи ниҳодҳои ширкаткунанда сохтори «СММ-Занҳо» дохил мешаванд, ки метавонанд равиши муносиб ба ин корро бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ дастгирӣ кунад.[29]

# Қайдҳо

**1** UN General Assembly, Resolution 74/157, "The safety of journalists and the issue of impuni- ty", 18 December 2019, https://undocs.org/A/RES/74/157.
**2** OSCE, Permanent Council Decision No. 193, "Mandate of the OSCE Representative on Free- dom of the Media", PC.DEC/193, 5 November 1997, https://www.osce.org/pc/40131
**3** OSCE, Ministerial Council Decision No. 14/04, "2004 OSCE Action Plan for the Promotion of Gen- der Equality", 7 December 2004, https://www.osce.org/files/f/documents/7/d/23295.pdf.
**4** OSCE RFoM project on the Safety of Female Journalists Online (#SOFJO), launched in 2015, https://www.osce.org/fom/sofjo.
**5** OSCE, Ministerial Council Decision No. 3/18, "Safety of Journalists", 7 December 2018, https://www.osce.org/files/f/documents/a/c/462187.pdf
**6** OSCE RFoM, Publications, collected: https://www.osce.org/resources/publications?fil- ters=+im_tax- onomy_vid_1:(19)+im_taxonomy_vid_3:(122). OSCE RFoM's statements and regular reports to the Permanent Council, collected: https://www.osce.org/fom/66084.
**7** UN Economic and Social Council, Resolution 2019/2, "Mainstreaming a gender perspective into all policies and programmes in the United Nations system", 6 June 2019, https://undocs.org/en/E/RES/2019/2.
**8** ARTICLE 19, "Ending Impunity: Acting on UN Standards on the Safety of Journalists", 2019, https://www.article19.org/wp-content/uploads/2019/11/SOJ-Web.pdf.
**9** IFEX, "Collection of 5-minute explainers to help civil society engage in global spaces for free expression advocacy", https://ifex.org/resources/5-minute-explainers/.
**10** UN Special Rapporteur on Freedom of Opinion and Expression, OSCE Representative on Freedom of the Media, Organization of American States (OAS) Special Rapporteur on Freedom of Expression and African Commission on Human and Peoples' Rights (ACHPR) Special Rap- porteur on Freedom of Expression and Access to Information, "Joint Declaration on Freedom of Expression and Elections in the Digital Age", 30 April 2020, https://www.osce.org/files/f/documents/9/8/451150_0.pdf.
**11** Ниг. ба санаде,ки дар қайди 4 иқтибос шудааст.
**12** UN Human Rights Council, Report by the Special Rapporteur on violence against women, its causes and consequences, "Combating violence against women journalists", A/HRC/44/52, 2020, https://undocs.org/en/A/HRC/44/52.
**13** UNESCO, "Safety of Journalists Covering Protests: Preserving Freedom of the Press During Times of Tur- moil", CI-2020/WTR/3, September 2020, https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000374206.
**14** Edison Lanza, "Violence against journalists and media workers: Inter-American standards and national practices on prevention, protection and prosecution of perpetrators", Inter-Amer- ican Commission on Human Rights, OEA/Ser.L/V/II. CIDH/RELE/INF. 12/13, 31 December, 2013, http://www.oas.org/en/iachr/expression/docs/reports/2014_04_22_violence_web.pdf.
**15** William Horsley, "OSCE Safety of Journalists Guidebook", OSCE RFoM, 2014, https://www.osce.org/fom/118052?download=true.
**16** OSCE ODIHR, "Handbook On Media Monitoring for Election Observation Missions", 2012, https://www.osce.org/odihr/elections/92057
**17** UN Women, "Driving the Gender Responsive Implementation of the 2030 Agenda for Sus- tain- able Development", 2016, https://www.unwomen.org/-/media/headquarters/attachments/sections/library/publications/2016/driving-gender-responsive-implementation-2030agenda.pdf?la=en&vs=5353.
**18** "Diagnóstico sobre el funcionamiento del Mecanismo de Protección para Personas Defen- soras de Derechos Humanos y Periodistas", UN Office of the High Commissioner for Human Rights - Mexico, https://www.hchr.org.mx/index.php?option=com_k2&view=item&id=1318:di- agnostico-sobre-el-fun- cionamiento-del-mecanismo-de-proteccion-para-personas-defenso- ras-de-derechos-humanos-y-peri- odistas&Itemid=280.

**19** Organization of American States, Inter-American Commission on Human Rights, Special Follow-up on the Investigations Regarding the Team of Journalists from El Comercio News- paper, November 2018, https://www.oas.org/en/iachr/media_center/PReleases/2018/235.asp. IACHR, "Informe Final Del Equipo De Seguimiento Especial (Ese) Designado Por La Comisión Interamericana De Derechos Humanos Seguimiento Del Componente Investigar Los Hechos Que Resultaron En El Secuestro Y Asesinato De: Javier Ortega, Paúl Rivas Y Efraín Segarra (Integrantes Del Equipo Periodístico Del Diario "El Comercio")", IACHR, 2019, http://www.oas.org/es/cidh/expresion/informes/Informe_Final_ESE_MC_Dicc2019.pdf.
**20** OSCE RFoM, 'A Dark Place: A SOFJO Documentary' Trailer, 2019, https://www.osce.org/ representative-on-freedom-of-media/410423.
**21** OSCE RFoM, #SOFJO Conference 2019: Increasing Opportunities for Freedom of Expres- sion and Media Pluralism, 12 February 2019, https://www.osce.org/representative-on-freedom-of-media/sofjo-conference2019
**22** UNESCO, "Director-General's Report on the Safety of Journalists and the Danger of Impu- nity", UNESCO, 2018, https://en.unesco.org/themes/safety-journalists/dgreport.
**23** UNESCO, "World Trends in Freedom of Expression and Media Development", https://en.unesco.org/world-media-trends.
**24** Larry Kilman, "An Attack on one is an attack on all: successful initiatives to protect journalists and combat impunity", UNESCO, 2017, https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000250430.
**25** Silvia Chocarro, "IPDC's Role in the Promotion of the Safety of Journalists: A Way Forward", UNESCO, 2016, http://www.unesco.org/new/fileadmin/MULTIMEDIA/HQ/CI/CI/pdf/Analytical_Paper_IPDC_Safety_of_Journalists_SChocarro_DE.pdf.
**26** "Newsletter - UN Plan of Action on the Safety of Journalists and the Issue of Impunity", UNESCO, https://en.unesco.org/un-plan-action-safety-journalists/newsletter.
**27** Joint Declarations by the United Nations Special Rapporteur on Freedom of Opinion and Expression, the Organization for Security and Co-operation in Europe Representative on Freedom of the Media, and the Organization of American States (OAS) Special Rapporteur on Freedom of Expression, https://www.osce.org/fom/66176.
**28** "OSCE Media Freedom Representative and Council of Europe Commissioner for Human Rights urge systematic approach to counter gender-based violence online", OSCE news item, 12 February 2019, https://www.osce.org/representative-on-freedom-of-media/411206.
**29** "Newsletter - UN Plan of Action on the Safety of Journalists and the Issue of Impunity", https://en.unesco.org/un-plan-action-safety-journalists/newsletter.
"OSCE Media Freedom Representative and Council of Europe Commissioner for Human Rights urge systematic approach to counter gender-based violence online", OSCE news item, 12 February 2019, https://www.osce.org/representative-on-freedom-of-media/411206. "Secretary General Calls to End Impunity for Crimes against Journalists, in Message for International Day", UN news item, 2 November 2017, https://www.un.org/press/en/2017/sgsm18776.doc.htm.



# Интернет-миёнаравҳо

# Тадбирҳои тавсияшаванда

1. Таъмини риояи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар дар мавриди озодии баён, дахолатнопазирии ҳаёти шахсӣ, ҳуқуқ ба иштирок ва ҳимоя аз табъиз дар сиёсат ва дар амал;

2. Таъмини возеҳият, шаффофият ва дастрасӣ ба сиёсати модератсия (ба эътидоловарӣ)-и муҳтаво барои корбарон, огоҳ кардани корбарон аз ин, ки сиёсати модератсияи муҳтаво, озору азияти маҷбурӣ, таъқиб ва суиистифода дар Интернет чиро дар бар мегирад ва ҳамчунин дар бораи механизмҳои хабар мерасонадо;

3. Истифодаи равишҳои ба корбар нигаронидашуда ва бидуни табъиз дар иҷрои ҳама гуна фаъолият;

4. Таъмини шаффофият ва пайдарпайӣ ҳангоми ҳазфи матолиб ва коркарди дархостҳои корбарон барои дарёфти маълумот;

5. Мусоидат кардан ба пешрафти нақши занон дар рӯзноманигорӣ.

# 6. Интернет-миёнаравҳо
## Эҳтироми ҳуқуқи бонувони рӯзноманигор ва таъмини амният дар Интернет

Ҳамаи корхонаҳо ӯҳдадоранд, ки ҳуқуқи башарро риоя кунанд.[1] Барои интернет-миёнаравҳо- навъҳои гуногуни созмонҳое, ки хидматрасониҳои интернетиро анҷом медиҳанд, аз фароҳам овордании хидматрасониҳои фаннӣ (техникӣ)-ву шабакавӣ то пойгоҳҳои шабакаҳои иҷтимоӣ, ки ҳамкориҳои онлайниро осонтар мекунанд, - ин, ҳамзамон маънои роҳ надодан ба маҳдудияти имконоти бонувони рӯзноманигор дар шакли комил ҳузур доштан дар Интернет ва татбиқи ҳуқуқҳояшон барои озодии баён бидуни табъиз ва эҳтиром гузоштани ба ҳаёти шахсии онҳоро дорад.

Барои ин мақсад дастурамал, дар ин боб мафҳуми категорияи миёнаравҳое баррасӣ мегардад, ки дар пойгоҳҳои онҳо рӯзноманигорон метавонанд бештар мавриди таъқибу таҳқир қарор бигиранд, аз ҷумла Twitter, Facebook, Instagram, Google ва YouTube. Дар ин боб меъёрҳое баррасӣ мешаванд, ки интернет-миёнаравҳо бояд ба онҳо мувофиқат кунанд. Ҳамчунин меъёрҳое арзёбӣ мешаванд, ки онҳоро бояд бо ҳадафи мусоидат кардан ба ҳифзи ҳуқуқии умумии башар ва тавсеаи ҳузури бонувони рӯзноманигор дар Интернет бипазиранд.

**Дар [Қарори Шурои вазирони САҲА № 3/18], 57 кишвари узви САҲА эътироф карданд, ки рӯзноманигори ва фановариҳо (технология) дар ҳоли пешравӣ қарор доранд, ки ин нақши худро дар баҳсҳои ҷамъиятӣ мегузорад ва ҳамзамон метавонад доираи хатарҳоеро, ки ба амнияти рӯзноманигорон таҳдид мекунанд, густариш диҳад». Илова бар ин, давлатҳои узв ҳамчунин рӯйи «хатарҳои махсуси таҳдидкунанда ба амнияти рӯзноманигорон дар асри фановариҳои рақамӣ, аз ҷумла дучор шудани рӯзноманигорон ба ҳамлаҳои ҳаккерии махсус, назорати ғайриқонунӣ ё худсарона ва ё пеши роҳи муоширатро гирифтан, ки татбиқи ҳуқуқи онҳоро ба баёни озодонаи андеша ва ҳуқуқи муҳофизат шудан аз дахолати худсарона ё ғайриқонунӣ ва дахолат ба ҳаёти шахсиор, таъкид карданд».**

## › Таъмини риояи меъёрҳоиҳои байналмилалӣи ҳуқуқи башар нисбат ба баёни озодонаи андеша, дахолатнопазири (масъуният) ба ҳаёти шахсӣ, ҳуқуқи иштирок дар муҳофизат аз табъиз дар сиёсат ва амал

Интернет-миёнаравҳо, аз ҷумла пойгоҳҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ва фароҳамкунандаҳои хидматрасониҳои ва ба онҳо алоқаманд, бояд принсипҳои дар қонунҳои байналмиллалии ҳуқуқи башар муқарраршударо риоя кунанд, ки мувофиқи онҳо ҳуқуқи башар дар ҳаёти воқеӣ ва ҳамчунин дар Интернет ҳифз карда мешаванд. Интернет-миёнаравҳо ҳам бояд иқдомҳое кунанд, ки ба тавоноии занон ва аз байн бурдани табъиз нисбат ба онҳо дар пойгоҳҳои интернетӣ ё дар натиҷаи хидматҳои интернетие, ки онҳо мерасонанд, мусоидат кунанд.[2]

Сиёсатҳо ва шартҳои хидматрасоние, ки интернет-миёнравҳо доранд, бояд ба андозаи ҳадди ақал фаҳмо ва дастрас бошанд, ҳамчунин ба меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, ки дар [Принсипҳои роҳнамоии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши ҳуқуқи башари СММ] омадаанд, мувофиқат кунанд.[3] Сиёсат ва шартҳои хидматрасонӣ, инчунин принсипҳо ва меъёрҳои ҳар кадоме аз интернет-миёнаравҳо, ки ба ҳуқуқи озодии баён ва ҳуқуқи ҳимояи ҳаёти шахсӣ таъсир мегузоранд, бояд, аз ҷумла ба принсипҳои зарурат ва таносуб мувофиқат кунанд. Интернет-миёнаравҳо бояд дарк кунанд, ки бонувони рӯзноманигор баъзан бидуни ифшои ному насаби худ изҳори назар дар интернетро тарҷеҳ медиҳанд; аз ин рӯ, ширкатҳо набояд навиштани номи ҳақиқӣ ё ҳувияташонро талаб кунанд ва бояд имкони воқеии ношинос мондани (пинҳон доштани ном) корбаронро фароҳам оранд.

Дар сатҳи амалӣ интернет-миёнаравҳо бояд арзёбии мунтазам ё аудити таъсири хидматрасониҳо, маҳсулот, сиёсатгузориҳо ва амалиёти худро ба ҳуқуқҳои гуногун, ки аз ҷониби қонунҳо байналмилалӣ ҳифз шудаанд - ҳаққи озодии баён, дахолатнопазирии ҳаёти шахсӣ ва ҳуқуқи муҳофизат шудан аз табъизро ба роҳ монанд ва ҳамчунин ҳузури бонувони рӯзноманигорро дар Интернетро таъмин кунанд.

Чунин арзёбӣ бояд таҳлили фоиданокӣ ва самаранокии лавозимоти таҳякардаи ширкатҳоро, ки барои масдуд, саркӯб, ҳазф кардан ё паст кардани дараҷаи муҳтавои инъикоскунандаи ин ё он падидаи таъқиб ё суиистифода, ҳамчунин арзёбии механизмҳои огоҳгунии худи миёнаравҳоро дар мавриди вайронкорӣ ва дархости шикоятҳоро (аппелятсияро) дар бар гирад.

Ҳангоми баҳогузорӣ, бояд натиҷаи кори алгоритмҳое, ки барои инъикос, пешбурд ва коҳиши дараҷаи муҳтаво, хусусан муҳтавое, ки метавонад

дар заминаи гендерӣ таъқиб ва суиистифодаро ба миён биёрад, бояд дар назар гирифта шавад.

Ӯҳдадориҳои умумӣ оид ба назорати муҳтаво ва робитаи корбарон бо қонунҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи башар мухолифат мекунанд.[4] Онҳо метавонанд ба маҳрамияти корбарон таҳдид ва барои қабул кардани чораҳои маҳдудкунанда мусоидат кунанд, зеро миёнаравҳо бо эҳтиёт кор мегиранд, то аз масъулият канорагирӣ кунанд. Интернет-миёнаравҳо набояд чораҳое андешанд, ки сабаби ҳазф ё таҷрибаи таъқиби беш аз ҳад зиёди муҳтавои назоратшаванда гардад. Асбобҳои худкори модератсия кардан, ки аз сӯйи миёнаравҳо бо ташаббуси худашон ё бо ҳадафи иҷрои ӯҳдадориҳо барои ҳазфи муҳтавои муайяне роҳандозӣ шудаанд, метавонанд ҳамчун як шакли сензураи пешакӣ амал кунанд. Барои маҳдуд кардани имконияти боргузорӣ (загрузка)-и муҳтавои «таҳқиромез» талаб кардани насби полоишгар (филтр)-ҳо тавсия дода намешавад.[5]

Интернет-миёнаравҳо бояд донанд, ки ҳама гуна таҷрибаи ба эътидоловарӣ (модераторӣ), инчунин иқдомҳои муқарраршуда барои ҳазф кардани муҳтаво, паймоли ҳуқуқи башарӣ дорад, ки зарур аст барои пешгирӣ аз маҳдудиятҳои нолозим ва номутаносиб дар назар гирифта шаванд. Миёнаравҳо бояд «санҷиши сегона» - санҷиши мувофиқат кардани се усул: қонунӣ будан, машруъият (эътирофи қонуният) ва заруррату таносуб (нигаред ба боби «Меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар, ки амнияти бонувони рӯзноманигорро дар Интернет мушаххас мекунанд») ва риоя кардани тартиби муқарраршудаи қабули ҳама гуна усулҳои эътидоловарии муҳтаворо истифода баранд.

## Манбаъҳо

- Принсипҳои роҳнамоии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши ҳуқуқи башари СММ – маҷмуи принсипҳо барои ҳукуматҳо ва корхонаҳо барои беҳтар намудани меъёрҳо ва такмил додани равишҳои соҳибкорӣ аз нуқтаи назари таъмини ҳуқуқи инсон мебошанд.[6]

- Санади стратегии Намояндаи САҲА дар масъалаҳои озодии расонаҳо «Дар маркази таваҷҷуҳ: Зеҳни сунъӣ ва озодии сухан» (#SAIFE) барои беҳтар фаҳмидани он кӯмак мекунад, ки зеҳни сунъӣ (ЗИ) ба озодии баён чӣ гуна таъсир мерасонад ва татбиқи озодии сухан кадом кафолатҳоро талаб мекунад.[7] Дар ин санад ва тавсияҳои пешакии он диққати асосӣ ба истифодаи зеҳни сунъӣ, аз ҷумла барои модератсия ва назорати муҳтаво бо шумули усулҳои мубориза бо «забони хушунат», дода мешавад.

- Созмони «Артикл 19» ёддошти таҳлилии «Таъқибу суйистифода нисбат ба бонувони рӯзноманигор ва шабакаҳои иҷтимоии асосӣ»-ро нашр кард, ки дар он тавсияҳое ба унвони пойгоҳҳои шабакаҳои иҷтимоӣ аст, ки чӣ гуна метавон амнияти бонувони рӯзноманигорро дар Интернет таъмин кард.[8]

› **Таъмини сиёсати модератсияи муҳтавои возеҳ, шаффоф ва барои корбарон дастрас богоҳ намудани истифодабарандагон, ки модератсияи муҳтавои озору азияти маҷбурӣ ва таъқибу суъистифода дар Интернет ва механизмҳои хабар расонидан дар бораи онҳо чиро дар бар мегирад.**

Мубориза бо таъқиб ва суиистифода нисбати бонувони рӯзноманигор дар Интернет осонтар хоҳад шуд, агар ҳамаи корбарон маълумоти муфид дошта бошанд, ки кадом муҳтаво дорои ин ё он навъи таъқибу суъистифода аст ва дар бораи роҳҳои модератсияи муҳтаво (бо шумули радбандӣ, коҳиши мақом ё ҳазфи муҳтаво) комилан хабардор бошанд ва дастрасии муассир ба воситаҳои муҳофизатӣ дошта бошанд.

Интернет-миёнаравҳо бояд кафолат диҳанд, ки муҳтаво ва татбиқи шартҳои хидматрасонӣ, принсипҳои шабакаҳо (сообществ) ва дигар стратегияҳои мушаххас (ба монанди сиёсатҳо дар бахши тиҷорат ва реклама) ба меъёрҳои байналмилалии озодии баён ва маҳрамият мувофиқат кунанд. Ин маънои онро дорад, ки шартҳои хидматрасонӣ бояд мутаносиб ва мувофиқ, возеҳ, фаҳмо ва барои ҳама корбарон осону дастрас бошанд.[9] Корбарон бояд пешбинӣ карда тавонанд, ки ин ё он муҳтавои онҳо ҳазфу радбандӣ мешавад ё мақомаш поин бурда мешавад ва ё ба ин ё он шакл тағйир дода мешавад.[10] Барои онҳо бояд равшан бошад, ки кай ва чӣ тавр маълумоти корбар ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ё ба шахсони сеюм, аз ҷумла ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, интиқол дода мешавад.

Дар баробари шартҳои хидматрасонӣ ва маводҳои дигар, ки корбарон аз он истифода раҳнамоӣ мекунанд, пойгоҳҳои шабакаҳои иҷтимоӣ

бояд намунаҳои муфассал ё натиҷаҳои таҳқиқоти мавзуиеро, ки ба татбиқи меъёрҳо ва сиёсати ҷомеъа (сообщества) бахшида шудааст, пешниҳод кунанд. Бобҳои иловагӣ бо фарогирии намунаҳои далелҳои таъқиб ва суиистифода дар заминаи ҷинсият (гендер), ҳамчунин метавонад барои корбарон ёрӣ расонад, ки сиёсатии ин пойгоҳҳоро хубтар дарк кунанд. Бояд маълумоте, ки равандҳоро дар иҷро ё татбиқи сиёсатгузориҳоро нишон медиҳанд, ҳамчунин мисолҳои воқеӣ ё фарзияҳои муфассал ва густурдае, ки фарқиятҳои нозуки тафсир ва татбиқи қоидаҳои мушаххасро нишон медиҳанд, якҷоя ҷамъ оварда шаванд.[11]

Ҳамчунин зарур аст, ки шаффофияти бештар дар қабули қарорҳои пойгоҳҳое, ки шабакаҳои иҷтимоӣ доранд, таъмин карда шавад. Барои мисол бояд фаҳмо бошад, ки онҳо аз кадом асбобҳо барои модератсия ва ҳазфи муҳтаво ва ҳамчунин функсия ва таъсири онҳо, бо шумули истифодаи алгоритмҳо ва лавозимоти зеҳни сунъӣ, тарҳ (схема)-ҳои ба истилоҳ «хабаррасонҳои боэътимод» (англ. «trusted flagger») ё усулҳоро , истифода мебаранд.

Қадами дигаре, ки интернет-миёнаравҳо метавонанд ҷиҳати дарёфти иттилои зарурӣ барои таҳияи сиёсатҳо ва татбиқи онҳо дар амал бардоранд, мунтазам ва ошкоро ҷамъ овардан, таҳлил ва гузориш додани маълумоти марбут оид ба таъқибу суиистифода ва пайомадҳои он мебошад.[12] Ин маълумот ва гузоришҳо бояд мувофиқи қоидаҳои ҳифз коркард шаванд ва қотеъона бар асоси иттилоъи пешниҳоднамудаи корбарон, ки мушаххасан барои истифодаи онҳо бо ин мақсадҳо иҷоза додаанд, таҳия шаванд.

## Мисолҳо

**Маълумот дар бораи татбиқи сиёсат:** Гузориши шаффофияте, ки аз ҷониби Твиттер нашр мешавад, маълумоти омории иқдомҳои андешидаи ин ширкатро нисбат ба ҳисобҳои корбарии истифодабарандагон тибқи баъзе шартҳои анҷом додани хидматрасониҳо, дар бар мегирад.[13] Twitter инчунин тавзеҳи ҳар як сиёсаташро ва ҳамчунин шумораи огоҳнома ва амалҳои барои ҳар як сиёсатгузориҳо анҷом додаашро нашр мекунад. Маркази маълумоти Twitter дастурамал оид ба чигуна хабар расонидан ба ширкат дар бораи поймол кардани қоидаҳоро мустқиман аз твит ё намоя(профил) пешниҳод мекунад.[14]

**Механизмҳои дастрас оид ба огоҳонидан:** YouTube наворҳои дастрасеро барои хабар додан дар мавриди суиистифода ва поймол кардани ҳар кадоме аз Принсипҳои анҷумани худро пешниҳод мекунад[15] Бо вуҷуди ин, дар баъзе ҳолатҳо, корбари зарардида бояд, ки ҳама воситаҳои дигари огоҳ кардани соҳиби ҳисоби таҳқиромезро истифода барад, қабл аз он ки тавонад дар бораи поймолкунӣ ба ширкат хабар диҳад.

**Ошкоро будани иттилоъ дар бораи ҳазфи муҳтаво:** Facebook гузоришҳои риоя кардани меъёрҳоиҳои шабакаро нашр мекунад, ки дар он ширкат маълумоти ададӣ дар бораи дарёфти огоҳнома дар мавриди нақзи ҳар кадом аз принсипҳои шабака, аз ҷумла дар бораи суратҳои бараҳна, ҳисобҳои корбарии қалбакӣ ва таъқибҳоро пешниҳод мекунад.[16] Онҳо ҳамчунин шумораи умумии таҳримҳои қабулкарда нисбат ба муҳтаво, бо шумули аппелиятсия, ҳамчунин мавридҳои ошкор ва ҳазф кардани муҳтаво тавассути асбобҳои худкорро низ, ишора мекунанд. Аммо, барои он ки гузоришро бишавад бо ҳадафҳои таъмини гузоришдиҳӣ ва

шаффофият истифода кард, онро такмил додан лозим аст, зеро, масалан, он имконитяи ба ҳам муқоиса кардани додаҳоро таъмин намекунад. Ин гуна гузоришҳои шаффофиятро Twitter и Google низ нашр мекунанд. Муҳим аст, ки ҳамаи пойгоҳҳои шабакаҳои иҷтимоӣ механизмҳои таъмини шафофияти худро беҳтар кунанд.

**Миқдори ҳазфи муҳтаво тибқи натиҷаи истифода аз ҳар як механизми огоҳинома:** YouTube гузориши шаффофияти татбиқи принсипҳои шабакаро нашр мекунад, ки дар он миқдори видеоҳоеро, ки дар пайи истифодаи тарҳҳои гуногуни огоҳинома ҳазф шудаанд: мисли барчаспгузории худкор, паёмҳои корбарон, огоҳиҳое, ки аз «хабаррасонҳои боэътимод» мерасанд, созмонҳои ғайридавлатӣ ва ниҳодҳои давлатӣ, ишора мекунад.[17] Дар гузориш ҳамчунин миқдори видеоҳое, ки барои поймол кардани ҳар кадоме аз принсипҳои шабака ҳазф шудаанд, низ оварда мешавад.

## Манбаъҳо

- Баромади вижаи Созмони Милали Муттаҳид дар масъалаи густариш ва ҳифзи ҳуқуқ ба озодии андеша ва баёни озодонаи он ба Шӯрои ҳуқуқи башар тавсияҳо дар мавриди масъулиятҳои бахши хусусӣ дар робита ба модератсияи муҳтаворо дар бар мегирад.[18]

- Тавсияҳои Шӯрои Аврупо дар мавриди ҳимоят аз ҳуқуқи башар дар робита ба хидматрасониҳои шабакаҳои иҷтимоӣ принсипҳои модератсияи муҳтаворо ҷорӣ мекунад.[19]

- Тавсияҳои Шӯрои Аврупо ва Намояндаи САҲА оид ба озодии расонаҳо тибқи хулосаҳои Конфронси масоили озодии интернет «Нақш ва масъулияти миёнаравҳои интернет», қисман, ба модератсияи муҳтаво дар асоси расмиёти шаффофият, ки ба волояти қонун такя мекунад, дахл доранд.[20]

- Эъломияҳои муштараки Маърузагии вижаи СММ дар самти озодии андеша ва баёни он, Намояндагии САҲА оид ба умури озодии расонаҳо, Маърузагии вижаи Созмони давлатҳои амрикоӣ дар мавриди баёни озодонаи андеша ва Маърузагии вижаи Комиссияи африқоӣ дар мавриди ҳуқуқи башар ва мардумон оид ба масъалаҳои баёни озоодонаи андешаҳо ва дастрасӣ ба иттилоъ тавсияҳоеро ба унвонии бахши хусусӣ ва интернет-миёнаравҳо дар бораи модератсияи муҳтавои марбут ба ҳуқуқи инсон, дар бар мегиранд. Аз ҷумла, Эъломияи муштараки ҷашнии солгарди бистуми соли 2019 дар бораи мушкилоти озодии баён дар даҳсолаи оянда принсипҳоеро барои танзим аз ҷорӣ кардани қоидаҳои модератсияи муҳтавои хусусӣ, ки ҳуқуқи афроди алоҳидаро ба озодии баён поймол мекунанд, ҷорӣ мекунад.[21]

- Принсипҳои Санта-Клара дар мавриди шаффофият ва ҳисоботдиҳи ҳангоми модератсия муҳтаво, сатҳи ҳадди ақкали шаффофият ва гузоришдеҳиро муқаррар мекунад, ки ҳангоми модеаратсии муҳтаво аз сӯйи пойгоҳҳои инетрнетӣ бояд таъмин карда шаванд.[22]

- Принсипҳои Манила дар мавриди масъулияти миёнаравҳо кафолатҳои бунёдии тавсияшуда ва таҷрибаҳои пешқадамро нисбат ба ӯҳдадориҳои миёнаравҳо дар бар мегирад.[23]

## › Истифодаи нишондиҳандаҳои марбут ба корбари бидуни табъиз дар иҷрои ҳама гуна фаъолиятҳо

Интернет-миёнаравҳо бояд раванди огоҳидиҳӣ ба гурӯҳҳои корбарон дар мавриди таъқиб ва суиистифода дар Интернет, раванди машварат бо онҳо ва ҳамнчунин тарзи инъикоси ин далелу мушкилотро дар абзорҳои модератсияи муҳтаво ва функсияҳои ҳимоявӣ, бояд рушд созанд.

Корбарон, бахусус онҳое, ки бо эҳтимоли зиёд қурбони ҳамлаҳои онлайнӣ мешаванд, бояд бидонанд, ки бо кадом роҳ метавонанд хатарҳои марбут ба ҳузурашонро дар пойгоҳҳои интернетӣ коҳиш диҳанд. Аз ин рӯ, интернет-миёнаравҳо бояд ба корбарон маълумот дар бораи таҷрибаҳои навтарини таъмини амният дар Интернет ва имкониатҳои техникии гузориш дода дар бораи ҳолатҳои номуносиб пешниҳод кунанд. Онҳо ҳамчунин бояд шартҳои хизматрасонӣ ва воситаҳои хабардоркунии сода, роҳат ва дастрасро бо забонҳои маҳаллӣ пешниҳод кунанд.[24]

Интернет-миёнравҳо бояд дар байни дараҷа ва шаклҳои суиистифода ва таъқиб фарқро муян кунанд ва дарк кунанд, ки муҳтаво чӣ гуна ҳазф карда мешавад ва ин чӣ гуна ба корбароне, ки хусусиятҳои мувофиқи қонунҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи башар ҳимояшавандаро медонанд, таъсир мерасонад. Миёнаравҳо бояд масъалаҳои ҷинсият (гендерӣ), бахусус осебпазирӣ ё дар ҳошия мондан ва мушкилоти гуруҳҳои иҷтимоиеро, ки ба хатарҳои ошкорои сензура ва табъиз рӯбарӯ ҳастанд, фаъолона муайян ва ба таври муассир ҳал кунанд.[25] Интернет-миёнравҳо бояд тасмимҳо ва василаҳои муҳофизатиро таҳия кунанд, ки барои корбарон дастрас ва муфид бошанд. Ин

равиш инчунин ҷиҳати пешгирӣ ва кам кардани таъсири номутаносиби таъқиб ва суиистифода дар Интернет барои категорияҳои муайяни истифодабарандагони мавриди ҳадаф, инчунин барои арзёбии мутобиқат алгоритмҳо ва дигар тасмимҳои мубтанӣ ба ҳуши сунъӣ бо принсипҳои ҳуқуқи инсон хеле муҳим аст.

Интернет-миёнравҳо бояд наворҳо ва сиёсатгузориҳои худро тавассути машварат бо ҷомеа (мардум) ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки аз ҷониби ширкаткунандагон дорои аҳамият дониста мешаванд, таҳия ва татбиқ кунанд ва натиҷаҳои ин машваратҳоро дар амал татбиқ намоянд.[26] Барои ҳимояи бонувони рӯзноманигор, миёнаравҳо бояд усулҳо ва расмиётеро истифода баранд, ки бофтор (контекст), таҷриба ва монеаҳоеро ба инобат мегирад, ки дар пешорӯйи бонувони рӯзноманигоре, ки аз асбобҳои ва хидматрасониҳои онҳоро истифода мебаранд, пайдо мешаванд. Машваратҳо бояд тавре роҳандозӣ шаванд, ки дар онҳо рӯзноманигорон, расонаҳо, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва намояндагони академӣ доираи васеи ҷонибҳои манфиатдор ширкат кунанд, махсусан аз кишварҳо ва ҷомеаҳое, ки миёнарав дар он ҷо хидматрасониҳои интернетии худро ба андозаи бештар пешниҳод мекунад. Дар ҳамин ҳол, набояд назди ширкаткунандагони машварат ба талаботи нолозим, аз қабили созишнома дар бораи ифшо накардан ё дархост барои иттилооти хеле васеъ барои сабти ном дар иқдомҳо ва барномаҳо, гузошта шавад.

## Манбаъҳо

- Танзими матолиби корбарон дар маркази таваҷҷуҳи Баромади маърузагии махсуси СММ дар самти густариш ва ҳимояи ҳуқуқи озодии андеша ва баёни озодонаи он дар соли 2018

қарор дорад, ки барои давлатҳо ва ширкатҳо тавсияҳои муфид медиҳад.[27]

- Бастаи Ethical Explorer аз ҷониби шабакаи Omidyar Network барои кӯмак ба ширкатҳое таъсис дода шудааст, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолият доранд ва ба таҳиягарони хидматрасони бояд муҳокимаҳоро оғоз кунанад ва хатарҳоеро, ки ба гуногунрангӣ, фарогирӣ, адолат ва баробарӣ таҳдид менамоянд, таҳлил кунанд. Ширкатҳое, ки мехоҳанд қоидаҳои худтанзимкунӣ ва ахлоқиро таҳия кунанд, бояд муайян кунанд, ки амният ва баробарии гендерӣ дар кори онҳо чӣ маъно дорад.[28] Сарфи назар аз ин ки, ин бастаи далелу пешниҳодҳо ба ҷузъиёти моддаҳои мушаххасе оид ба ҳуқуқи инсон намепазирад, аммо он дар ҳақиқат барои ширкатҳои технологӣ дорои баъзе тавсияҳое аст, ки чӣ гуна метавонанд равишҳоеро татбиқ кунанд, ки ба ҳуқуқи инсон асос ёфтаанд.

## › Таъмини шаффофият ва пайдарпай ҳангоми бартарафсозии нишондодҳои иттилоотии шабака матолиб ва коркарди дархостҳои корбарон барои гирифтани маълумот

Ҳама гуна раванд ё амале, ки ҳуқуқи баёни озодонаи андеша ва маҳрамияти корбарони хидматрасониҳои интернет-миёнаравҳо ва ҷонибҳои манфиатдори дигарро поймол мекунад, бояд ба андозаи ҳадди акал кушод ва шаффоф бошад.[29] Пойгоҳҳои бартаридоштаи шабакаҳои иҷтимоӣ бояд имконияти зарурати санҷиш ва мутаносиб будани чораҳои дахлдори танзими нишондодии иттилооти шабакаҳоро баррасӣ кунанд, ҳатто агар ин иқдом бо ҳадафи пешгирии аз таъқиб ва суиистифода нисбат ба рӯзноманигорон дар Интернет ё вокуниш ба онҳо гирифта мешаванд.[30]

Ҳангоми қабули қарорҳои марбут оид ба бартарафсозии нишондодҳои иттилотии шабака ва дархостҳо барои гирифтани маълумот аз ҷониби корбарон, интернет-миёнаравҳо бояд риоя шудани равандҳои муқарраршуда, ҳамчунин василаҳои ҳимоя шудан аз поймол кардани ҳаққи баёни озодонаи андеша, маҳрамият ва одоби табъизро таъмин кунанд.[31] Дар таҷриба, ин маънои онро дорад, ки интернет-миёнаравҳо бояд системаҳоеро таъсис диҳанд, ки ҳамаи тарафҳоро аз ин ё он тасмим хабардор бошанд, ки аз сӯи миёнаравҳо матраҳ мешавад. Ҳамчунин тавзеҳи сиёсатгузориҳои татбиқшударо, ки дар асоси кадом баҳогузориҳо ин қарор қабул карда шуд ва маълумоти муфассал дар бораи ин ки чи тавр метавон механизмҳои шикоят кардан барои ба баҳс кашидани қарорҳоро фаъол кард.[32]

Интернет-миёнаравҳо бояд маълумот дар бораи бартараф намудани нишондодҳои иттилоотии шабака ва дархостҳо барои маълумоти корбаронро нашр кунанд. Ин дар навбати худ маълумоти оморӣ дар бораи амалҳои нисбат ба муҳтаво анҷомшуда, апеллятсияҳову натиҷаҳо ва ҳар маълумоти дигаре, ки ҷомеаро дар бораи мантиқи қарорҳо чи аз нигоҳи миқдор ва чи аз нуқтаи назари сифат огоҳ мекунад, фаро мегирад. Ин маълумот бояд имконияти назорати ҷамъиятии модератсияи муҳтаворо аз сӯйи интернет-миёнаравҳо ва истифодаи системаҳои худкор, ҳамчунин назорати таъсири онҳоро ба баёни озодонаи андеша, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва ҳимоя аз таъбиз таъмин кунад.

Муносибат байни интернет-миёнаравҳо ва ҳамкории онҳо бо мақомоти давлатӣ бояд ба андозаи кофӣ шаффоф бошад, маълумот дар ин бора дастрас бошад, то имкон диҳад, ки ҳамкории ниҳодҳо ва миёнаравҳо баҳогузорӣ карда шавад. Ҳисоботи мавҷуд дар мавриди миқдор ва дархостҳои бартараф кардани нишондодҳои иттилоотии шабака давлатӣ барои ё дастёбӣ ба маълумоти корбарон ва маълумоти дақик

ва муфассале бошад, ки барои баҳогузории воқеӣ ва омӯзиши комили ҳамкории байни ин субъектҳо заруранд.

Ҳисобот оид ба шаффофият бояд маълумоти ҳамаҷониба дар бораи мақомотеро дошта бошад, ки дархост пешниҳод кардааст,нишон диҳад, ки оё асоси ҳуқуқӣ барои дархост вуҷуд дорад ё не, инчунин чораҳоеро, ки ширкат дар посух ба дархост дар ҳар як кишвар андешидааст, аз ҷумла он амалкардҳое, ки боиси ба вуҷуд омадани мушкилоти дохилии вобаста ба поймолкунии ҳуқуқи инсон ё суиистифода аз механизмҳои дархост шудаанд.

Миёнаравҳои интернетӣ, бахусус пойгоҳҳои шабакаҳои иҷтимоӣ, бояд назорати мустақилро ба ӯҳда гиранд ва имконияти пайвастан ба ниҳодҳои танзимкунандаи чандҷонибаро, аз қабили шӯроҳои шабакаҳои иҷтимоӣ, ки имкон медиҳад назорати ҷамъиятӣ ва масъулияти ҳисботи миёнаравҳои интернети беҳтар шавад, хусусан барои бартараф кардани таъқибу суъистифода дар заминаи гендерӣ, баррасӣ кунанд.[33]

## Мисолҳо

**Ҳисобот дар мавриди дархостҳои иттилоотӣ:** Twitter маълумоти марбут ба қарорҳои худ дар мавриди дархостҳои ҳукуматҳо ва дигар "ҳисоботчии ваколатдор"-ро дар асоси қонунҳои миллӣ, бо шумули мисолҳои ҳар кишвар, нашр мекунад. Ҳисоботи онҳо дар бораи дархостҳо барои дарёфти маълумот шумораи дархостҳои ҳуқуқиеро, ки онҳо аз ниҳодҳои давлативу ғайридавлатӣ мегиранд, аз рӯйи дараҷаҳо ва кишварҳо, аз ҷумла мушаххасоти кишварҳои

алоҳидаро дар бар мегирад.[34] Бо вуҷуди ин, дар ҳисобот асоси қонунӣ барои дархостҳо оварда намешавад ва ҳолатҳоеро ишора намекунанд, ки ҳукуматҳо талаботи қонунро риоя мекунанд ё не.

YouTube ба саволҳои мунтазам додашуда ба дархостҳои корбарон ҷавоб медиҳад.[35] Google маълумоти оморӣ дар бораи дархостҳои ҳукуматҳо баҳри барҳамдодани нишондодҳои шабака пешниҳод мекунад.[36]

Ҳар шаш моҳ Facebook дар бораи дархостҳои ҳукуматҳо оид ба пешниҳод кардани маълумоти корбарон гузориш нашр мекунад, ки дар он шумораи дархостҳо дар ҳар як кишвар ва ҳамчунин чанд мавридҳои мушаххасро мухтасар пешкаш мекунад.[37]

Дар мавриди дархостҳо барои пешниҳоди маълумоте, ки ба корбарон дахл дорад, Twitter, Google ва Facebook дар гузоришҳояшон боберо ҷудо мекунанд, ки дар он миқдори умумии маълумот вобаста ба кишварҳо ва принсипҳои раҳнамоие оварда мешавад, ки онҳо ҳангоми коркарди дархостҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ татбиқ мекунанд.[38]

## › Мусоидат кардан ба пешрафти нақши занон дар рӯзноманигорӣ

Бонувони рӯзноманигор ҳангоми истифодаи хидматрасониҳо ва аз пойгоҳҳои, интенет- миёнаравҳо бештар ба таъқибу суиистифода ба таври номутаносиб ранҷ мекашанд. Интернет-миёнаравҳо бояд ташаббусҳои ошкоро ва фаъолеро барои ҷилавгирӣ аз падидаҳои гуногуни таъқиб ва суиистифодаҳо роҳандозӣ кунанд, аз ҷумла бо баргузор кардани барномаҳои оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ, дастгирии фаъолияти бонувони рӯзноманигорро дастгирӣ кунанд

ва барои эҷод ва паҳн кардани ривоятҳои муқобил (контрнарратив) мусоидат намоянд.

Интернет-миёнравҳо бояд аз хизматрасониҳои бонувони рӯзноманигор бештар истифода баранд. Масалан, бо дастгирии ё ташкили омӯзишҳо барои бонувони рӯзноманигор ва намояндагони дигари расонаҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ё , ки чӣ гуна сиёсатгузориҳои ширкат нисбат ба пойгоҳҳои шабакаҳои иҷтимоӣ татбиқ мешаванд ва механизмҳои шабакаҳо барои хабар расонидан дар мавриди поймолкуниҳо ва апеллиятсияро чӣ тавр бояд истифода ва беҳтар карда шавад.

Ташаббусҳои интернет-миёнравҳо ҷиҳати пешбурди хидматрасониҳои интернетӣ барои рӯзноманигорон ва ё густариши фаъолияти рӯзноманигорӣ бояд аз нав баррасӣ карда шаванд, то бовар ҳосил шавад, ки ин хидматрасониҳо ҷанбаҳои гендерӣ ва ҳуқуқи инсонро дар назар гирифтаанд. Ин маънои онро дорад, ки масалан, роҳбарони масъули хадамотҳо оид ба фаъолияти кори рӯзноманигорӣ манфиатдор, бояд бо бонувони рӯзноманигор фаъолона машварат гузаронанд ва дар марҳилаҳои коркард ва татбиқ ба онҳо муроҷиат кунанд. Ҳамчунин имконоти боло бурдани амнияти занонро дар назар бигиранд.

## Мисолҳо

**Баланд бардоштани таҷрибаи намоёни бонувони рӯзноманигор:** Маъракаи #HerStory, ки дар Твиттер оғоз шудааст, намунаи хуби он аст, ки чӣ гуна як интернет-миёнрав метавонад мавод таҳия кунад, то ҷомеаро дар бораи баъзе аз мушкилоте, ки бонувони рӯзноманигор бо онҳо рӯбарӯ ҳастанд, огоҳ созад.[39] Сеюми майи соли 2019 Twitter як силсила наворҳои ҳармоҳаеро оид ба таҷлили аз Рӯзи ҷаҳонии озодии

матбуот ҳамчун воситаи инъикоси фаъолият ва таърихи кор ва достонҳои инфиродии рӯзноманигорони зан аз саросари ҷаҳон оғоз кард.[40]

**Омӯзиш дар самти татбиқи сиёсат ва малакаи рӯзноманигорӣ:** Twitter бо роҳандозии ташаббусҳои минтақавӣ барои омӯзонидани бонувони рӯзноманигор дар истифодаи лавозимот , татбиқи сиёсатҳои ширкат ва малакаи рӯзноманигорӣ ҳамкорӣ мекунад. Он ҳамчунин ташкили маъракаҳое, ки манфиатҳо ва мушкилоти занонро дар баҳсҳои Твиттер инъикос мекунанд, мусоидат ва дастгирӣ мекунад.[41]

**Пешниҳод намудани манбаъҳо барои ҳушдор додан аз паҳн намудани тасвирҳои маҳрамона бидуни иҷозаи шахси тасвиршуда:** Ташаббуси Facebook «Бидуни ризояти ман» манбаъҳои гуногунро барои пешгирӣ аз табодули бидуни иҷозати тасвирҳои маҳрамона ва вокунишҳо ба онҳо пешниҳод мекунад.[42] Ҳарчанд ин ташаббус махсус барои бонувони рӯзноманигор пешбинӣ нашудааст ва як тарҳи озмоишӣ дар ҳамкорӣ бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки ҳадафаш кӯмак барои пешгирӣ кардани паҳншавии тасвирҳои маҳрамона бидуни ризояти шахсест, ки дар онҳо тасвир шудааст ё хабардор кардан аз ин гуна далелҳост.

**Муҳофизати техникӣ аз ҳамлаҳои ҳамоҳангшуда:** Лоиҳаи «Сипар» (Shield), ки аз ҷониби Google роҳандозӣ шудааст, ниҳодҳои хабарӣ, рӯзноманигорон ва ҳомиёни ҳуқуқро аз ҳамлаҳои ҳамоҳангшуда ба вебсайтҳои худашон, ки ба маҳдуд кардан ба сомонаҳои ВАО равона шудааст - ҳамлаҳои ба истилоҳ паҳншудаи «хидмат расонда намешавад» (DDoS) - ҳамлаҳо ), муҳофизат мекунад. Муҳофизат чораҳоеро дар бар мегирад, ки трафикро ҳамчун "зараровар" тасниф намуда, бо истифода аз инфрасохтор ва асбобҳои Google филтр мекунанд. Вақте ки вебсайтҳо зери ҳамла қарор мегиранд, абзорҳои Shield трафики "зараровар" -ро маҳдуд мекунад, то ки вебсайт корашро идома диҳад.[43]

## Қайдҳо

**1** UN Human Rights Council, Resolution 17/4, "Human rights and transnational cor- porations and other business enterprises", 15 June 2011, https://daccess-ods.un.org/ TMP/4498748.77929688.html. The Special Representative of the UN Secretary-General on the
issue of human rights and transnational corporations and other business enterprises developed the "Guiding Principles on Business and Human Rights: Implementing the United Nations 'Protect, Respect and Remedy' Framework", annexed to the final report to the Human Rights Council (A/HRC/17/31, https://undocs.org/en/A/HRC/17/31), which also includes an introduc- tion to the Guiding Principles and an overview of the process that led to their development.
**2** UN General Assembly, Report of the Special Rapporteur on violence against women, its causes and consequences, "Online violence against women and girls from a human rights perspective", A/HRC/38/47, 18 June 2018, paragraph 89, https://undocs.org/A/HRC/38/47.
**3** UN High Commissioner for Human Rights, Guiding Principles on Business and Human Rights: Implementing the United Nations "Protect, Respect and Remedy" Framework, 2011, https://www.ohchr.org/Documents/Publications/GuidingPrinciplesBusinessHR_EN.pdf.
**4** UN General Assembly, Report of the Special Rapporteur on the promotion and protection of the right to freedom of opinion and expression, A/HRC/38/35, 6 April 2018, paragraph 67, https://undocs.org/A/HRC/38/35. European Union, Directive 2000/31/EC of the European Parliament and of the Council of 8 June 2000 on certain legal aspects of information society services, in particular electronic commerce, in the Internal Market (Directive on electronic commerce), Article 15, https://eur-lex.europa.eu/legal-content/EN/ALL/?uri=CELEX%3A32000L0031.
**5** UN General Assembly, Report of the Special Rapporteur on the promotion and protection of the right to freedom of opinion and expression, A/74/486, paragraphs 34 and 35, 9 October 2019, https://undocs.org/A/74/486.
**6** Ниг. ба санади дар қайди3 омада.
**7** OSCE RFoM, "Strategy Paper to Put a Spotlight on AI and Freedom of Expression" #SAIFE, July 2020, https://www.osce.org/files/f/documents/9/f/456319_0.pdf.
**8** ARTICLE 19, Online harassment and abuse against women journalists and major social media platforms London: 2020, https://www.article19.org/wp-content/uploads/2020/10/Gender-Paper-Brief-2.pdf.
**9** OSCE RFoM, "Recommendations following the Expert Meeting New Challenges to Freedom of Ex- pression: Countering Online Abuse of Female Journalists", 17 September 2015, https://www.osce.org/fom/193556?download=true.
**10** "Future Thinking: Harlem Désir on Freedom of Expression Online", Internet Society news item, January 2018, https://www.internetsociety.org/blog/2018/01/future-thinking-harlem-desir/.
**11** UN General Assembly, "Report of the Special Rapporteur on the promotion and protection of the right to freedom of opinion and expression", A/HRC/38/35, 6 April 2018, paragraph 46, https://undocs.org/A/HRC/38/35.
**12** OSCE, RFoM, "Communiqué 1/2019, Freedom of the Media on Media Pluralism, Safety of Female Journalists and Safeguarding Marginalized Voices Online", 29 February 2019, https://www.osce.org/representative-on-freedom-of-media/411917?download=true.
**13** "Twitter Rules enforcement", Twitter, https://transparency.twitter.com/en/twitter-rules-enforcement.html.
**14** "Report violations", Twitter, https://help.twitter.com/en/rules-and-policies/twitter-report-violation.
**15** "Report inappropriate content", YouTube, https://support.google.com/youtube/an-swer/2802027?hl=en.
**16** "Community Standards Enforcement Report". Facebook, https://transparency.facebook.com/com-munity-standards-enforcement.
**17** "YouTube Community Guidelines enforcement", Google, https://transparencyreport.google.com/youtube-policy/removals?hl=en.

**18** UN General Assembly, "Report of the Special Rapporteur on the promotion and protection of the right to freedom of opinion and expression", A/HRC/32/38, 11 May 2016, https://undocs.org/A/HRC/32/38.
**19** Council of Europe, Committee of Ministers, "Recommendations on the protection of human rights with regard to social networking services", CM/Rec(2012)4", 4 April 2020, https://go.coe.int/lL7Uv.
**20** Council of Europe and OSCE RFoM, "Key Conclusions and Recommendations of the Conference on Internet Freedom 'The Role and Responsibilities of Internet Intermediaries', 13 October 2017, https://www.osce.org/files/f/documents/6/7/371846.pdf.
**21** UN Special Rapporteur on Freedom of Opinion and Expression, the OSCE Representative on Freedom of the Media, the Organization of American States (OAS) Special Rapporteur on Freedom of Expression, and the African Commission on Human and Peoples' Rights (ACHPR) Special Rapporteur on Freedom of Expression and Access to Information, "Twentieth Anniver- sary Joint Declaration: Challenges to Freedom of Expression in the Next Decade", 10 July 2019, https://www.osce.org/files/f/documents/9/c/425282.pdf.
**22** Santa Clara Principles on Transparency and Accountability in Content Moderation, https://santaclaraprinciples.org.
**23** Manila principles on intermediary liability, https://www.manilaprinciples.org/principles.
**24** Ниг ба санади дар қайди 2, параграфи 117 омада.
**25** Ниг ба санади дар қайди 4, параграфи 48.
**26** Ниг ба санади дар қайди 4, параграфи 70омада.
**27** Ҳамон ҷо.
**28** Omidyar Network, 2020, "Ethical Explorer Pack", https://ethicalexplorer.org/. This is recommended by UNESCO in the publication "Steering AI and Advanced ICTs for Knowledge Societies: A Rights, Openness, Access, and Multi-stakholder Perspective", 2019, https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000368711/PDF/368711eng.pdf.multi.
**29** Ниг ба санади дар қайди 20 омада.
**30** Ниг ба санади дар қайди 6, параграфи 50 омада.
**31** Ниг ба санади дар қайди 3 омада.
**32** Ниг ба санади дар қайди 6 омада.
**33** ARTICLE 19, "Social Media Councils", https://www.article19.org/social-media-councils/.
**34** "Information Requests", Twitter, https://transparency.twitter.com/en/information-requests.html.
**35** "Requests for user Information FAQs", Google, https://support.google.com/transparencyreport/answer/9713961.
**36** 36."Government requests to remove content", Google, https://transparencyreport.google.com/government-removals/overview.
**37** "Government Requests for User Data", Facebook, https://transparency.facebook.com/government-data-requests.
**38** See Twitter's Guidelines for Law Enforcement; YouTube's FAQs on requests for users' infor- mation; Facebook's Law Enforcement Request system and a guide.
**39** Twitter News, "White House reporter for @NewsHour and co-moderator for this week's #DemDebate, @Yamiche discusses what it's like to be a female journalist of color.", Twitter, 18 December 2019, https://twitter.com/TwitterNews/status/1207330560881942528.
**40** Anabel Pasarow, "With #HerStory, Twitter Is Celebrating Women In Journalism", Refin- ery29, 2 May 2019, https://www.refinery29.com/en-gb/2019/05/231662/twitter-her-story-women-journalists-original-series.
**41** "Inclusion & Diversity Report March 2020", Twitter, https://blog.twitter.com/en_us/topics/company/2020/Inclusion-and-Diversity-Report-March-2020.html.
**42** "Not Without My Consent", Facebook, https://www.facebook.com/safety/notwithoutmyconsent/.
**43** "Project Shield", Google Jigsaw, https://projectshield.withgoogle.com/landing.




BAO

# Тадбирҳои тавсияшаванда

1. Баланд бардоштани фарҳанги рафтор дар ҷойи кор тавассути татбиқи сиёсати ҳамаҷониба дар соҳаи амният ва масъалаҳои гендерӣ;

2. Таъмини дастгириҳо ва омӯзишҳо барои рӯзноманигороне, ки бо таъқиб ва суиистифода дар Интернет дучор мешаванд;

3. Таҳияи қоидаҳои ҷамъияти (сообщества) бо дар назар гирифтани ҷанбаҳои гендерӣ барои пойгоҳҳои онлайни интерактивӣ;

4. Пайгирӣ ва мустанадсозии далелҳои таъқиб ва суиистифодаҳо нисбат ба бонувони рӯзноманигор, аз ҷумла рӯзноманигорони ғайриштатӣ дар Интернет.

# 7. ВАО
## Защита журналистов начинается с рабочего места

Воситаҳои ахбори омма, агар дақиқтар гуем, моликон, раҳбарон ва муҳаррирони ширкатҳои расонаӣ ва созмонҳои гуногун метавонанд ва бояд ба амнияти рӯзноманигорон таъсири мусбат расонанд. Онҳо вазифадоранд, ки ба бехатарии ҳамаи шахсоне, ки бо онҳо кор мекунанд, аз ҷумла кормандони ғайриштатӣ, ҳам дар шӯъбаи ахборот ва ҳам дар маконҳои дигар пушту паноҳи кунанд.

Ҳамчун корфармо, моликон, сармуҳаррирон ва раҳбарони расонаҳо бояд дарк кунанд ва ба он далелҳое ки илова бар хатарҳои марбут ба фаъолияти рӯзноманигорӣ, бонувони рӯзноманигорон вобаста ба ҷинсияташон ба хатарҳои иловагӣ рӯ ба рӯ мешаванд.[1] ВАО, масъулиятнок мебошанд, ки итминон бидиҳанд, ки фарҳанги ҷойи кории муқаддасоти амиқан буда - таҳдидҳои эҳтимолӣ аз сӯйи ҳамкоронро аз байн мебарад.

Соҳибон, роҳбарон ва муҳаррирони расонаҳо бояд ба чораҳои пешгирӣ аз поймолкунӣ ва ҳифзи ҳамаи кормандон, бо зоҳир кардани таваҷҷӯҳи хоса ба ниёзҳои занон тамаркуз кунанд. Онҳо бояд шаклҳои гуногуни иловагии дастгириҳои расмӣ ва ғайрирасмро пешниҳод кунанд, то равиши ҳамаҷониба барои ҳифзи амниятро таъмин кунанд.

**Дар Қарори № 3/18 Шурои вазирони САҲА 57 кишвари узви САҲА таъкид карданд, ки онҳо аз «афзоиши маъракаҳои ҳадафманд, ки фаъолияти рӯзноманигорон, эътимоди ҷомеа ва эътимод ба эътибори ръзноманигориро халалдор мекунанд» нигаронанд ва эътироф кардаанд, ки «ин метавонад хатари таҳдид ва хушунат нисбат ба рӯзноманигоронро афзоиш диҳад»**

## › Баланд бардоштани фарҳанги рафтор дар ҷойи кор тавассути татбиқи сиёсати ҳамаҷониба дар соҳаи амният ва масъалаҳои гендерӣ

Фарҳанги амният хеле муҳим аст. Агар рӯзноманигорон эҳсос накунанд, ки расонаҳои онҳо дар ҳама ҷиҳат барои пешгирӣ, коҳиш додан ва вокуниш ба суиистифодаҳои берунӣ ва дарунӣ талош доранд, барои онҳо иҷро кардани корашон хеле душвор мешавад.

Эҳсоси бе ҳимоягӣ дар байни бонувони рӯзноманигор аксар вақт аз ҷойи кор сар мешавад. Меъёрҳои табъизи фарҳангӣ ва бадгумонӣ муштарак бо нобоварӣ бар он, ки роҳбарият оё дар сурати суиистифода, чораҳои дахлдор меандешад ё на, намегузорад, ки онҳо дар мавриди хушунати гендерӣ хабар диҳанд. Дар чунин шароит хомӯш монданро афзал медонанд.[2]

Қадами аввал барои як ширкати расонаӣ барои баланд бардоштани фарҳанги дохилии худ эътироф кардани он аст, ки хушунати гендерӣ мушкилоте буда ва ҳамла ба як рӯзноманигори алоҳида, ҳамла ба тамоми ширкат аст. Ин аз он иборат аст, ки занон нисбат ба мардони ҳамкори

худ бештар дар Интернет мавриди таъқиб қарор мегиранд ва аз ҳамлаҳо бештар осеб мебинанд[3] ва хабарнигорони зан метавонанд аз ҷониби ҳамкорони мард таъқиб шаванд ва дар бораи чунин ҳодисаҳохабар надиҳанд.

Бо мақсади дастгирии бонувони рӯзноманигор, ВАО бояд мунтазам аудити бехатарии шароити корро дар идораҳои худ ва дар ҷойҳои дигар, аз қабил дар минтақаи ҷуғрофие, ки фаъолияти онҳоро дарбар мегирад ва ё маконҳои дигар гузаронанд. Онҳо инчунин бояд аудит ва арзёбии амнияти рақамиро барои беҳтар дарк кардани намудҳои гуногуни хатарҳое, ки кормандони онҳо дучор мешаванд, гузаронанд. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои қавӣ ва заъифро дар кори худ муайян кунанд. Дар асоси натиҷаҳои аудит ва дар ҳамкорӣ бо рӯзноманигорон, ВАО бояд сиёсати ҳамаҷонибаи амниятиро роҳандозӣ кунанд, ки ҳифзи амнияти ҷисмонӣ, рақамӣ ва дастгирии равониро дар бар гирад.

Дар баробари эҷоди фарҳанги мусбат дар идора, ширкатҳои расонаӣ бояд дастурҳо ва суратҷаласаҳои раҳнамоӣ барои пешгирӣ ва муқобила бо ҳамлаҳо, аз ҷумла шаклҳои гуногуни таъқиб ва суиистифода дар шабака (сет)-ро таҳия кунанд. Шахсоне, ки барои татбиқи ин принсипҳо ва суратҷаласаҳо масъуланд, бояд муайян карда шаванд ва ин ҳуҷҷатҳо бояд мунтазам баррасӣ ва нав карда шаванд, то онҳо дар шароити рушди босуръати фановариҳо муассир бошанд.

Муҳим он аст, ки дар дастурамалҳо тамоми роҳҳое, ки рӯзноманигорон метавонанд дар бораи таъқиб ва суиистифода дар Интернет хабар расонанд, инчунин чӣ гуна гирифтани ҳама гуна кӯмаки лозима, аз қабили машварати ҳуқуқӣ ё дастгирии равонӣ тавзеҳ дода шаванд. Дар баробари ин, ҳангоми таҳияи ин гуна ҳуҷҷатҳо бояд ба назар гирифт, ки тартиботи қатъии дохилӣ метавонад аз гузориш додани хабарнигорон

дар бораи ҳамлаҳо дар заминаи ҷинсият (гендерӣ) бо сабаби хусусияти шахсӣ ва маҳрамона доштани чунин ҳамлаҳо монеъ шавад, аз ин рӯ, дар чунин тартибҳо бояд барномаҳои гуногун иқдомҳо пешбинӣ шавад. Масалан, як бонуи рӯзноманигор метавонад ба ҷойи он ки худаш хабар диҳад, тарҷеҳ медиҳад, ки бо ҳамтои худ суҳбат кунад ва аз ӯ хоҳиш намояд, ки дар бораи таъқиб хабар расонад. Ё рӯзноманигори зан метавонад бидуни хабар додан дар бораи ин ҳодиса ба ҳамкорон, раҳбарият ё каси дигаре берун аз хабаргузории худ, барои расонидани ёрии равониву иҷтимоӣ муроҷиат кунад.

Азбаски маълум аст, ки таъқиби ҷинсиятӣ метавонад дар ҷойи кор низ сар занад, ниҳодҳои корпоративӣ, ки рӯзноманигорон метавонанд ба онҳо дар бораи таъқиб ва суиистифода дар Интернет хабар диҳанд, бояд ба онҳо дар муқобили ҳамлаҳо дар дохили созмон ва берун аз он кӯмак расонанд. Механизмҳои кӯмак бояд осону дастрас ва маҳармиятро кафолат диҳанд ва аз сӯйи роҳбарият зуд вокуниш нишон дода шавад.

Ҳамлаҳои ба бонувони рӯзноманигорон дар заминаи ҷинсият ба нобаробарӣ дар ҷомеае асос ёфтааст, ки маъмулан мардон имкони бештар ва маоши баландар нисбат ба занон доранд. Гузашта аз ин, дар чунин ҷомеаҳо аксар вақт мизону пайомадҳои таъқибу суиистифоодаҳо аз занонро пурра дарк намекунанд. Барои мубориза бо сабабҳои аслии чунин ҳамлаҳо, ВАО бояд сиёсати баробарии гендериро оид ба музди меҳнат, пешрафт дар кор, мувозинат дар кор ва ҳаёти шахсӣ ва дастёбӣ ба мансабҳои роҳбарикунандаро қабул ва иҷро кунанд.[4] Сиёсати ВАО ҳамчунин бояд ба хушунати ҷинсӣ-шаҳвонӣ дар ҷойи кор дахолат кунад ва дар сурати сар задани чунин рафтор дар редаксия роҳи татбиқи чораҳои ҷавобии муносибро нишон бидиҳад. Сиёсати гендерӣ бояд бо дарназардошти фикру мулоҳизаҳои бонувони рӯзноманигор ва намояндагони анҷумани иттиҳодияҳо таҳия шуда, ба самъи ҳамаи кормандон расонида шавад.

Сиёсати редаксионӣ ҳамчунин бояд ба баробарии гендерӣ дар матолиби расона мусоидат кунад. Тавсияҳо дар мавриди дастёбӣ ба ин ҳадаф аз пешгирии бадгумонии ҷинсиятӣ ҳангоми пӯшиш додани ҳодисаҳо тавассути додани имкон ба занон, аз ҷумла ба фаъолони ҷомеа, дар фароҳам кардани шароити баёни андешаҳояшон ва ҳамчунин инъикоси ҳолатҳои хушунати ҷинсӣ бидуни барчаспзании иловагии қурбониён ва шиддат бахшидани ба захмҳояшон иборат аст.

## Мисолҳо

**Муҳокимаи таҷрибаи пешқадам:** ВАО-и аврупоӣ дар як таҳқиқоти густурдаи масоили гендерӣ, ки аз ҷониби Бунёди байналмилалии матбуот (ББМ) дар ҳамкорӣ бо Дафтари Намояндаи САҲА дар умури ВАО гузаронида шуд, иштирок намуданд, ки дар он таҷрибаи пешгом дар ҳалли мушкилоти таъқиб ва ҳамлаҳо алайҳи бонувони рӯзноманигор дар Интернет омӯхта шуд. Дар соли 2019 ББМ гузориши «Таҷрибаҳои беҳтарини муҳаррирӣ барои мубориза бо хушунат алайҳи рӯзноманигорон дар Интерент»-ро нашр кард, ки як қатор тавсияҳоро дар бар мегирад.[5]

**Татбиқи дастурҳо ва протоколҳои шаффоф:** Протоколи роҳнамо «Чораҳо барои мубориза бо таъқиб дар Интернет: Дастур барои хабаргузориҳо ва рӯзноманигорон» бо якчанд забон дар саҳфаҳои пойгоҳҳои онлайнии ББМ дастрас аст. Ин дастур ба таҷрибаҳои пештози аврупоӣ асос ёфтааст ва тавсияҳои мушаххасро дар бар мегирад, ки барои табиқи онҳо ББМ бо якчанд хабаргузорӣ ҳамкорӣ мекунад.[6]

Анҷумани ҷаҳонии рӯзномаҳо ва ноширони хабарҳо (АҶРНХ -WAN-IFRA) дастури роҳнамои амалии қадам ба қадамеро барои расонаҳо ва кормандони онҳо бо мақсади мусоидат кардан ба ҷилавгирӣ аз тамаъҷӯиҳои ҷинсӣ дар ҷойи кор ва мубориза bо созанда бо онҳо, коркард намудааст.[7] Дар дастур таҳти унвони «Тамаъҷӯии ҷинсӣ дар расонаҳо – дастури амалӣ барои корфармоён ва кормандон» шеваҳои хабардор кардан аз тамаъҷӯиҳоро, ки аз сӯйи мутахассисони масоили кадрии ширкатҳои расонаӣ таҳия шудааст, пешниҳод мекунад, ки муфассал навишта шудааст, ки маълумот дар бораи озору азият кадом иттилоъро бояд дошта бошад ва қабл аз хабардор кардану баъд бояд чӣ гуна амал кард.

Ширкати телевизиони ҷамъиятии Австрия Österreichischer Rundfunk мисоли он аст, ки чӣ тавр ВАО дастурҳои иқдомотиро бо ҳадафи таъмини баробарии гендерӣ роҳандозӣ мекунад. Ин ширкати телевизионӣ абзорҳои худтанзимкуниро барои густариш додани баробарии гендерӣ ва пешравии занон дар мансаб ҷиҳати ноил шудан ба мувозинати муносибтари кору ҳаёти шахсӣ ва ноил шудан ба нишондоди 45 дарсадии ҳузури занон дар тамоми шуъбаҳои ин идора, аз ҷумла дар бахши техникӣ эҷод кардааст.[8]

Идораи газетаи русии «Новая газета» дастури иқдомҳои мубориза алайҳи хушунати равонӣ ва ҷинсӣ содир кард9, ки мафҳуми тамаъҷӯии ҷинсӣ ва фишори равониро дар бар мегирад ва ҳамчунин таъсиси шурои баррасии шикоятҳои эҳтимолиро пешбинӣ мекунад. Мудири нашрия, муҳаррири рӯзнома, ё шахсоне, ки пештар ин қонуншиканиро кардаанд, ҳақ надоранд дар ин шӯро бошанд[9] Эътилофи ACOS дар ҳамкорӣ бо маркази «Дарт» дастуреро барои муҳаррирон ва мудирони хабар дар мавриди чӣ гуна кор кардан бо хабарнигорони мустақиле, ки осеби равонӣ гирифтаанд, бо номи "Роҳ ба сӯи устуворӣ" таҳия кардаас.[10]

**Шомил кардани нозирони берунӣ ба машғулиятҳои омӯзишӣ:** Тибқи баъзе тадқиқот, бисёре аз омӯзишҳои анъанавӣ дар мавриди тамаъҷӯии ҷинсӣ бесамаранд. The New York Times дар як мақолаи худ роҳнамоеро пешниҳод мекунад, ки созмонҳо, аз ҷумла ВАО метавонанд барои ноил шудан ба тағйироти назаррас дар фарҳанги созмонӣ ба кор бигиранд.[11] Дар баробари рӯйкардҳои дигар дар ин мақола ба омӯзиши нозирони ҷонибӣ (берунӣ) таваҷҷуҳ шудааст.

## Манбаъҳо

- Нақшаи баҳодиҳии бехатарии дохилӣ, ки аз ҷониби худи иттилодиҳандаҳо Эътилофи DRSS пешкаш шудааст, як абзори тавсияшудаи барои аъзо эътилоф мебошад, ки барои кӯмак ба хабаргузориҳо ҳангоми омӯхтан ва такмил додани таҷрибаҳо ва дастурҳои бехатарии рӯзноманигорон пешбинӣ шудааст.[12]

- Блоги WAN-IFRA «Барномаҳо барои мавридҳои интизору ғайриинтизор: ҳангоми роҳандозии арзёбии хатарҳо дар бораи чӣ чизҳое бояд фикр кард» тавсияҳои калидӣ барои редаксияҳо, аз қабили таҳияи варақаҳои содда ва фаҳморо, ки бояд рӯзноманигорон пеш аз оғози иҷрои супориширӯзноманигорӣ пур кунанд, дар бар мегирад.[13]

- Ченкунакҳо оид ба ҳассосияти гендерии ЮНЕСКО баро ВАО чаҳорчӯбаеро барои чен кардани ҳассосияти гендерӣ дар фаъолият ва ё матолиби ВАО таъмин намуда, ба ВАО дар

гузаронидани баҳодиҳии дохилӣ барои беҳтар кардани равиши ба инобат гирифтани ҷанбаъҳои гендерӣ кӯмак мерасонанд.[14]

- Дафтари Намояндаи САҲА дар самти озодии ВАО барган иттилоотнома оид ба амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет нашр кард, ки ҳамчунин манбаъҳо ва тавсияҳо барои созмонҳои расонаиро низ дар бар мегирад.[15]

### › Таъмини дастгирӣ ва омӯзиши рӯзноманигороне, ки бо таъқиб ва суиистифода дар интернет рӯ ба рӯ мешаванд

Роҳбарон ва соҳибони, ва инчунин муҳаррирони ВАО, бояд омода бошанд, то ба рӯзноманигороне, ки дар Интернет ба таъқиб ва суиистифода дучор мешаванд, зуд дастгирии ҳамаҷониба расонанд. Рӯзноманигорони осебдида шояд ба муҳофизати ҷисмонӣ, супориши ҳаммаънои идоравӣ, кӯмаки равониву иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ё маҷмӯи чораҳои дар боло зикршуда ниёз дошта бошанд.

Илова бар ин, соҳибони ВАО, раҳбарон ва муҳаррирон бояд омода бошанд, ки ба бонувони рӯзноманигоре, ки мехоҳанд дар бораи ин ҳодиса ба ширкатҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ва/ё мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар диҳанд, кӯмак ва дастгирӣ кунанд. Аммо хатари марбут ба расонидани хабар дар мавриди ҳамлаҳо бояд арзёбӣ шавад ва ризоияти комили хабарнигори осебдида гирифта шавад. ВАО бояд барои таъсиси гурӯҳи ҳимоятҳои ҳамкасбон, ки фазои бехатарӣ

барои бонувони рӯзноманигор таъмин мекунанд, ки он ҷо онҳо метавонанд аз таҷриба ва мушкилоташон дарди дил кунанд, иқдом кунанд ё онро дастгирӣ кунанд.

Сарфи назар аз дастгирии ниҳодӣ (институтсионалӣ), бонувони рӯзноманигор, бахусус рӯзноманигорони ғайриштатӣ, аксар вазнини таъқибҳо ва суиистифодаҳои интернетиро танҳо бар дӯш мегиранд. Аз ин рӯ, васоити ахбори умум пеш аз ҳам бояд ҳамаи рӯзноманигоронро бо василаҳо барои муайян кардан ва мубориза бурдан бо ҳамлаҳо таъмин намоянд. Расонаҳо ҳамчунин вазифадоранд, ки малакаҳои муҳофизатро дар миёни кормандони худро тавассути омӯзиш ва шиносоӣ бо стратегияҳои ҳамаҷонибаи муҳофизатӣ, аз ҷумла сиёсатҳо ва протоколҳои дохилӣ густариш ва рушд диҳанд. Чунин омӯзиш бояд чораҳои коҳиш додани хатари расидани осеб, огоҳиҳо дар мавриди падидаҳои хушунати гендерӣ ва лавозимоти амнияти рақамиро дар бар гирад.

Татбиқ ё пешбурди барномаҳои роҳнамоӣ метавонад ба эҷоди робита ва муколама байни бонувони рӯзноманигор ва ҳамчунин пайдо кардани манбаъҳои муфид кӯмак расонад.

Васоити ахбори омма метавонад дар тағйирёбӣ ба самти мусбат дар меъёрҳои иҷтимоӣ, ки решаи амиқ дар таъқиб ва суиистифодаҳо дар заминаи гендерӣ доранд, саҳм гузоранд. Ҳамин тариқ, омӯзиши методҳои мубориза бо таассуб ва қолабҳои гендерӣ ба рӯзноманигорон ва мутахассисони BAO дар гузоришҳои худ ва шеваҳои таҳияи як гузориши зариф (нозук) дар бораи хушунати ҷинсиятӣ, ҳамчунин метавонад ба гуногунии инъикоси ин мушкилот дар BAO мусоидат кунанд.[16]

Яке аз роҳҳои мусоидат кардани ба гуногунрангии ВАО ин афзоиши ҳузури фаъол занон аз тамоми гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар хабару мусоҳибаҳо ва эътирофи нақши фаъоли занон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад. Ҳатто дар кишварҳое, ки сатҳи баланди баробарии гендерӣ мавҷуд аст, намояндагии занон дар ВАО кофи нест ё бо стигма алоқаманд аст.[17]

Курсҳои омӯзишӣ дар мавриди масоили хушунати гендерӣ, таъқиб ва суиистифода дар Интернет бояд ба таври мунтазам гузаронида шаванд ва бозомӯзиро барои таъмини дарозмуддати аҳамияти раванди омӯзиш ва рушди малакаҳо дар созмон дар бар гиранд, на ин ки танҳо бо чорабиниҳои якдафъаина ба хотири худнамоишдиҳӣ маҳдуд шаванд.

## Мисолҳо

**Таъсиси фонди дастгирӣ:** Дар Финландия ширкатҳои бонуфузи расонаӣ кушишҳои худро бо иттифоқҳои касаба муттаҳид карда, як фонди дастгирӣ барои рӯзноманигороне, ки қурбони таҳдиду таъқиб, аз ҷумла тамаъҷӯӣ ва иғвоангезӣ дар Интернет шудаанд, таъсис доданд.[18]

**Аҳамияти фаъол ба таъқиб ва суъистифодаҳо дар Интернет:** Дар Испания рӯзномаҳои El País ва La Vanguardia ва радиои Catalunya Radio барои дастгирии рӯзноманигороне, ки мавриди ҳамла қарор гирифтаанд дар шабакаҳои иҷтимоӣ гурӯҳҳо таъсис додаанд. Тадбирҳое, ки онҳо меандешанд, вокуниши мустақим ба ҳамлаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ҳазф кардани матлабҳо аз пойгоҳҳои онҳо, мустанадсозии ҳамлаҳо ва дастгирии хабарнигорони осебрасида дар раванди баҳсҳои судиро дар бар мегирад.[19]

**Афзоиши шумораи мусоҳибаҳо бо зано:** Соли 2011 раҳбарии шабакаи телевизионии Белгия RTBF ташаббусеро бо номи Cherchez la femme оғоз кард ва аз рӯзноманигорон даъват кард, ки то ҳадди имкон на бо мардон, балки бо занон мусоҳиба кунанд. Ин тадбир шумораи занонеро, ки дар нашри хабарҳо мусоҳиба кардаанд, зиёд намуд.[20]

**Мониторинги ҳамарӯзаи ҳузур дар ВАО:** Вебсайти Prognosis Shamebot дарсадии (фоизи) номҳои мардону занонро, тақрибан дар 30 расонаи электронии ҳамарӯза дар Шветсия ва Финландия муқоиса кард.[21] Ҳарчанд ин манбаи вижа маҳдудиятҳои худро дорад, ба монанди набудани маълумот дар бораи сифати ҳузур дар ВАО, расонаҳое, ки онро муддати муайяне истифода кардаанд, аммо онро барои ба роҳ мондани суҳбатҳои дохилӣ ва баҳсҳо дар бораи мардону занон дар худи бахши расонаҳо муфид донистанд.

## Манбаъҳо

- Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо оид ба баробарии гендерӣ дар ВАО, дар тавсияҳои худ Res(2013)1 ба расонаҳо тавсия додааст, ки «тадбирҳои худтанзимкунӣ, кодекси дохилии ахлоқи / рафтор ва системаи назорати дохилиро қабул кунанд ва меъёрҳоиҳои инъикос дар ВАО-ро, ки ба баробарии гендерӣ мусоидат мекунанд, таҳия кунанд». Ҳамчунин ин кумита аз ҷонибҳои сеюмро даъват кард, ки «Пайдарпай дар бораи мушкилоти худ ба мақомоти худтанзимкунӣ хабар расонида аз баробарии гендерӣ пайгирона ҳимоят кунанд[22]

- «Эҷоди портрети сиёсӣ: дастурҳои абзорӣ дар масоили гендерӣ ва телевизионӣ»-и Институти гуногунрангии ВАО ҳашт модулро барои омӯзиши методҳои инъикоси иштироки занон дар сиёсатро дар бар мегирад.[23]

- SaferJourno: Digital Security Resources for Media Trainers ин як дастури омӯзишии ройгон ва кушода мебошад, ки аз тарафи Интернюс барои дастурдиҳандаҳои расонаӣ, ки донишҷӯён, мутахассисон ва шарикони амнияти рақамӣ ва шабакавиро омӯзиш медиҳанд, таъсис дода шудааст;[24] Дар дастурҳои воридшуда нақшаи дарсӣ барои шаш модули гунонун пешниҳод шудааст: баҳодиҳии хатарҳо,ҳифзи асосӣ; амнияти телефони мобилӣ; нигоҳдории бехатарии маълумот; тадқиқоти бехатар; ва амнияти почтаи электронӣ.

## › Таҳияи қоидаҳои ҷамъиятӣ бо дар назардошти ҷанбаъҳои гендерӣ барои пойгоҳҳоии онлайни интерактивӣ

Имрӯз, ВАО аксар вақт дар вебсайтҳои худ ва тавассути ҳисобҳои корбарӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ фазои интерактивии онлайн ташкил мекунанд. Қоидаҳои дақиқи ҷамъиятӣ дар самти робитаи истифодабарандагон бо пойгоҳҳои онлайни платформаҳои ВАО метавонанд ба пешгирӣ кардани таъқиб ва суиистифода дар Интерент ё коҳиш додани шиддати ҳамлаҳо кӯмак расонанд. Ҳоло он ки модератсияи (эътидоловарӣ) мубоҳисаҳо дар пойгоҳҳои онлайнии ВАО метавонад василаи муҳими пешгирӣ ё коҳиш додани пайомадҳои таъқиб дар заминаҳои гендерӣ дар Интернет бошад, он набояд озодии баёнро поймол кунад. Илова бар ин, тавсияҳои дақиқ дар бораи ин,

ки рӯзноманигорон бояд чӣ гуна дар пойгоҳҳои шабакаҳои иҷтимоӣ таъомул кунанд, ба рӯзноманигорон ва ВАО барои зудтар арзёбӣ кардани хатар ва вокуниши мувофиқ ба ҳамлаҳо кӯмак хоҳад кард.

Воситаҳои ахбори омма инчунин метавонанд бо ҷалби фаъолонаи ҷомеаҳо ва пешбурди муколамаи созанда дар пойгоҳҳои онлайни худ барои пешгирии таъқиб ва суиистифода фаъолият баранд . Яке аз роҳҳои ноил шудан ба ин таъин кардани гардонанда (модератор)-ҳои вижа дар ҷамъиятҳо мебошад.

## Мисолҳо

**Ҳамкорӣ бо ҷомеаҳои инетрнетӣ:** Ширкати радиошунавии бритониёӣ (BBC) қоидаҳои дохилии шарҳу тавзеҳот ва боргузории иттилоот дар платформаҳояшро муқаррар кардааст ва махсусан аз хонандагони худ даъват кардааст, ки аз рафтори таҳқиромез худдорӣ кунанд.[25]

**Таъин кардани модераторҳо барои муколама бо ҷомеаҳо:** Дар соли 2018, телевизиони ҷамъиятии Финландия Yle таҷрибаи мудирияти иртибот бо ҷомеаҳо-ро дар пойгоҳҳои худ ҷорӣ кард. Yle модераторро ба кор гирифт (киро) кард, ки бо аҳли ҷомеъа муоширaт кунад, то фарҳанги мусбатти мубоҳисаҳои онлайни эҷод кунад.[26]

Deutsche Welle (DW) модераторони ҷомъеа дорад, ки ба модератсияи ҳар як пойгоҳи хидматрасонӣ бо забони олмонӣ, ки дар он DW мавҷуд аст, сару кор мегирад ва бар бахши англисӣ модераторҳо шабонарӯзӣ кор мекунанд.[27]

### Манбаъҳо

- Маркази гуногунандешӣ ва озодии ВАО дастурҳои раҳнамои бунёдии кор дар шабакаҳои иҷтиморо барои ВАО-и кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо таҳия кардааст.[28]

## › Пайгирӣ ва ҳуҷҷатгузории далелҳо суиистифода ва таъқиби бонувони рӯзноманигор, аз ҷумла рӯзноманигорони ғайришататӣ дар Интернет

Барои фаҳмидани миқёс ва таъсири пурраи таъқиб ва суиистифода дар Интернет, ки як таҳдиди нисбатан нав барои рӯзноманигорӣ аст, маълумоти бештар лозим аст. Васоити ахбори омма метавонанд ба кормандони худ ва ҷомеаи васеи манфиатдор ба бехатарии рӯзноманигорон тавассути ҳуҷҷатгузори далелҳои таъқиб ва суиистифодаи кормандони худ дар Интернет кӯмак расонанд. Ҷамъоварии маълумоти табақабандишуда дар мавриди зуҳурот ва ҷанбаҳои гуногуни таъқиб ва суиистифода барои гузаронидани арзёбии хатарҳо бо дар назар гирифтани хосияти суистифода ва фаҳмидани тағйирёбии тамоюлҳо бо мурури замон, муҳим аст. Ин ба васоити ахбори омма имкон медиҳад, ки вазъи ҳар як ҳодисаро беҳтар пайгирӣ кунанд, инчунин чораҳои ҷавобиро дар сурати баробар будани ҳамлаҳо ба амалҳои ҷиноӣ, бо шумули ҳифзи далелҳои собиткунанда, ишора ва такмил намоянд.

Бо доштани ин маълумот ВАО метавонад шабакаи беҳтари иртиботро бо механизмҳои мавҷудаи муҳофизатии миллӣ, ташкилотҳои миллии ҳимояи ҳуқуқ, сиёсатмадорон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъсис диҳад ва баъзе маълумотро бо онҳо муҳокима кунад. Мақсади ин амалҳо мусоидат намудан ба маҷмӯи вокунишҳо ба ҳолатҳои мушаххасест, ки дар он авҷ гирифтани суъистифода нисбати рӯзноманигори мушаххас

ё аз тарафи шахси мушаххаси қоидавайронкунанда мониторинг ва вокуниши мутамарказро талаб мекунад.

Барои ин кор шаффофияти комил ва ҳамкорӣ бо тамоми кормандони штатӣ ва ғайриштатӣ, инчунин ризояти пурраи рӯзноманигороне, ки мавриди ҳамла қарор гирифтаанд, зарур аст. Ҳатто бо чунин ризоият, васоити ахбори омма бояд пеш аз интишор ё мубодилаи маълумот бо шахсони сеюм, хоҳ мақомоти давлатӣ бошад, хоҳ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ё гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ё ҳар гуна пойгоҳи ҷамъиятӣ бояд баҳодиҳии хатари истифодаи маълумоти муайянкунадаи шахсиятро гузаронад.

## Мисолҳо

**Таъсиси пойгоҳ барои мониторинги қонуншиканиҳо:** Шабакаи таҳқиқоти рӯзноманигории Балкан, BIRD- як портали захиравӣ сохтааст, ки пайгирии вайронкунии ҳуқуқ ва озодиҳои рақамиро дар шаш кишвари Аврупои Марказӣ ва Ҷанубу Шарқӣ дар бар мегирад, ва гузориш дар бораи таҳқиқот вобаста ба ҳамлаҳои онлайнӣ ба бонувони рӯзноманигорро нашр кардаст.[29]

**Гузаронидани тадқиқот дар мавриди суиистифода дар Интернет:** Рӯзномаи The Guardian 70 миллион шарҳҳои аз соли 2006 нашршуда дар вебсайти худро таҳлил кардааст, то моҳияти суистифода дар Интернет нисбат ба рӯзноманигоронашро дарк кунад. Нашрия муайян кардааст, ки аз даҳ муаллифи бештар таъқибшуда ҳашт нафари онҳо занон мебошанд. Натиҷаҳо дар гузориши The Dark Side of Commentary дар вебсайти Guardian оварда шудаанд[30]

## Қайдҳо

**1** Elisa Lees Munoz, "Why we should prioritize women journalists' safety", International Women's Media Foundation, https://www.iwmf.org/2017/11/why-we-should-prioritize-women-journalists-safety/.
**2** Silvia Chocarro, "The safety of women journalists: Breaking the cycle of silence and violence", IMS Defending Journalism book series, International Media Support, 2019, https://www.mediasupport.org/publication/the-safety-of-women-journalists.
**3** Mozilla Foundation, "Women journalists feel the brunt of online harassment", Internet Health Report, 2019, https://internethealthreport.org/2019/women-journalists-feel-the-brunt-of-online-harassment/.
**4** Gender Equality Commission,"Handbook on the implementation of Recommendation CM/Rec(2013)1 of the Committee of Ministers of the Council of Europe on gender equality and media", Council of Europe, 2015, https://rm.coe.int/CoERMPublicCommonSearchServices/DisplayDCTMContent?documentId=0900001680590558.
**5** Barbara Trionfi and Javier Luque Martínez, "Newsroom Best Practices for Addressing Online Violence against Journalists Perspectives from Finland, Germany, Poland, Spain and the United Kingdom", IPI, in cooperation with the OSCE RFoM, https://ipi.media/wp-content/uploads/2019/06/IPI-report-online-harassment-06032019.pdf.
**6** IPI, "Measures for Newsrooms and Journalists to Address Online Harassment", Ontheline Newsrooms, https://newsrooms-ontheline.ipi.media/.
**7** R. Zausmer, J. Godia, "Sexual Harassment in the Media", Women in the News, 2018, http://www.womeninnews.org/resource/41.
**8** ниг  ба  санади дар қайди 7 саҳ 17 омада
**9** "Ҷойи кор бояд амн бошад-Рабочее место должно быть безопасным" (Workplace must be safe), Novaya Gazeta, 14 July 2020, https://novayagazeta.ru/articles/2020/07/14/86271-rabochee-mesto-dolzhno-byt-bezopasnym.
**10** Dart Centre and ACOS Alliance, "Leading Resilience: A Guide For Editors & Managers", 2020, https://www.acosalliance.org/trauma-management-for-editors
**11** Claire Cain Miller, "Sexual Harassment Training Doesn't Work. But Some Things Do.", The New York Times, 11 December 2017, https://www.nytimes.com/2017/12/11/upshot/sexual-harassment-workplace-prevention-effective.html?smid=fb-nytimes&smtyp=cur&_r=0
**12** ACOS Alliance, "News Organizations Safety Self-Assessment", https://www.acosalliance.org/self-assessment.
**13** Caroline Scott, "Plan for the expected and unexpected: What you need to think about when completing a risk assessment", World Association of Newspapers and News Publishers, 6 April 2019, https://blog.wan-ifra.org/2019/06/04/plan-for-the-expected-and-unexpected-what-you-need-to-think-about-when-completing-a-risk-.
**14** UNESCO, "Gender-Sensitive Indicators for Media: Framework of indicators to gauge gender sensitivity in media operations and content", 2012, https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000217831.
**15** OSCE RFoM, #SOFJO Factsheet: Safety of Female Journalists Online, 2018, https://www.osce.org/files/f/documents/2/5/370331_0.pdf.
**16** The New York Declaration, "Gender & media: challenges and opportunities in the Post 2015 era", 11 March 2017, https://whomakesthenews.org/wp-content/uploads/who-makes-the-news/Reports/The%20New%20York%20Declaration%202017%20on%20gender%20and%20media.pdf.
**17** Sarah Macharia et al., "Who Makes the News? Global Media Monitoring Project", WACC, 2015, https://whomakesthenews.org/gmmp-2015-reports.
**18** "Media houses and unions set up fund to support journalists facing harassment", The Union of Journalists in Finland news item, 28 May 2019, https://journalistiliitto.fi/en/media-houses-and-unions-set-up-fund-to-support-journalists-facing-harassment/.
**19** ниг ба санади дар қайди  5 омада.

**20** ниг ба санади дар қайди 4 омада.
**21** Prognosis Shamebot, “Gender Equality Tracker 2020”, http://www.prognosis.se/GE/.
**22** Council of Europe “Draft analytical report on the follow-up on the implementation of Recommendation CM/Rec(2013)1 of the Committee of Ministers of the Council of Europe on gender equality and media”, GEC(2019)10, CDMSI (2019)04, 8 November 2019, p. 46, https://rm.coe.int/gec-2019-10-cdmsi-gec-analyatical-report-cm-gender-equality-and-me- dia/168098bce5.
**23** Portraying Politics Project Partners, “Portraying Politics – A toolkit on gender and televi- sion”, 2006, http://www.media-diversity.org/en/additional-files/documents/PP_EN.pdf.
**24** “SaferJourno”, Internews, http://saferjourno.internews.org/.
**25** “What are the rules for commenting and uploading?”, BBC, 2018, https://www.bbc.co.uk/usingth-ebbc/terms/what-are-the-rules-for-commenting/.
**26** “Finnish public broadcaster fights online hate speech with dialogue and respect”, Euro- pean Federation of Journalists news item, 20 August 2018, https://europeanjournalists.org/blog/2018/08/20/finnish-public-broadcaster-fights-online-hate-speech-with-dialogue-and-respect/.
**27** ниг ба санади дар қайди 5, саҳ 35 омада.
**28** “Social Media Guidelines for Journalists EU28”, European University Institute, https://cmpf.eui.eu/social-media-guidelines-for-journalists-eu28/.
**29** “B.I.R.D.”, The Balkan Investigative Reporting Network and Share Foundation, https://monitoring.bird.tools.
**30** Becky Gardiner et al., “The dark side of Guardian comments”, The Guardian, 12 April 2016, https://www.theguardian.com/technology/2016/apr/12/the-dark-side-of-guardian-comments.



# Созмонҳои рӯзноманигорӣ ва худтанзимкунӣ саморегулирования

# Тадбирҳои тавсияшаванда

1. Роҳандозии фаъолонаи кӯшишҳои  ва тадбирҳои муштарак барои беҳтар намудани шароити фаъолият ва амнияти бонувони рӯзноманигор;

2. Таъмини тақвияти қудратманди тавассути ҳамкории самаранок бо ҳамқаламон, омӯзиш ва дигар намуди ёриҳои амалӣ;

3. Ҳуҷҷатгузории ҳамлаҳо ва истифодаи иттилоот барои баланд бардоштани сатҳи огоҳии иштирокчиёни асосӣ;

4. Мусоидат барои ворид намудани масоили марбут ба бехатарӣ ва баробарии гендерӣ дар фаъолияти мақомоти худтанзимкунӣ.

# 8. Созмонҳои рӯзноманигорӣ ва мақомоти худтанзимкунӣ
## Ташкили фаъолияти муштарак ва таҳияи меъёр (кодекс)-ҳои ахлоқӣ

Созмонҳои рӯзноманигорӣ, аз қабили ассотсиатсияҳои касбӣ ва иттифоқҳо, ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манофеъи умумии рӯзноманигоронро ҳимоя мекунанд, ки ин маънои беҳтар кардани амнияти аъзои созмон ва расонидани кӯмак дар сурати таҳдидҳои мушаххасро дорад. Дар таъмини бехатарии рӯзноманигорон субъектҳои ғайридавлатӣ, расонаҳо, аз ҷумла шӯроҳои ВАО, иттифоқҳои касабаҳои таҳририӣ, муассисаҳои таълимӣ ва омбудсменҳои ВАО, ки аз ҷониби як ё якчанд расона таъин шудаанд, нақши муҳим бозида метавонанд.

**Дар Қарори Шурои вазирони САҲА бо № 3/18 57 кишвари узви САҲА бо ибрози нигаронӣ қайд карданд, ки «истифодаи чораҳои маҳдудкунандаи беасос нисбати хабарнигорон метавонад ба амнияти онҳо таъсир расонда, онҳо наметавонанд ҷомеаро дар ҷарёни маълумоту хабардиҳиҳо қарор диҳанд, аз ин рӯ ин омилҳо ба озодии баён таъсири манфӣ мерасонанд».**

Дар ин бахш шарҳ дода шудааст, ки чӣ гуна чунин созмонҳо, ба истиснои муассисаҳои таълимӣ, ки баъдан баррасӣ хоҳанд шуд, метавонанд нақши худро дар таъмини амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет густариш диҳанд.

## › Роҳандозии фаъолонаи кушишҳо ва тадбирҳоии муштарак бо мақсади беҳдошти вазъи амният ва шароити кории бонувони рӯзноманигор.

Ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои рӯзноманигорон ҳамчун корфармо дар мусоидату ҳамкорӣ ба ВАО дар иҷрои ӯҳдадориҳо ва масъулият оид ба таъмини бехатарии бонувони хабарнигор, аз он ҷумла кормандони штатӣ ва ғайриштатӣ аз ҳисоби занон, дар амалисозии фаъолияти касбиашон нақши муҳим мебозанд.

Дар самти беҳбуди шароити фаъолияти кормандони ВАО, ассосиатсияҳо ва иттиҳодияҳои рӯзноманигорон метавонанд аз рӯйи мушкилоти мушаххас, ки бонувони рӯзноманигори ба он дучор шуда, аҳмият диҳанд. Музокирот бо расонаҳо барои бартараф кардани фарқияти гендерии музди меҳнат миёни мардон ва бонувон хеле муҳим аст, зеро ин амал ҳуқуқҳои коргаронро поймол мекунад ва табъизро ба муқобили  занон афзоиш медиҳад. Ғайр аз ин, дар баробари талошҳо барои пешбурди баробарии ҷинсӣ (гендерӣ) ва сиёсати зидди озори ҷинсӣ дар ВАО, мавҷудияти протоколҳои амниятӣ, аз ҷумла расмиёти вижа барои бонувони хабарнигор, ҳамчунин таҷҳизоти даркорӣ ва дастгирӣ муҳим аст.

Созмонҳои рӯзноманигорӣ бояд принсипҳои баробарии ҷинсӣ ва сиёсати гендериро дар сохторҳои худ риоя намуда, ба масъалаҳои таъқиби интернетӣ ва суиистифода таваҷҷуҳи зарурӣ диҳанд.

Ба ғайри  ба гуфтушунид, ассотсиатсияҳои касбӣ ва иттифоқҳои мавҷуда метавонанд қонунҳоро назорат ва таҳлил кунанд ва дар ҳолати зарурӣ барои такмили он дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо омода созанд. Агар амалҳои таъқиб ва суиистифода дар Интернет ба амалҳои ҷиноятӣ шабеҳ бошанд, созмонҳо метавонанд ба рӯзноманигорон ва намояндагиҳои онҳо ёрии ҳуқуқӣ расонанд.

## Мисолҳо

**Пешниҳоди тавсияҳо:** Иттифоқи рӯзноманигорони Финляндия роҳнамо(брошюра)-еро зери унвони «Маъракаҳои нафрат – амали мо чӣ хел бояд бошад»-ро таҳия намуд. Он тавсияҳоро ба монанди ҳуҷҷатгузории суиистифода, ташкили машваратҳо барои кормандон дар ҳолати зарурӣ ё интишори шарҳҳои мусбат дар бораи ҳамкорон дар интернет. Мақсади ин роҳнамо маълумот додан ба муҳаррирон, роҳбарони ВАО ва рӯзноманигорон дар бораи андешидани чораҳо буда, агар худи онҳо, кадоме аз ҳамкорон ё ҳамкасбон ба таъқиб ва суиистифода дар Интернет дучор шаванд.[1]

**Мусоидат ба баробарии гендерӣ дар саноати ВАО:** Моҳи июни соли 2019 Созмони байналмилалии кор (СБК) маҷмӯи нави меъёрҳоҳои байналмилалии меҳнат- Эъломия (Конвенсия)-и 190 оид ба зӯроварӣ ва таъқибро тасдиқ кард.[2] Федератсияи байналмилалии рӯзноманигорон (IFJ) маъракаи иттилоотии СБК, тахти унвони «Конвенсияи СБК 190 метавонад зиндагиро тағйир диҳад»-ро роҳбарӣ карда, аз кишварҳо даъват менамоянд, ки ин эъломияро ба тасвиб расонанд.[3]

**Таҳдиди сиёсати иттифоқҳои касаба дар ҳолати зарурӣ:** Иттифоқи миллии рӯзноманигорони Британияи Кабир ва Ирландия дар сиёсати худ таҳдиди назар карда, фасли вижа доир ба табъизи ҷинсӣ(сексизм) ва таҳқирро ворид сохт.[4]

## Манбаъҳо

- Федератсияи байналмилалии рӯзноманигорон «Принсипҳои барои ВАО ва иттифоқҳо эҷодӣ оид ба мубориза бо масоили таъқиби бонувони рӯзноманигор дар Интернет»-ро ба нашр расонд, ки ҳадафи он кӯмак ба роҳбарони ВАО, иттифоқҳои касаба ва ҳамшарикон дар андешидани чораҳои муносиб мебошад.[5]

## › Таъмини мустаҳкам кардани иқтидор тавассути ҳамкорӣ бо ҳамкасбон, омӯзиш ва дигар кӯмакҳои амалӣ

Роҳҳои зиёде вуҷуд доранд, ки ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои рӯзноманигорон метавонанд дар баланд бардоштани иқтидори рӯзноманигорон дар мубориза бар зидди таъқиб ва суиистифода дар Интернет, инчунин мубориза бо оқибатҳои равонӣ кӯмак расонанд.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дастгирӣ аз ҷониби ҳамкасбон, омили калидӣ дар самти кӯмак ба бонувони рӯзноманигор зимни муқовимат ба таъқибу таҳқири интернетӣ мебошад. Ҳамкороне, ки бо чунин мушкилоти шобеҳ дучор меоянд, тавассути шабакаи баҳамдигар ёри расони  якдигарро бояд пуштибонӣ кунанд. Бо вуҷуди ин, бо назардошти то чӣ андоза мураккаб ва ҳассос будани мушкилоте, ки бонувони рӯзноманигор бо онҳо рӯбарӯ ҳастанд, дастрасии онҳоро ба омузишу кӯмакҳо, таъмин намудан зарур аст. Ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои рӯзноманигорон дар якҷоягӣ бо ВАО (ба боби 7 таваҷҷуҳ намоед) метавонанд шабакаҳои дастгирии ҳамкоронро роҳандозӣ кунанд, омӯзиш пешниҳод созанд ва қоидаҳои амалкарди муштаракро таҳия намуда, шаклҳои дигари дастгирии равониву иҷтимоиро татбиқ

созанд. Донишу таҷрибаи ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо ба онҳо имкон медиҳад, ки дар таъмини амнияти рӯзноманигорон саҳми арзанда гузоранд. Онҳо инчунин метавонанд ба мансабдорон ва аъзои парлумон ҳангоми таҳияи қонунгузорӣ ва сиёсатҳо дар самти мубориза бо таъқиб ва суиистифода дар Интернет маълумоти муҳим пешниҳод кунанд.

Ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои рӯзноманигорон инчунин метавонанд барои бонувони хабарнигор давраҳои омӯзиши таҷрибаи пешқадам оид ба пешгирӣ ва мубориза бо таъқиб ва суиистифода дар интернетро созмон диҳанд. Гузаронидани тадқиқот, аз ҷумла дар ҳамкорӣ бо муассисаҳое, ки омӯзишу омодасозии рӯзноманигорон ва соҳибони ВАО-ро ба зимма доранд, барои дарки беҳтари мушкилоте, ки бонувони рӯзноманигор дучор мешаванд, муҳим аст. Онҳо инчунин метавонанд дар ташкили ҳамоишҳои табодули иттилоот таҳти сарварии бонувон кӯмак расонанд, ки дар онҳо таваҷҷуҳи асосӣ ба воситаҳои худбаҳодиҳӣ, чӣ гуна муҳофизат кардани саҳифаи инфиродии худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, чи тавр ҳаракат бояд кард, ки , ки рӯзноманигорон дар Интернет мавриди таъқибу озор қарор мегиранд.

Ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои рӯзноманигорон дар аксар мавридгурӯҳҳои занон ё маркази ҳамоҳангсозии бонувони рӯзноманигорро доранд, ки ба онҳо имкон медиҳанд, дар бораи таҷрибаи худ ва талаботҳои амниятии инфиродӣ ҳарф зананд. Ғайр аз он ба ҷуз ин, ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо метавонанд дар сомонаҳои худ як бахши махсусе таъсис диҳанд, ки ба амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет равона шудааст ва  дошта бошад ва маълумоти осон дастрасу саривақтӣ,  инчунин нишониҳоро фарогир бошад.[6]

## Мисолҳо

**Таҳияи тадбирҳои омӯзишӣ:** Ассотсиатсияи байналмилалии бонувон дар ТВ ва радио дастури амнияти бонувони рӯзноманигорро бо номи «Чӣ мешавад, агар...?» таҳия кардааст, ки дар курсҳои омӯзишии ҳимоя дар чанд кишвар истифода мешавад.[7]

**Омӯзиши таҷрибаҳои пешқадам:** Дар соли 2019 Иттифоқи рӯзноманигорони Туркия ва Федератсияи рӯзноманигорони Аврупо машварат оид ба таҷрибаҳои беҳтарин ва воситаҳои мушаххас барои пешбурди кор дар қисмати баробарии ҷинсӣ ва гуногуншаклӣ дар расонаҳо ва муқовимат бо тамоюли афзояндаи таъқиби интернетиро ташкил карданд.[8]

## Манобеъ

- Дастурамали Федератсияи байналмилалии рӯзноманигорон «Таҷрибаҳои пешқадам барои таъмини баробарии ҷинсӣ дар иттифоқҳои касабаи Аврупо» чандин усул ва таҷрибаҳоро барои пешбурди баробарии гендерӣ дар иттифоқҳои касаба ва ВАО ҷамъ овардааст.[9]

## › Ба расмият даровардани санад оид ба ҳамла ва истифодаи иттилоот барои баланд бардоштани огоҳсозии фаъолони асосӣ

Ҳуҷҷатгузории ҳамлаҳо алайҳи хабарнигорон бо баҳисобгирии ҷанбаҳои ҷинсӣ барои дарки дараҷаи мушкилоти рӯзноманигорон, ки бонувони рӯзноманигор ба онҳо рӯбарӯ мешаванд ва дарёфти роҳҳои ҳалли он аҳамияти хоса дорад.

Муайян кардани роҳҳои муассир ва бехатари ҳуҷҷатгузории хушунат алайҳи бонувони хабарнигор низ дар таъмини амнияти онҳо бо назардошти афзоиши ҳамлаҳои расонаҳои интернетӣ, нақши муҳим мебозад. Азбаски шабакаҳои касбӣ, ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои рӯзноманигорон бо аъзои худ дар иртиботи ҳамешагӣ қарор доранд, онҳо метавонанд ҳамлаҳоро пайгирӣ ва тамоюлҳоро таҳлил намоянд. Ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории гурӯҳҳое, ки қодир ба назорати хушунат алайҳи хабарнигорон ҳастанд, барои ҷилавгирӣ аз такрори амалҳо ва расонидани кӯмаки саривақтӣ зарур аст.

Маълумоти муфассал дар бораи вазъи амнияти рӯзноманигорон, ки дар ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои рӯзноманигорӣ нигаҳдори мешавад, метавонанд барои оғоз ва гузаронидани маъракаҳои иттилоотӣ, инчунин ҷалби ташкилотҳои ВАО, сиёсатмадорон ва дигар субъектҳои муҳим ба масъалаҳои марбут ба ҳамла ба бонувони хабарнигор истифода шаванд. Ҳамкории байни ин гурӯҳҳои манфиатдор метавонад самаранокии ташаббусҳои амниятро афзоиш диҳад.

## Мисолҳо

**Ҷамъоварии иттилоот:** Иттифоқи рӯзноманигорони Финландия тадқиқоте анҷом додааст, ки рӯзноманигорон то куҷо (чӣ қадар) мавриди ҳадафи ҳамла қарор мегиранд; пурсиш ёрӣ расонд, ки мушкилот дурустар дарк ва роҳҳои ҳалли он пайдо карда шаванд.[10]

**Ташкили эътилофҳои назоратӣ (мониторингӣ):** Дар Аврупои Ҷанубу Шарқӣ шаш иттиҳодияи рӯзноманигорон ва иттифоқҳои касабаи ВАО кушишҳои худро дар чаҳорчӯби ташаббуси «Амнияти рӯзноманигорон» муттаҳид карданд.[11] Ҳадафи лоиҳае, ки дар соли 2016 роҳандозӣ гардид, баҳодиҳии ба вазъи амнияти рӯзноманигорон дар минтақа аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, инчунин барои баланд бардоштани сатҳи огаҳӣ дар бораи ҳамлаҳо ва ҳимояи хабарнигорон нигаронида шуда буд, аз ҷумла, дар Босниё ва Ҳерсеговин, ки ин иттифоқ барои бонувони рӯзноманигор телефони бовари дорад.

**Бунёди иттифоқҳои байнисоҳавӣ:** Бузургтарин иттифоқи касабаи бахши хусусии Unifor дар Канада бо як маъракаи видеоӣ дар соли 2018 дар бораи озори ҷинсӣ ва суиистифода нисбати бонувони хабарнигори ВАО дар Интернет, сатҳи огоҳиҳоро баланд бардошта, намоиш дод, ки иттифоқҳои касаба ва ассосиятсаҳои касбӣ миқёси фаъолияткунанда метавонанд дар самти мубориза бо таъқибу хушунати ҷинсӣ дар ҷабҳаҳои гендерии Интернет муттаҳид шаванд.[12]

**Иқдом барои афзоиши иттилоотҳо дар мавриди суиистифода дар Интернет:** Соли 2019 Федератсияи байналмилалии рӯзноманигорон чорабинии #YouAreNotAlone (#ТуТанҳоНестӣ)-

ро бо мақсади баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи ҷабҳаи озори ҷинсӣ ва сӯйистифода бар зидди бонувони рӯзноманигор дар Интернет оғоз карда, инчунин аз ҳамкорон даъват намуд, ки дар ин самт (пуштибонии аз бонувонирӯзноманигор) ҳамраъйӣ зоҳир созанд ва соҳиби мукофот шаванд.[13] Федератсия ва гурӯҳи ҳамшарики он, Шабакаи ҳамбастагии ВАО дар Осиёи Ҷанубӣ (8АМБ) ва ширкати ByteBack («Мубориза бар»)-ро, таъсис доданд, ки натиҷаи дар соли 2017 он нашри дастури рӯзноманигорон таҳти унвони «Мубориза бо кибер таҳкибҳо дар Осиёи Ҷанубӣ» буд."[14]

**Дар сурати зарурӣ, ҳамкорӣ бо мақомот:** Ассотсиатсияи рӯзноманигорон ва Вазорати корҳои дохилии Македонияи Шимолӣ Ёддошти тафоҳумро барои ташкили чорабиниҳои муштарак ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ аз мушкилоти беҷазоӣ барои ҷиноятҳо алайҳи рӯзноманигорон ва ҳамкорӣ дар ҳолатҳои ҳамларо ба имзо расониданд.[15]

## › Мусоидат ба ворид намудани масоили амният ва баробарии гендерӣ ба фаъолияти мақомоти худтанзимкунӣ

Мафҳуми худтанзимкунии ВАО ба қатори субъектҳое дохил мешаванд, ки дар он ниҳодҳо ва созмонҳои дохили кишвар меъёрҳои байналмиллалии расонаҳо ва рӯзноманигориро риоя мекунанд, инчунин дар эҷоди фарҳанг ва фазои мусоид барои рушди расонаҳои мустақилу босифат саҳми амалӣ мегузоранд.

Нақши расмӣ ё ғайрирасмиро дар худтанзимкунии ВАО, дар баробари расонаҳои маъруф, инчунин шуроҳои матбуот, ҳайатҳои

эҷодӣ, омбудсменҳо, иттифоқҳои касаба ва муассисаҳои таълимӣ ва ғайра мебозанд.[16] Механизмҳои расмии худтанзимкунӣ, ки баъзан дар натиҷаи гуфтушунид бо давлат ба вуҷуд меоянд, бояд аслан ихтиёрӣ, шаффоф ва дастраси умум бошанд. Институти омбудсмен ва механизмҳои шикоят дар сохторҳои намояндагии ВАО (масалан, васоити ахбори омма ё шуроҳои рӯзноманигорон оид ба ахлоқ) дар баъзе мавридҳо пас аз гуфтушунид бо давлат бо мақсади коҳиши муқаррароти саркӯбгароии (репрессивӣ)- давлатӣ таъсис дода шудаанд.

Меъёрҳои касбӣ ва меъёрҳои ахлоқии ВАО барои ташаббусҳои таъмини амният ва баробарии ҷинсӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Теъдоди зиёди ширкатҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо метавонанд аз меъёрҳои ахлоқии ВАО истифода бурда, саҳми худро барои эъмори фарҳангу шароити рушди расонаҳои мустақил ва мусоидат ба баланд бардоштани сифати кори онҳо  гузоранд.

Меъёрҳои ахлоқии ВАО, низ ба вуҷуд овардани  механизмҳои расмии худтанзимкуниро, аз қабили Шуроҳои ВАО ва матбуот, ки нақши танзими давлатиро коҳиш медиҳанд, мусоидат мекунанд. Механизмҳои расмии худтанзимкунӣ, ки баъзан тавассути гуфтушунид бо мақомоти давлатӣ рӯйи кор меоянд, бояд аслан ихтиёрӣ, дастрас барои ҷамъият  шаффофияти фаъолияти худро бояд таъмин намояд.

Мақомоти худтанзимкунӣ метавонанд дар таъмини баробарии ҷинсӣ ва амният дар ВАО нақши муҳим бозанд, зеро онҳо дар бораи ҳодисаҳо аз шарикони худ маълумот мегиранд, бо ҳамкорон муошират мекунанд ва аксар вақт аз эътирофи расонаҳо баҳравар мешаванд. Дар сурати ба нақша гирифтани тағйирот дар сиёсат, ВАО метавонанд дар асоси андешаи коршиносони масъул пешниҳодҳои муштарак пешниҳод

намоянд. Онҳо инчунин метавонанд таваҷҷуҳро ба масъалаҳои амният ҷалб кунанд ва ба ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор чораҳои мувофиқро бо принсипҳои озодии ВАО пешниҳод созанд.

Ба вазифаҳои мақомоти худидоракунии ВАО, масалан, таҳия ва пешбурди кодекси ахлоқӣ низ ворид мешавад, ки новобаста аз номгӯи метавонад ҳамчун дастури асосӣ барои рӯзноманигорон оид ба нақш, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳо хизмат намояд. Кодекси ахлоқӣ бояд масоили ҷинсиро ба назар бигирад ва дар ҳамкорӣ бо бонувони рӯзноманигор таҳия карда шавад.

Тавре ки дар боло зикр гардид, амнияти бонувон дар кор аз ҳамкасбон ва роҳбарон вобаста аст. Сохтори қавии худтанзимкунии ВАО на танҳо таҳияи кодекси ахлоқиро пешниҳод менамояд, балки мавҷудияти мақомоте, ки барои назорати иҷрои он масъул аст, инчунин мавҷудияти намудҳои ҷавобгарӣ барои онҳое, ки бандҳои кодексро поймол мекунанд, дар назар дорад.[17] Мақомоти худидоракунии ВАО метавонанд кафолат диҳанд, ки хулосаҳои дастаҷамъона дар бораи меъёрҳо, ки рӯзноманигорон дар як минтақаи ҷуғрофӣ истифода мебаранд, инчунин таҷрибаҳои пешқадами мубориза бо таъқиб ва суиистифода дар асоси гендер дар Интернетро дар бар мегиранд.

ВАО бо василаи ҷорӣ намудани меъёр ва қоидаҳои дохилии ҷамъияти , инчунин ба роҳ мондани дастгирии ҷомеъа, масалан, намуди интишори хабар дар бораи иштибоҳҳои содиршуда, паҳн кардани маълумот дар бораи фаъолият ва мавқеи редаксия, таъсиси мақоми омбудсмен дар ташкилоти худ ба худтанзимкунӣ мусоидат мекунанд. Вазифаҳои чунин омбудсмен вобаста ба шакли фаъолияти расона фарқ мекунанд, аммо одатан вай дар байни кормандони ВАО ҳамчун миёнарав баромад карда, ба муколама(гуфтугӯ)-и ду ҷониб мусоидат мекунад.

Воситаҳои ахбори омма, ки ба ташкили низоми мустақили худтанзимкунӣ мусоидат менамоянд, метавонанд ба масъалаҳои амнияти бонувони хабарнигор таъсир расонанд, бештар таваҷҷуҳ зоҳир кунанд. Масъалан, онҳо метавонанд, таҳлил кунанд, ки ҳодисаҳои хушунат бар асоси гендерӣ дар маҷмӯъ ва аз ҷумла таъқиб ва суиистифода бар асоси гендерӣ дар Интернет чӣ гуна назорат карда мешаванд ва барои коҳиш додани таъсири онҳо чӣ амалҳо андешида мешавад.

## Мисолҳо

**Маъракаи муштарак бар зидди беҷазоӣ барои табъизи гендерӣ:** Бонуи хабарнигори рус пас аз он, ки алайҳи як узви Шурои Федератсия (палатаи болоии парлумони Русия) барои озори ҷинсӣ шикоят кард, мавриди таҳқири оммавӣ қарор гирифт. Иттиҳодияҳои ВАО ва иттифоқҳои касаба барои хотима додан ба бенизоми ва ба ном «рафтор аз мавқеъи мушоҳидаи беруна» муттаҳид гардиданд. Онҳо қонунӣ будани ваколати вакили парлумонро зери шубҳа гузошта, ба Ассамблеяи байнипарлумонии Шурои Аврупо бо даъвати бойкот кардани тамоми вакилони парлумони Русия муроҷиат карданд.[18]

**Истифодаи механизмҳои байнисоҳавии баррасии шикоятҳо:** Дар Финландия, пас аз ҳодисаҳои таъқиби бонувони рӯзноманигор дар Интернет, шикоятҳо ба дафтари омбудсмени парлумонӣ ва Шурои ВАО ворид шуданд.[19]

**Меъёрҳои саноати индустрияи расонаҳо,ки аз ҷониби худи ВАО муқаррар карда шудааст:** Шабакаи этика(ахлоқӣ)-и

рӯзноманигорон ба манбаи боэътимоди меъёрҳои ахлоқии ВАО мансуб мегардад. Ин эътилофи беш аз 70 гурӯҳи рӯзноманигорон, муҳаррирон, соҳибрасонаҳо ва гурӯҳҳои пуштибонӣ аз саросари ҷаҳон гузоришеро бо номи Saving "Наҷоти ахбор" нашр карданд, ки дар он хушунати ҷинсӣ бар зидди бонувони рӯзноманигор, аз ҷумла таъқиб дар Интернет баррасӣ мешавад.[20]

**Муқаррар намудани меъёрҳои ахлоқӣ барои ВАО:** Дар соли 1976 муассисони расонаҳо ва ассотсиатсияҳои рӯзноманигорон дар Шветсия Шурои ВАО-ро оид ба этика бо мақсади таъмини таҳлили инфиродӣ дар дар чаҳорчӯби соҳа таъсис доданд.[21] Шуро ва омбудсмени дар он ВАО фаъолиятдошта, мавзӯҳои табъиз, аз ҷумла иддаои азияту озори занон аз ҷониби мардонро интихоб мекунанд. Пас аз он Шуро қарорҳое қабул мекунад, ки марзҳо (меъёрҳо)-и ахлоқиро барои васоити ахбори омма дақиқ муайян намуда, ба ин васила хатари муҳокимаҳоии субъективиро дар парвандаҳои шабеҳ дар оянда маҳдуд мекунанд.

**Мустаҳкамкунии фаъоли созмонҳои ВАО:** Шабакаҳои шӯроҳои ВАО ва иттифоқҳои расонаҳо рушди технологияҳои рақамиро дастгирӣ мекунанд ва ба шуроҳои нав дар баргузории чорабиниҳои саводнокии расонаӣ, таъсиси механизмҳои шикоят ва таҳияи меъёрҳои ахлоқӣ ва қонунгузорӣ кӯмак мерасонанд.[22] Шуроҳое, ки дар самти пуштибонии бонувони қурбонии ҷиноятҳои интернетӣ фаъол буданд, метавонанд таҷрибаи худро бо дигар шӯроҳои дохили шабака мубодила кунанд.

**Омӯзиши намояндагони низоми худтанзимкунӣ:** Аъзои низоми худтанзимкунӣ, ки ба шаклҳои мухталифи созмонҳо мансубанд ва масъулиятҳои гуногунро ба зимма доранд, дар аксар маврид барои мулоқотҳои муштарак ва табодули таҷриба майдон

(ҷойи муайян) надоранд. Як ҷанбаи аслии барномаи омӯзишии байналмилалӣ, ки аз ҷониби Шветсия маблағгузорӣ мешавад, ин аст, ки иштирокчиён дар мавриди таҳияи сиёсатҳо дар ростои ВАО маълумот дошта бошанд, ҳамзамон дар бораи таҳдидҳои муҳим, ки ҳам барои мардон ва ҳам бонувон пайдо мегарданд, табодули афкор намуда, тартиби муоширатро ба манзури баланд бардоштани сатҳи амнияти хабарнигорон ба низом дароранд.[23]

## Манбаъҳо

- Эътилофи шуроҳои матбуоти мустақили Аврупо (AIPCE) гузоришеро дар бораи нақши мақомоти худтанзимкунӣ дар замон(аср)-и рақамӣ ба нашр расонд.[24]

- Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО ду дастурамал (роҳнамо) оид ба нақши худтанзимкунӣ нашр кард: Дастурамал барои худтанзимкунии ВАО ва Роҳнамо барои худтанзимкунии расонаҳои онлайн (интернетӣ).[25]

- Дар гузориши таҳлилии худ оид ба қарордоди баробарии ҷинсӣ дар соли 2013 Шурои Аврупо намунаҳои таҷрибаҳои хубро номбар мекунад ва иҷрои тавсияҳои Шӯроро оид ба баробарии гендерӣ аз ҷониби мақомоти худидоракунии кишварҳои узв таҳлил мекунад.[26]

## Қайдҳо

**1** Johanna Vehkoo and Emmi Nieinen, "Hate campaigns – What you should do", Suomen Jour- nalis- tiliitto, Finlands Journalistförbun, https://journalistiliitto.fi/wp-content/uploads/2019/01/Hate_Cam- paigns_web.pdf.
**2** International Labour Organization, "C190 – Violence and Harassment Convention" (No. 190), 2019, https://www.ifj.org/media-centre/news/detail/category/new-campaign-on-violence/arti- cle/16-days-of-activism-ratify-convention-190.html.
**3** "16 Days of activism: Ratify Convention 190", International Federation of Journalists (IFJ), https://www. ifj.org/media-centre/news/detail/category/new-campaign-on-violence/article/16-days-of-activ- ism-ratify-convention-190.html.
**4** "NUJ policy", https://www.nuj.org.uk/rights/women-in-the-nuj/nuj-policy/.
**5** "Guidelines for media and unions to combat online harassment of women journalists", IFJ, 2019, https:// www.ifj.org/fileadmin/user_upload/guidelines_EN_final.pdf.
**6** Ҳамон ҷо.
**7** International Association of Women in Radio and Television (IAWRT), "What if...? Safety Handbook for Women Journalists", 2017, https://www.iawrt.org/sites/default/files/field/pdf/2017/11/IAWRT%20 Safety%20Manual.Download.10112017.pdf.
**8** "Journalists' organizations on the front line to tackle gender equality and online harass- ment", International Federation of Journalists news item, 6 June 2019, https://europeanjournalists.org/blog/2019/06/06/jour- nalists-organisations-on-the-front-line-to-tackle-gender-equality-and-online-harassment/.
**9** "Handbook on Gender Equality Best Practices in European Journalists' Unions", IFJ, https:// www.ifj. org/what/gender-equality.html?tx_wbresources_list%5Bresource%5D=16&cHash=d1c- c3c8a3d- 9f6eed57baf82b524c45ad.
**10** Barbara Trionfi and Javier Luque Martínez, "Newsroom Best Practices for Addressing Online Violence against Journalists Perspectives from Finland, Germany, Poland, Spain and the United Kingdom", IPI, in cooperation with the OSCE RFoM, https://ipi.media/wp-content/ uploads/2019/06/IPI-report-on- line-harassment-06032019.pdf.
**11** Regional Platform for advocating media freedom and journalists' safety, https://safejournal- ists.net.
**12** "It's Not Okay! Sexual harassment must stop!", Unifor Canada's YouTube Channel, https:// www. youtube.com/watch?v=od7WtwztDA&feature=youtu.be.
**13** "Online Trolling: You are NOT alone", IFJ, https://www.ifj.org/actions/ifj-campaigns/online- trolling- you-are-not-alone.html.
**14** Byte Back Campaign, IFJ and SAMSN, 2017, https://samsn.ifj.org/wp-content/up- loads/2017/03/Byte_Back_Handbook.pdf.
**15** Besim Nebiu et al., "Indicators on the level of media freedom and journalists' safety in Macedonia, Association of Journalists of Macedonia", Skopje, 2018, https://safejournalists.net/wp-content/up- loads/2018/12/Indicators-on-the-level-of-media-freedom-and-journalists-safety-in-Macedonia.pdf.
**16** "The Media Self-Regulation Guidebook", OSCE RFoM, 2008, https://www.osce.org/files/f/ doc- uments/1/d/31497.pdf**.** The website of the Press Council of Ireland, independent from the State, presents work areas that media councils often work with: https://www.presscouncil.ie/.
**17** Ҳамон ҷо.
**18** Nadezhda Azhgikhina's article in The Nation, PEN Moscow Center's website, 4 May 2018, https:// penmoscow.ru/our-news-2/516.
**19** Scott Griffen, "Legal Responses to Online Harassment and Abuse of Journalists: Perspec- tives from Finland, France and Ireland", OSCE RFoM and IPI, 7 March 2019, https://www.osce. org/representa- tive-on-freedom-of-media/413549.
**20** Hannah Storm, "Gender on the agenda for the future of ethical journalism", https://www. journalism. co.uk/news/gender-on-the-agenda-for-the-future-of-ethical-journalism-not-just- for-women/s2/a737953/.

**21** Swedish Media Ombudsperson, https://medieombudsmannen.se/. About the Media Ombudsperson, https://www.presscouncils.eu/members-sweden.

**22** Alliance of Independent Press Councils of Europe and European Federation of Journalists, "Media Councils in the Digital Age", https://www.presscouncils.eu/Media-Councils-in-the-Digital-Age and https://europeanjournalists.org/media-councils-in-the-digital-age/.
The Media Self-Regulatory Organizations Network (Armenia, Azerbaijan, Belarus, Georgia, Moldova, Ukraine and Russia). https://www.mediacouncils.org/about-us/.

**23** NIRAS, "Media Development in a Democratic Framework", 2020, https://www.niras.com/ development-consulting/international-training-programmes/media-development-in-a-dem- ocratic-framework/. "Media regulation in a democratic framework: Eastern Europe" (in Rus- sian), Sida, International Training Programmes, 2020: https://itp.sida.se/itp/Programcatalog.nsf/0/1C73DB9D0D9257B-6C125839300475B4B?opendocument.

**24** Raymond A. Harder and Pieter Knapen, Media Councils in the Digital Age: An inquiry into the practices of media self-regulatory bodies in the media landscape today, University of Antwerpen, https://www.presscouncils.eu/userfiles/files/Media%20Councils%20in%20the%20 Digital%20Age.pdf.

**25** OSCE RFoM, "The Media Self-Regulation Guidebook", 2008, https://www.osce.org/ fom/31497; OSCE RFoM, The Online Media Self-Regulation Guidebook. 2013, https://www. osce.org/files/f/documents/d/b/99560.pdf.

**26** Council of Europe, Committee of Ministers, "Draft analytical report on the follow-up on the implementation of Recommendation CM/Rec(2013)1 of the Committee of Ministers of the Council of Europe on gender equality and media", GEC(2019)10, CDMSI (2019)04, 8 November 2019, https://rm.coe.int/gec-2019-10-cdmsi-gec-analyatical-report-cm-gender-equality-and- media/168098bce5.




# Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муассисаҳои таълимӣ

# Тадбирҳои тавсияшаванда

1. Афзоиши ҳаҷми маълумотҳо , ҳамчунин баланд бардоштани сатҳи дониш ва огоҳии субъектҳои асосӣ ва дар маҷмуъ ҷомеа дар бораи таъқиб ва суиистифода дар заминаи гендерӣ дар Интернет;

2. Муттаҳид намудани кӯшишҳо бо мақсади татбиқи меъёрҳои ҳои бехатарии меҳнат дар сатҳи миллӣ ва фароҳам овардани шароити мувофиқ барои бонувони рӯзноманигор дар ҷои кор;

3. Таҳияи маводи ҳамаҷонибаи таълимӣ ва маърифатӣ роҷеъ ба бехатарии рӯзноманигорон;

4. Дохил намудани масъалаҳои амният ва баробарии гендерӣ ба фаъолияти муассисаҳои таълимии рӯзноманигорӣ.

# 9. Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муассисаҳои таълимӣ

## Сафарбаркунӣ, тадқиқот ва табодули таҷрибаи пешқадам

Дар ин боб раванди ҳамкориҳо байни фаъолон, мураббиён, омӯзгорон ва олимон барои беҳтар кардани кушишҳои онҳо дар мубориза бо таъқиб ва суиистифода нисбати бонувони рӯзноманигор дар Интернет баррасӣ мегардад.

Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (ТҶШ) - бахусус фаъолони ғайриҳукуматие, ки дар соҳаи озодии баён, озодии матбуот, рушди ВАО ва ҳуқуқи занон кор мекунанд, ба рӯзноманигорон аз муқовимат бо ҳамлаҳо ва беҷазоӣ то омӯзиши усулҳои амалии дифоъ кӯмак мерасонанд. Солҳои охир ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳарчӣ бештар дар бораи таҳдиди афзояндаи таъқиб ва суиистифода аз бонувони хабарнигорон дар Интернет хабар ва ё аҳамият доданд нишон медоданд.

Донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ, ки масъули омӯзишу тарбияи рӯзноманигорон ва роҳбарони имрузаву ояндаи ВАО ҳастанд, метавонанд дар паҳн кардани дониш перомуни амнияти рӯзноманигорон ва баробарии ҷинсиятӣ мусоидат намоянд. Онҳо инчунин метавонанд доир ба таҳия ва татбиқи сиёсатҳо роҷеъ ба ҳифзи рӯзноманигорон мубоҳисаи оммавиро роҳ андозанд. Ғайр аз он донишгоҳҳо метавонанд дар гузаронидани омӯзиш барои беҳтар дарк кардани мушкилоти таъқиб ва суиистифода аз бонувони рӯзноманигор дар Интернет, нақши муҳим бозанд.

Дар **Қарори №3/18 Шӯрои вазирони САҲА**
**57 кишвари узви САҲА аз "ҳамаи вайронкуниҳо ҳуқуқи инсон ва амалҳои ғайриқонунии зидди амнияти рӯзноманигорон, аз ҷумла, куштор, шиканҷа, ғайб задани маҷбурӣ, ҳабси худсарона, боздошти худсарона ва ихроҷи худсарона, таҳдид, таъқиб ва таҳдидҳо дар ҳама гуна шакл, аз ҷумла ҷисмонӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, технологӣ ё иқтисодӣ ва ба маҳв кардани кори онҳо нигаронида шуда», изҳори нигаронии амиқ кардаанд.**

## › Афзоиши ҳаҷми нишондодҳо ва баланд бардоштани сатҳи дониш ва огоҳии бозигарони калидӣ ва ҷомеа дар маҷмуъ доир ба таъқиб ва суиистифода дар заминаи генрӣ дар Интернет

Қадами аввал дар ҳалли ҳар мушкилот ба даст овардани фаҳмиши комил дар бораи он аст. Мониторингҳот мунтазамро оид ба далелҳои таъқиб ва таҳқири бонувони рӯзноманигор дар Интернет вазифаи на он қадар сода мебошад.

Теъдоди ҳолатҳо ва ҳамчунин усулу роҳҳо, ки тавассути онҳо ин гуна таъқибот ҷой дорад, зиёд мебошад. Ҳамзамон, тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳамлаҳои асосии хусусияти ҷинсиятӣ дошта аксаран аз сабаби доғи иҷтимоӣ ва касбӣ ва инчунин осеби эҳтимолии марбут ба чунин ҳамлаҳо кам гузориш дода мешаванд. Бисёре аз гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки маълумот дар бораи ҳамлаҳо ба хабарнигоронро назорат мекунанд ва дар ин бора маълумот медиҳанд, метавонанд бо ассотсиатсияҳои касбӣ, иттифоқҳо, ВАО, доираҳои илмӣ ва ниҳодҳои давлатӣ, ки дар ҳуҷҷатгузории таъқиб ва суиистифода дар Интернет, иштирок мекунанд, ҳамкорӣ намоянд.[1] Ҳамаи ин бояд бо дарназардошти

омилҳои гендерӣ, ки имкони пайгирӣ кардани маълумоти бунёдиро бо тақсим кардани он ба ҷинс ва дигар омилҳо ва хусусиятҳои байнисоҳавӣ доранд, амалӣ гардад, ба монанди маълумот дар бораи ҳодисаҳои қабл аз ҳамла.

Ҳуҷҷатгузорӣ бо дар назар гирифтани омилҳои ҷинсиятӣ на танҳо ба оне, ки «чӣ» - ро бояд пайгирӣ кард, балки ба «чӣ тавр» инро кард, низ марбут аст. Тадқиқот бояд на танҳо ба ҷамъоварии маълумот, балки ба ҷалби бонувони рӯзноманигор ба ин раванд низ нигаронида шавад. Масалан, дар тули тамоми раванд бояд дар хотир дошт, ки таъқиб ва суиистифода дар Интернет як ҷузъи доираи васеи таҳдидҳо ба рӯзноманигорӣ аст, на ин ки мушкилоти як шахси муайян.

Ин амр кӯшиши назаррас ва ҳамоҳангшударо барои баланд бардоштани огоҳии ҷомеа дар бораи масъалаи таъқиб дар асоси ҷинсият дар Интернет талаб мекунад. Бо вуҷуди хеле зиёд шудани шумораи таҳқиқотҳо доир ба ин мавзуъ, ошкор намудани камбудиҳо ва омода намудани маълумотҳои иловагӣ, ки мавзуъҳо ва кишварҳои гуногунро дар бар мегиранд, муҳим аст. Яке аз имкониятҳое, ки ҳоло кам истифода мешаванд, ҳамкории байни муассисаҳои таълимӣ ва созмонҳои зиёди ҷомеаи шаҳрвандист, ки ба тадқиқот ва мониторинг машғуланд. "Чӣ гуна" гузаронидани тадқиқот низ муҳим аст. Ҳама гуна тадқиқот бояд бо ҷалби бонувони рӯзноманигор гузаронида шуда, фикр, ақида ва нуқтаи назари онҳоро инъикос намуда, тавре тарҳрезӣ ва таҳия карда шаванд, ки таҷрибаомӯзон аз натиҷаҳои он барои боло бурдани бехатарии бонувони рӯзноманигор дар Интернет истифода бурда тавонанд.

Новобаста аз он ки созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бевосита дар таҳлилҳои иштирок мекунанд ё не, бисёре аз онҳо дар иттилоърасонӣ ва сафарбар кардани сиёсатмадорон, ҷомеаи расонаӣ ва дар маҷмуъ

ҷомеа, нақши муҳим доранд. Ин метавонад дар сафарбаркунии оммавии дастаҷамъӣ барои мубориза бо таъқиб ва суиистифода дар Интернет кумак кунад. Ҳамоҳангии ТҶШ ва дигар иштирокчиён барои баланд бардоштани таъсир ва пешгирии такрории кӯшишҳо, аҳамияти асосӣ дорад. Чунин ҳамкорӣ метавонад шаклҳои мухталиф дошта, дар сатҳҳои гуногун сурат мегирад: глобалӣ, минтақавӣ, миллӣ ё зермиллӣ.

## Мисолҳо

**Ҷамъоварии маълумот:** Кумитаи дифоъ аз рӯзноманигорон (CPJ) як махзани ҷаҳонии рӯзноманигорони кушта ё зиндонишуда ва бедарак ғайбзадаро нигоҳ медорад, ки маълумоти дар асоси ҷинсият ҷудошударо дар бар мегирад.[2] Дар соли 2019, CPJ инчунин як назарсанҷиеро бо номи «Таҳдидҳо вориди хонаҳои мо мешаванд» нашр кард, ки дар он ҳолатҳои таъқиб ва суиистифода нисбати рӯзноманигорони зан дар Интернет дар Канада ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба шакли санад сабт шудааст.[3]

**Муҳайё сохтани огоҳиномаҳои беном:** Платформаи дифоъ аз озодии иттилоот (PDLI) дар Испания платформаи онлайни Observatorio contra el acoso online a mujeres periodistas-ро барои ҳуҷҷатӣ намудани ҳолатҳои таъқиб ва суиистифода аз бонувони рӯзноманигор ва барои ҷалб намудани таваҷҷуҳ ба ин мавзуъ, таъсис додааст.[4] Бонувони рӯзноманигор, ки қурбонии таъқиб дар Интернет шудаанд, метавонанд бо пинҳон нигаҳ доштани ном ба шакли онлайн аризаро пур карда, ба созмон муроҷиат кунанд.

**Гузаронидани тадқиқот барои беҳтар дарк намудан ва ҳали мушкилот:** Тадқиқоти глобалии хазинаи Байналмилалии ВАО-и занон (IWMF) ва TrollBusters «Ҳамлаҳо ва таъқиб: Таъсир ба бонувони рӯзноманигор ва гузоришҳои онҳо» нишон медиҳад, ки тақрибан аз се ду ҳиссаи бонувони рӯзноманигор дар ҳолатҳои гуногун дар Интернет ва берун аз он таҳти таъқиб қарор мегирифтанд.[5]

**Гузориши соли 2019** «Пайкрасонро нишон гирифтаанд: рӯзноманигорон бо мавҷи таъқиб дар Интернет рӯ ба рӯ мешаванд», бар асоси таҳлили 162 гузориш роҷеъ ба суиистифода дар Интернет, ки дар доираи лоиҳаи «Харитасозии озодии ВАО» (Mapping Media Freedom) аз ҷониби созмони "Индекси сензура" пешниҳод шудаанд, фаҳмиши комилро перомуни вазъият дар Аврупо медиҳад.[6] Дар тартибдиҳии гузориш ҳамчунин маркази Аврупоии озодии матбуот ва ВАО, Федератсияи рӯзноманигорони Аврупо саҳм гузоштаанд.

**Пажӯҳиши** «Шарҳҳоро нахонед: Баланд бардоштани амнияти онлайн барои кор дар ВАО», ки аз ҷониби Ҷен Вик (Gen Vic) ва Алянси санъати расонаӣ ва тафреҳӣ гузарондаанд , ҳолатҳои таъқиби интернетии бонувони рӯзноманигорро дар Австралия баррасӣ мекунад.[7]

**Эътилофи Глобалӣ** доир ба ВАО ва масоили гендерӣ (GAMAG) дар гузориши худ «Муқаррар намудани рӯзномаи гендерӣ дар сиёсати коммуникатсия» маҷмӯаи ҳуҷҷатҳои стратегиро тартиб додааст. Ин нашрия боби амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернетро шомил мебошад.[8]

Маркази гуногунандешии ВАО ва озодии ВАО-и назди Институти донишгоҳи Аврупоӣ «Мониторинги плюрализми ВАО-ро» таҳия мекунад, ки вазъи экосистемаҳои расонаӣ ва таҳдидҳо ба озодии

ВАО ва рӯзноманигоронро дар кишварҳои узв ва баъзе кишварҳои номзад ба Иттиҳоди Аврупо сабти ҳуҷҷатӣ мекунад.[9]

Обсерваторияи рӯзноманигории Аврупо дар ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои Аврупо дар мавзӯи «Мавқеи зани рӯзноманигор дар ВАО-и Аврупо» пажӯҳиш анҷом додааст.[10]

Институти ВАО-и Фоҷо инчунин ҷанбаҳои ҷинсиятии шуғл ва мансабро дар бахшҳои расонаҳои Арманистон, Гурҷистон, Молдова, Русия ва Украина омӯхтааст.[11]

Интишори тадқиқот ва намунаҳои таҷрибаи пешқадам дар платформаи муштарак: Лоиҳаи «Пешбурди баробарии ҷинсиятӣ (гендерӣ) дар саноати ВАО» аз ҷониби донишгоҳҳо ва ассотсиатсияҳои рӯзноманигорӣ роҳандозӣ мешавад, ки дар якҷоягӣ додаҳои пажӯҳиш ва намунаҳои таҷрибаи пешқадам доир ба масоили гуногуни марбут ба баробарии ҷинсиятиро дар ВАО-и аврупоӣ ҷамъоварӣ мекунанд.[12]

**Таҳлил ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ:** Дар гузориши худ «Таъқиби рӯзноманигорон дар Интернет – ҳамлаи тролҳо», ташкилоти «Гузоришгарони бидуни марз» ҳолатҳои ҳамлаҳои онлайнро алайҳи хабарнигорони узви шабакаи RBG дар саросари ҷаҳон, аз ҷумла ҳолатҳои мушаххаси таъқиби бонувони рӯзноманигорро таҳлил кардааст.[13]

## Манбаъҳо

- Нашри Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон «Интегратсияи масоили гендерӣ ба мониторинги риояи ҳуқуқи инсон» тавсияҳо дар бораи чӣ гуна бурдани назорат бар зидди ҳуқуқи инсон бо дар назардошти дурнамои ҷинсиятиро дар бар мегирад.[14]

- «Ҳуҷҷатҳои ҷинсиятӣ: дастурамал барои бонувони ҳомии ҳуқуқ ва дар бораи бонувони ҳомии ҳуқуқ», ки аз ҷониби эътилофи Байналмилалии дифоъ аз ҳуқуқи занон омода шудааст, маслиҳатҳои муфид дар бораи чӣ тавр ба назар гирифтани ҷанбаҳои гендерӣ дар ҳуҷҷатгузории ҳамлаҳо алайҳи бонувони ҳомии қонунро дар бар мегирад.[15]

### › Муттаҳид намудани кӯшишҳо ҳо бо мақсади татбиқ намудани меъёрҳои бехатарии меҳнат дар сатҳи миллӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои бонувони рӯзноманигор дар ҷойи кор.

Вақте сухан дар бораи амнияти рӯзноманигорон меравад, яке аз ҷанбаҳои муҳимтарин дар сатҳи миллӣ иҷро шудани меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, инчунин дигар ӯҳдадориҳои байналмилалие мебошад, ки давлатҳо ба ӯҳда гирифтаанд. Дар ҳоле ки иқтидори ташкилотҳои алоҳида барои ба ҷавобгарӣ кашидани давлат кофӣ нест, кӯшишҳои якҷояи бисёр ташкилотҳо метавонанд хеле самаранок бошанд. Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мактабҳои рӯзноманигорӣ ва дигар созмонҳое, ки мехоҳанд ба бахши ВАО таъсиргузор бошанд, бояд имкониятҳоро барои таҳия ва

татбиқи стратегияҳои ҳамоҳангшуда пайдо кунанд, ки аз ҷониби ҳукуматҳо иҷро намудани ӯҳдадориҳояшон доир ба ҳимояи рӯзноманигорон дар интернет ва берун аз онро таъмин намояд.

Барои он ки амнияти бонувони рӯзноманигор масъалаи афзалиятнок дар арсаи байналмилалӣ гардад, ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонад сатҳи иштироки худро дар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии байниҳукуматӣ боло бардорад (нигаред ба боби 5). Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар иттиҳодияҳо метавонанд тавассути ҳамоҳангсозии фаъолтари кӯшишҳои худ барои мубориза бо таъқиби бонувони рӯзноманигор ва суиистифода аз онҳо дар Интернет аз механизмҳои СММ ва минтақавии ҳуқуқи инсон самараноктар истифода баранд. Имконияти хуб барои ҳамкориҳо, масалан, кор доир ба таҳияи иттилоияҳо ба расмиёти махсуси Шурои ҳуқуқи башари СММ, баррасиҳои даврии умумӣ ва муроҷиатҳо ба Намояндаи САҲА доир ба озодии ВАО фароҳам месозад.

Барои фаъолона дар кори сатҳи байналмилалӣ иштирок намудан, инчунин бурдани назорат ва пешниоҳоди додани ҳисобот доир ба риояи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ аз ҷониби давлатҳо, дониши муайяни махсус лозим аст. Созмонҳои байналмилалӣ ва миллии ҷомеаи шаҳрвандӣ бо доштани чунин таҷрибаву донишҳо метавонанд

мустақилона худашон семинарҳои омӯзишӣ доир ба меъёрҳо о ва ӯҳдадориҳои байналмилалӣ, ки ба масъалаи таъқиб ва суиистифода бар асоси ҷинсият дар Интернет марбут мебошанд, гузаронанд ё дар гузаронидани онҳо кумак расонанд.

## Мисолҳо

**Таъсиси гурӯҳҳои корӣ оид ба масоили гендерӣ ва амният:** Форуми глобалии рушди ВАО - шабакаи гурӯҳҳои доир ба рушди ВАО ва ACOS Alliance- эътилофи ВАО ва гурӯҳҳои ҳимояи озодии матбуот, ки ба амнияти рӯзноманигорони озоди ғайриштатӣ мусоидат мекунанд, гурӯҳҳои кориро доир ба масъалаҳои ҷинсиятӣ (гендерӣ) таъсис додаанд. Эътилофи Байналмилалии СҶШ шабакаи иборат аз 26 созмонест, ки кори худро ҳамоҳанг мекунанд ва қувваҳоро барои амалӣ намудани ташаббусҳо ҷиҳати таъмини амнияти рӯзноманигорон муттаҳид мекунанд.[16]

**Муттаҳид намудани кӯшишҳо ва ҷустуҷӯи муштараки дастгирии молиявӣ:** Media Freedom Rapid Response[17] – таътилофи ташкилотҳо, ки ба ҳифзи озодии баён ва таъмини амнияти рӯзноманигорон дар Иттиҳоди Аврупо машғул мебошанд, ба рӯзноманигороне, ки ба онҳо хатар таҳдид мекунад, дастгирии амалӣ, ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсонро таъмин мекунанд. Таъқиби бонувони рӯзноманигорон дар Интернет - яке аз самтҳои калидии фаолияти эътилоф аст.

**Шарҳи меъёрҳои байналмилалӣ:** Ташкилоти «Артикл 19» гузориши «Хотимаи беҷазоӣ: Дастур доир ба татбиқи меъёрҳо  Созмони Милали Муттаҳид дар соҳаи амнияти рӯзноманигорон»-ро нашр кард, ки ҳадафи он осон кардани фаҳмиши меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар робита бо амнияти рӯзноманигорон мебошад.[18] Илова бар ин, бо мақсади баланд бардоштани малакаҳои аъзои худ барои ҳамкорӣ бо созмонҳои байниҳукуматӣ, шабакаи ҷаҳонии созмонҳои ғайриҳукуматии ВАО – IFEX як силсила наворҳоро  ба истилоҳ «панҷ дақиқагӣ» нашр кард, ки дар он истифодаи якчанд механизмҳои байналмилалии мониторинги риояи меъёрҳои бехатарии рӯзноманигоронро шарҳ медиҳанд.[19]

## Манбаъҳо

- Силсила нашрияҳои International Media Support «Ҳимоят аз рӯзноманигорӣ» таҷрибаҳои кишварҳои мухталифро, ки дар онҳо сохторҳои муштарак – эътилофҳо, шарикӣ ва механизмҳои амниятӣ рӯи масъалаи таъмини бехатарии рӯзноманигорон кор мекунанд, инъикос менамояд. Яке аз гузоришҳои ин силсила махсусан ба бонувони рӯзноманигор бахшида шудааст.[20]

### › Таҳияи маводи ҳамаҷонибаи таълимӣ ва маърифатӣ доир ба бехатарии бонувони рӯзноманигор.

Созмонҳое, ки ба рӯзноманигорон наздиканд ва дар муайян кардани тамоюлҳои онлайн таҷриба доранд, дар омӯзиши масъалаҳои бехатарӣ ба рӯзноманигорон саҳми назаррас мегузоранд. Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳияи маводи таълимӣ ва омӯзишие нақши муҳим доранд, ки ба таҳкими муҳофизати рӯзноманигороне, ки таҳти ҳамлаи интернетӣ қарор доранд, мусоидат мекунанд.

Бо назардошти хусусияти таъқиб ва суиистифода дар Интернет, муҳим аст, ки омузиш ба ғайр аз амнияти рақамӣ, равиши ҳамаҷонибаеро инъикос кунад, ки шомили ҷанбаҳои гуногун, аз қабили ҳуқуқҳои қонунӣ ва ниёзҳои равонӣ-иҷтимоӣ бошад. Ба бонувони рӯзноманигорон омӯзонидани тарзи мубориза бо таъқиб ва озори занон дар Интернет бояд имконоти занонро фарохтар созад ва ба онҳо имкон диҳад, ки фаъолияти касбии худро идома диҳанд ва андешаҳояшонро баён намоянд.

Донистани ҳуқуқҳои худ маънои дарки он аст, ки онҳо бояд донанд, ки чӣ қоидаҳоро  ва кай поймол карданд. Барои расонидани кумаки самараноктар ба бонувони рӯзноманигорон, ки ба дастгирии ҳуқуқӣ эҳтиёҷ доранд, созмонҳо метавонанд кор ва ҳамкории худро бо коллегияҳои адвокатҳо тақвият бахшанд. Тавассути ҳамкорӣ бо марказҳои омӯзиши рӯзноманигорон ва коршиносони соҳаи ҳуқуқ, гурӯҳҳое ки ба ҳимоя озодии баён машғуланд инчунин метавонанд қудратмандан  мутахассисони кунунии ВАО ва рӯзноманигорони ояндаро барои муқовимат ба таъқиб бар асоси ҷинсият (гендерӣ) ва суиистифода дар Интернет тақвият бахшанд.

## Мисолҳо

**Дарсҳои наворӣ:** Институти Байналмилалии Матбуот (IPI) барои бонувони рӯзноманигор дарсхои видеоӣ доир ба усулҳои ҳуқуқӣ ва равонии мубориза бо таъқиби интернетӣ таҳия кардааст.[21]

**Дастурамал барои кор дар маҳалҳо:** Дастури сахроии PEN America доир ба мубориза бо таъқиби нависандагон ва рӯзноманигорон дар Интернет як қатор маслиҳатҳои амалӣ пешкаш мекунад, ки ҳамчунин барои занон нигаронида шудаанд.[22]

**Дастгирии равонӣ-иҷтимоӣ:** Маркази рӯзноманигорӣ ва осеб «Дарт» барои рӯзноманигороне, ки осеби равониро аз сар гузаронидаанд ё зери хатар қарор доранд, имкониятҳо пешниҳод мекунад., ки  Дар блоги худ «Панҷ роҳи муҳофизати хеш аз кибернафрат ва троллҳо» Марказ роҳҳои муҳофизат аз таъсири равонӣ - иҷтимоии таъқиб ва суиистифода дар Интернетро инъикос мекунад.[23]

**Омӯзиши усулҳои муҳофизати амният дар Интернет:** Free Press Unlimited платформаи онлайнии Totem-ро барои курсҳои амнияти рақамӣ сохт.[24] Он курси аз тарафи IWMF таҳияшудаи «Know Your Trolls» (Тролҳои худро бишнос) – ро дар бар мегирад, ки ба рӯзноманигорон ошкор намуданисуиистифода дар Интернет ва одамони дар ин кор даст доштаро, меомӯзонад ва инчунин, ба онҳо баъзе стратегияҳои калидиро барои омодагӣ ба мубориза бо таъқиб ва суиистифода дар Интернет тавсия медиҳад.

Барномаи таълимии Gendersec Curricula, ки аз ҷониби Tactical Tech дар Олмон таҳия шудааст, манбаест, ки беш аз 20 мавзуъро барҳам медиҳад, ки барои рӯзноманигорон низ муҳим аст, аз қабили мубориза бо «забони кинаву адоват»; стратегияҳои муқовимат; истифодаи эҷодӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ; истиқлолияти технологӣ; усулҳои баромадан аз ҳолати изтироб; ором намудани фишори ҷисмонӣ; инъикоси маълумот ва муайян кардани хатарҳо.[25]

Донишгохи амнияти ВАО ба номи Орхон Ҷамол, ки аз ҷониби Бунёди «Адолат барои рӯзноманигорон» таъсис дода шудааст, курсҳои онлайнро доир ба амнияти рӯзноманигорон ба забони русӣ пешниҳод мекунад.[26]

Якчанд ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои рӯзноманигорон курсҳои мухталифи омӯзиши ҳимояро пешниҳод мекунанд, ки дар баъзе мавридҳо ҷузъи қавии ҷинсиятӣ (гендерӣ) ва масоили мубориза бо таъқиб дар Интернетро дар бар мегиранд. Шабакаи глобалии тадқиқоти рӯзноманигорӣ рӯйхати чунин курсҳоро дар саҳифаи интернетии худ нашр мекунад.[27]

**Дастурҳои таълимӣ ва дастгирии омӯзгорон:** Гурӯҳи Hollaback, ки тахассусаш таълими мубориза алайҳи озори занон мебошад,

як чанд дастури таълимӣ нашр кардааст. Вай инчунин ташаббуси HeartMob-ро барои пешбурди дастгирии коллегиалӣ ҳамоҳанг мекунад.[28]

Troll Busters инфографикаеро бо номи "Оё шуморо дар Интернет тавҳин мекунанд?" таҳия кардааст, ки дар он муфассал роҷеъ ба амалҳое тафсилот дода шудааст, ки занон метавонанд вобаста аз характери ҳамлаҳое истифода баранд, ки дар Интернет дучор омадаанд.[29]

## › Дохил намудани масъалаҳои амният ва баробарии ҷинсиятӣ (гендерӣ) ба фаъолияти муассисаҳои таълимии рӯзноманигорӣ

Муассисаҳои таълимии рӯзноманигорӣ ва марказҳои таълимии мунтазам метавонанд дар омузондани донишҷӯён ҳангоми масъалҳои бехатарӣ ва бахусус муҳофизат аз таъқибу суиистифода дар Интернет нақши муҳим бозанд. Марказҳои таълимии давомдор инчунин метавонанд ба баланд бардоштани сатҳи дониши мутахассисони таҷрибадорро роҷеъ ба таъсири технологияҳои нав, аз ҷумла таъқиб ва суиистифода дар Интернет таъмин кунанд.

Бо мақсади мусоидат ба мубоҳисаҳои оммавӣ доир ба нақши воситаҳои ахбори оммавӣ ва татбиқи таҷрибаи пешқадам корҳои амалӣ ва ҷабҳаҳои махсус доир ба масъалаҳои амният ва ҷинсият (гендер) гузарондан, мумкин аст. Барои васеъ намудани дастрасии донишҷӯён ба ин дониш, созмонҳои рӯзноманигорӣ ва муассисаҳои таълимӣ метавонанд бо ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, рӯзноманигорони алоҳида ва дигар субъектҳои асосӣ

ҳамкорӣ кунанд, ки ба амал омадани муосир ва таҷрибаи амалӣ дар соҳаи амният, бахусус, амнияти бонувони рӯзноманигор истифода мебаранд.

Баланд бардоштани сатҳи дониш барои дарки беҳтарин равишҳои мубориза алайҳи таъқиб ва суиистифода нисбати бонувони рӯзноманигор дар Интернет аҳамияти бунёдӣ дорад. Муассисаҳои таълимии рӯзноманигорӣ вазифаи тадқиқотии худро иҷро намуда, метавонанд омӯзишҳои академиро дар ин самт густариш диҳанд ва ҳамчунин конфронсу чорабиниҳои илмӣ ташкил кунанд.

Ҳамкорӣ ва шарикӣ байни муассисаҳои таълимӣ ва мутахассисони амалкунанда низ тадқиқотро хеле ғанӣ мегардонад, тавре ки дар ҷаласаи доир ба натиҷаҳои иҷрои Барномаи амали СММ оид ба бехатарии рӯзноманигорон ва мушкили беҷазоӣ соли 2017 таъкид гашта буд.[30]

## Мисолҳо

**Дохил кардани масъалаи амнияти рӯзноманигорон ба барномаҳои таълимӣ:** ЮНЕСКО, Федератсияи байналмилалии рӯзноманигорон ва Мудирияти генералии таҳсилоти олии Лубнон доир ба бехатарии рӯзноманигорон як курси омӯзишии намунавиро нашр карданд.[31] ЮНЕСКО ҳамчунин барномаи Дарсии намунавӣ доир ба маълумоти рӯзноманигорӣ - маҷмуаи барномаҳои нави таълимро нашр кард.[32] Дар факулаи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Боку-и Озарбойҷон барномаи таълимӣ доир ба баробарии гендерӣ ва озодии ВАО таҳия шудааст.[33]

**Ташкили таълими махсус:** Маркази рӯзноманигории ба номи Найт дар назди Донишгоҳи Техаси Иёлоти Муттаҳидаи Амрико омӯзиши онлайнро доир ба масъалаҳои марбут ба амнияти рӯзноманигорон ташкил мекунад.[34]

**Ташкили конфронсҳои илмӣ доир ба масоили марбут ба амнияти рӯзноманигорон:** Ду конфронси умумиҷаҳонии академӣ бахшида ба бехатарии рӯзноманигорон вуҷуд дорад. Яке аз онҳоро ҳамасола ЮНЕСКО дар баробари Рӯзи ҷаҳонии озодии матбуот ташкил мекунад.[35] Дигариро низ ҳамасола моҳи ноябр Маркази байналмилалии рӯзноманигорӣа ва ВАО -и назди Донишгоҳи Осло пойтахти Норвегия мегузаронад.[36] Бо тезисҳои ин Конфронс метавон дар вебсайти Марказ ошно шуд.[37] Илова бар ин, Ассотсиатсияи байналмилалии тадқиқот дар соҳаи ВАО ва коммуникатсия конфронси ҳарсоларо баргузор мекунад, ки он шомили бахше доир ба бехатарии рӯзноманигорон дар чаҳорчӯби гурӯҳи кории тадқиқотҳои рӯзноманигорӣ ва таълимот мебошад.[38]

**Тавсеаи тадқиқоти академӣ доир ба масъалаҳои амнияти рӯзноманигорон:** Солҳои охир афзоиши тадқиқоти академӣ доир ба масъалаҳои марбут ба амнияти рӯзноманигорон ва бахусус таъқиб ва суиистифода дар Интернет мушоҳида мегардад. Масалан, соли 2017 мувофиқи натиҷагириҳои нахустин Конфронси академии ЮНЕСКО доир ба масъалаҳои амнияти рӯзноманигорон китоби «Ҳамла ба рӯзноманигорӣ: захираи дониш барои дифоъ аз озодии баён» мунташир шуд, ки ба он мақолаҳои мунтахаб шомил гардиданд[39] ЮНЕСКО Барномаи тадқиқот доир ба бехатарии рӯзноманигоронро бо мақсади пешбурди пажуҳишҳои академӣ дар ин самт нашр кард.[40] Маҷаллаи дастраси Media and Communication очеркеро бо номи «Таҳдиди назар ба масоили бехатарии рӯзноманигорон» нашр

кард, ки дар он ду мақола роҷеъ ба зӯроварӣ нисбат ба бонувони рӯзноманигор дар Норвегия ва Непал пешниҳод гардида буд.[41]

**Тавсеаи ҳамкориҳо дар соҳаи тадқиқот:** Маркази озодии ВАО дар назди Донишгоҳи Шеффилди Британияи Кабир ба таъсиси Шабакаи тадқиқот доир ба масъалаҳои бехатарии рӯзноманигорон- Journalist Safety Research Network – барои рушди ҳамкорӣ ва табодули назар байни муҳаққиқони соҳаи амнияти рӯзноманигорӣ, мусоидат намуд.[42] Шабака дорои саҳифаи пӯшидаи Facebook мебошад, ки аъзояшро муттаҳид мекунад.

**Сохтани фазоҳо барои омӯхтани масоили амнияти рӯзноманигорон:** Дар соли 2018 Маркази озодии ВАО аввалин кафедраи ЮНЕСКО доир ба озодии ВАО, бехатарии рӯзноманигорӣ ва беҷазоиро сарварӣ намуд.[43] Кафедраи ЮНЕСКО доир ба озодии баён дар назди Донишгоҳи Гетеборги Шветсия ва Кафедраи ЮНЕСКО доир ба коммуникатсияи назди Донишгоҳи Малагаи Испания, инчунин ба масъалаи бехатарии рӯзноманигорон машғул буданд.[44] Мактаби коммуникатсия ва рӯзноманигории ба номи Анненберг дар назди Донишгоҳи Пенсилванияи Иёлоти Муттаҳида, Маркази хавфи расонаиро барои гузаронидани таҳқиқот ва ҷамъоварии маълумот роҷеъ ба рӯзноманигорони зери хатар қарордошта, таъсис дод.[45] Дар чорчӯби ташаббуси Донишгоҳи Колумбия «Озодии глобалии баён» як пойгоҳи додаҳои ҳуқуқӣ таъсис дода шуд, ки парвандаҳои ҳамла ба рӯзноманигоронро дар бар мегирад.[46]

## Қайдҳо

**1** Michelle Ferrier, "Attacks and Harassment: The Impact on Female Journalists and Their Reporting", International Women's Media Foundation, TrollBusters, 2018, https://www.iwmf.org/wp-content/uploads/2018/09/Attacks-and-Harassment.pdf.
**2** "1370 Journalists Killed between 1992 and 2020 / Motive Confirmed", Committee to Protect Journalists (CPJ), https://cpj.org/data/killed/?status=Killed&motiveConfirmed%5B%5D=Con- firmed&-type%5B%5D=Journalist&start_year=1992&end_year=2020&group_by=year.
**3** Lucy Westcott, "'The threats follow us home': Survey details risks for female journalists in U.S., Canada", CPJ news item, 4 September 2019, https://cpj.org/2019/09/canada-usa-female-journalist-safety-online-harassment-survey/.
**4** "La PDLI lanza el 'Observatorio contra el acoso online a mujeres periodistas'", Plataforma en Defensa de la Libertad de Información news item, 2 June 2018, http://libertadinformacion.cc/la-pdli-lanza-el-observatorio-contra-el-acoso-online-a-mujeres-periodistas.
**5** Ниг.. ба санади дар қайди 1 иқтибосшуда.
**6** Valeria Costa-Kostritsky, "Targeting the messenger - Journalists face an onslaught of online harassment", Mapping Media Freedom, 2019, https://www.indexoncensorship.org/wp-content/uploads/2019/01/index-report-online-harassment-webv3.pdf.
**7** "Don't read the comments: Enhancing Online Safety for Women Working in the Media", Media Entertainment and Arts Alliance, Gender Equity Victoria, 2019, https://www.genvic.org.au/wp-content/uploads/2019/10/GV_MEAA_PolicyDoc_V5_WEB.pdf.
**8** Julie Posetti and Hannah Storm, "Violence Against Women Journalists - Online and Offline", GAMAG, 2019, https://gamag.net/wp-content/uploads/2019/09/Chapter-7.pdf.
**9** European Journalism Observatory, "Where are the women journalists in Europe's media", 2018, https://en.ejo.ch/research/where-are-all-the-women-journalists-in-europes-media
**10** Fojo Media Institute, "Gender aspects of employment and career in the media sector of Armenia, Georgia, Moldova, Russia and Ukraine", 2020, https://fojo.se/wp-content/uploads/2020/08/Gender-report-2020-ENG.pdf
**11** "Media Pluralism Monitor", Centre for Media Pluralism and Media Freedom, https://cmpf.eui.eu/mpm2020-results.
**12** Advancing Gender Equality in Media Industries (AGEMI), "A Resources Bank of good prac- tices", https://www.agemi-eu.org/mod/page/view.php?id=519.
**13** Reporters Without Borders, "Online Harassment of Journalists – Attack of the Trolls", 2018, https://rsf.org/sites/default/files/rsf_report_on_online_harassment.pdf.
**14** UN Human Rights, "Integrating Gender into Human Rights Monitoring", https://www.ohchr.org/Documents/Publications/Chapter15-20pp.pdf.
**15** Cynthia Rothschild, "Gendering Documentation: A Manual For and About Women Human Rights Defenders", Women Human Rights Defenders International Coalition, 2015, http://www.ishr.ch/sites/default/files/documents/whrd_ic_gendering_documentation_manual_1_1.pdf.
**16** The informal network can be reached via the address sojcoalition@lists.riseup.net.
**17** Media Freedom Rapid Response, https://www.mfrr.eu.
**18** Ending impunity: Guide to acting on UN standards on the safety of journalists, ARTICLE 19 news item, 2 November 2019, https://www.article19.org/resources/ending-impunity-guide-to-acting-on-un-standards-on-safety-of-journalists/.
**19** IFEX 5-minute Explainers, https://ifex.org/resources/5-minute-explainers/.
**20** International Media Support (IMS), "The safety of women journalists: Breaking the cycle of silence and violence", IMS Defending Journalism book series, October 2019, https://www.mediasupport.org/publication/the-safety-of-women-journalists/.
**21** "Tutorials", Ontheline Newsrooms, https://newsrooms-ontheline.ipi.media/tutorials/.

**22** "Online Harassment Field Manual", PEN America, https://onlineharassmentfieldmanual.pen.org.
**23** Ginger Gorman, "Five Ways to Protect Yourself Against Cyberhate and Trolls", Dart Center for Journalism and Trauma news item, 26 June 2017, https://dartcenter.org/resources/five- ways-protect-yourself-against-cyberhate-and-trolls.
**24** Totem project, https://totem-project.org/
**25** Gendersec, https://gendersec.tacticaltech.org
**26** Orkhan Dzhemal Media Safety Academy, https://jfj.academy
**27** "Safety and Security", Global Investigative Journalism Network, https://gijn.org/safety-and-security-organizations/
**28** Heart Mobinitiative, "Hollaback!", https://www.ihollaback.org/
**29** Online Pest Control for Journalists, "What to Do? Where to Go? Infographic", TrollBusters, https://yoursosteam.wordpress.com/what-to-do-infographic/.
**30** UNESCO, "Strengthening the Implementation of the UN Plan of Action on the Safety of Journalists and the Issue of Impunity", 2017, https://www.ohchr.org/Documents/Issues/Journalists/OutcomeDocument.pdf
**31** Michael Foley, Clare Arthurs, Magda Abu-Fadil, "Model course on safety of journalists: a guide for journalism teachers in the Arab States", 2017, https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000248297
**32** UNESCO, "Model Curricula for Journalism Education – a Compendium of New Syllabi", 2013, https://bit.ly/3hJMUU3
**33** "Baku State University Journalism Faculty approves curriculum on gender equality and media", Council of Europe, 1 April 2019, https://bit.ly/2ZXMtiJ.
**34** Knight Center for Journalism at the University of Texas, https://knightcenter.utexas.edu/.
**35** "World Press Freedom Day Conference 2020" website, UNESCO, https://en.unesco.org/ commemorations/worldpressfreedomday.
**36** Journalism and Media International Center, Oslo Metropolitan University, https://uni.oslomet.no/jmic/
**37** "Book of Abstracts 2019", MEKK, Oslo Metropolitan University, https://blogg.hioa.no/mekk/ conferences/safety-of-journalists-digital-safety-2019/book-of-abstracts-2019-conference/.
**38** International Association of Media and Communication Research, IAMCR, https://iamcr.org/.
**39** Ulla Carlsson and Reeta Pöyhtäri, "The Assault on Journalism: Building knowledge to pro- tect freedom of expression", Nordicom, 2017, https://www.nordicom.gu.se/en/publikationer/assault-journalism.
**40** UNESCO, Research Agenda on the Safety of Journalists, 2015, https://en.unesco.org/sites/default/files/draft_research_agenda_safety_of_journalists_06_2015.pdf.
**41** Kristin Skare Orgeret and William Tayeebwa, "Rethinking Safety of Journalists, In Media and Communication", Open Access Journal, Volume 8, Issue 1 (2020), https://www.cogitatiopress.com/mediaandcommunication/issue/viewIssue/161/PDF161
**42** "Journalism Safety Research Network", Centre for Freedom of the Media - University of Sheffield, http://www.cfom.org.uk/our-networks/journalism-safety-research-network/
**43** "UNESCO Chair on Media Freedom, Journalism Safety and the Issue of Impunity", CFOM, University of Sheffield, http://www.cfom.org.uk/about/unesco-chair-on-media-freedom-journalism-safety-and-the-issue-of-impunity/.
**44** For example, the UNESCO Chair on Freedom of Expression at the University of Gothen- burg organized, in co-operation with UNESCO, a conference on the safety of journalists in 2016: https://jmg.gu.se/english/current/news/Nyhet_detalj//safety-of-journalists--internation- al-research-conference-paved-the-way-for-academic-research-cooperation.cid1373726.
**45** Center for Media @Risk, Annenberg School for Communication, University of Pennsylvania, https://www.ascmediarisk.org/.
**46** Global Freedom of Expression Case Law Database, Columbia University, https://globalfreedomofexpression.columbia.edu/




# Рӯзноманигорон ва кормандони расонаҳ

# Тадбирҳои тавсияшаванда

1. Мониторинг ва арзёбии назари хатарҳо барои занони рӯзноманигор;

2. Истифодаи равишҳои маҷмуӣ нисбат ба амният, аз ҷумла амнияти ҷисмонӣ, ҳуқуқӣ, Равониву иҷтимоӣ ва амнияти рақамӣ;

3. Мустанадсозӣ ва хабардор кардан аз таҳдиду ҳамлаҳо;

4. Дастгирӣ кардани ҳамкасбоне, ки ба суиистифода ва таъқиби интернетӣ рӯбарӯ ҳастанд ва ҳамчунин ба рӯзноманигороне, ки бештар дар зери ин гуна хатарҳо қарор доранд;

5. Дарёфти маълумот дар бораи шаклҳои дастраси дастгирӣ, аз ҷумла механизмҳои ҳуқуқӣ.

# 10. Рӯзноманигорон ва кормандони расонаҳо

Вазифаи аввалиндараҷа ҳимояи худ, ҳимоя ва дастгирии ҳамкорон аст

Кори рӯзноманигорон хатарҳои зиёде дорад, аммо бонувони рӯзноманигор танҳо аз рӯйи мансубияташон ба ҷинси занона ба хатарҳои иловагӣ дучор мешаванд. Таъқиб ва суиистифодаи интернетӣ намунаи ҳамлаҳоест, ки бештар нисбат ба мардон ба занон нигаронида шудааст.[1] Занони рӯзноманигоре, ки дар Интернет мавриди ҳамла қарор гирифтаанд, дар муайян ва татбиқ кардани роҳҳои ҳалли ҳамаҷониба (маҷмуӣ) нақши калидӣ доранд. Ин равиш дар Қарори Шурои вазирони САҲА № 3/18 «Амнияти рӯзноманигорон» инъикос ёфтааст, ки онро давлатҳои узви САҲА эътироф кардаанд, ки мафҳуми амният на танҳо нарасонидани зарари ҷисмонӣ, балки шароит дурусти кор, инчунин амнияти равонӣ, ҳуқуқӣ ва рақамиро низ дар бар мегирад.[2] Дар ҳоле ки субъектҳои давлативу ғайридавлатӣ масъулиятҳои худро барои таъмини амнияти занони рӯзноманигор доранд, аммо тавре дар бобҳои қаблӣ муҳокима шуд, худи занҳои рӯзноманигор низ бояд усулҳои ҳамаҷонибаи худҳимоявиро барои пешгирӣ, коҳиши пайомадҳои он ва вокуниш ба ҳамлаҳо амалӣ кунанд, то ки ҳамаи рӯзноманигорон тавонанд дар табиқи ин усулҳо ҳамкасбони худро дастгирӣ кунанд.

**Дар Қарори Шурои вазирони САҲА № 3/18, 57 кишвари узви САҲА эътироф кардаанд, ки "кори рӯзноманигорон метавонад худи онҳо ва аъзои оилаҳои онҳоро ба хатари хушунат, таҳдид ва таъқиб, аз ҷумла тавассути технологияҳои рақамӣ рӯ ба рӯ кунад, ки ин метавонад рӯзноманигоронро маҷбур созад, ки ё аз идома додани кор даст кашанд ё ба худсонсурӣ рӯ биёранд». Илова бар ин, давлатҳои узв аз «хатари махсусе, ки занони рӯзноманигор дар робита ба кори худ, бахусус бо истифодаи технологияҳои рақамӣ рӯбарӯ мешаванд, изҳори нигаронӣ намуда, бар аҳамияти таъмини ҳадди аксари амнияти рӯзноманигорон ва ба таври муассир ба назар гирифтани таҷриба ва мушкилоти онҳо таъкид кардаанд.**

## › Мониторинг ва боҳодиҳии чашмандозии хатарҳо барои бонувони рӯзноманигор

Баҳодиҳии хатарҳо таҷрибаи пештози умумиэътирофшуда дар бахши таъмини амнияти рӯзноманигорон мебошад. Барои таъмини ҳифзи ҳамаҷониба, расонаҳо муштаракан бо рӯзноманигорони алоҳида бояд мунтазам баҳодиҳии хатарҳоро, аз ҷумла хатарҳое, ки аз фаъолияти касбии онҳо, инчунин хатарҳое, ки бар пояи мансуб будани онҳо ба ҷинси зан ва шаклҳои дигари ҳаммонандии онҳо ба вуҷуд меоянд, гузаронанд.

Пеш аз оғози кор, рӯзноманигорон бояд саволномаҳои баҳогузории хатарҳоро, ки аз сӯйи расонаҳо пешниҳод шудаанд, пур кунанд, то якҷоя муайян кунанд, ки чӣ чораҳои эҳтиётие барои иҷрои вазифаҳо

андешидан зарура аст. Чунин баҳодиҳӣ  хатарҳоро бояд барои ҳар як супориш навсозӣ ва мутобиқ кард.

Ба таври васеътар, бонувони рӯзноманигорон бояд аз омӯзиши дар мавриди таъқибу суиистифода дар Интернет огоҳ бошанд. Рӯзноманигороне, ки дар марзи чунин ҳамлаҳо камтар қарор доранд, бояд кӯшиш кунанд, ки ҳамкасбонеро, ки бештар таҳти ин гуна хатарҳо қарор доранд, дастгирӣ кунанд, масалан бо роҳи ширкат кардан дар таҳқиқот ва мониторингҳо. Чунин намуди  иштирок ба эҷоди фарҳанги корие мусоидат мекунад, ки дар он ҳамла ба бонувони рӯзноманигор, аз қабили таъқибу суиистифодаҳои интернетӣ, дар маҷмуъ ҳамчун ҳамла ба журналистика пазируфта мешавад. Ин ба занони рӯзноманигор имкон медиҳад, ки хатарҳоро беҳтар баррасӣ кунанд, таҳдидҳоро муайян ва дар бораи ҳамлаҳо хабар диҳанд, ва суиистифодаро ба намуди як меъёр қабул накунанд.

## ›  Истифодаи равиши умуми  (маҷмуӣ) нисбат ба масоили амният, аз ҷумла амнияти ҷисмонӣ, ҳуқуқӣ, равониву иҷтимоӣ ва рақамӣ

Равиши ҳамаҷониба ба таъмини амнияти рӯзноманигорон, бо шумули амнияти ҷисмонӣ ва рақамӣ ва кӯмаки равониву иҷтимоӣ, инчунин курсҳои омӯзишӣ оид ба ҳуқуқҳои журналистонро дар бар мегирад. Барои бонувони рӯзноманигор, таваҷҷуҳи асосӣ бояд ба хабардеҳӣ ва рушди малакаҳои касбии худҳимоявӣ дар ҳолатҳои таъқибу суиистифода дар заминаи гендерӣ дар Интернет, равона карда шавад.

Ба бонувони рӯзноманигор тавсия мешавад, ки дар курсҳо оид ба амният, бахусус дар мавзуъҳое аз қабили муайян кардани нишонаҳои таъқибу суиистифода дар интернет, истифодаи дастури амнияти рақамӣ

ва истифодаи бехатари интернет, иштирок кунанд.

Ҳамчун як қадами омодагӣ, бонувони рӯзноманигор бо механизмҳои таъмини амният шахсӣ ва хабар додан дар бораи поймолкуниҳо дар пойгоҳҳои шабакаҳои иҷтимоие шинос шаванд, ки аз онҳо истифода мебаранд.

Таъқиб ва суиистифода дар Интернет хусусияти афзоишӣ дорад, аксар вақт шиддат меёбанд, баъзан ҳамчун падидаҳои хурди пархошгарона – аз ҳамлаҳои пинҳону таҳқир оғоз мешаванд, аммо хеле зуд ба таҳдидҳои ҷиддие табдил меёбанд. Падидаҳои хурди пархошгарона, ки ба назар безарар менамоянд, метавонанд болои ҳам зам шуда, боиси оқибатҳои ҷиддии равонӣ барои бонувони рӯзноманигор шаванд ва ё барангезандаи ҳамлаҳои хатарноктар гарданд. Барои занони рӯзноманигор муҳим аст, ки пеш аз ҳама ба беҳбудии равонии худ таваҷҷуҳ кунанд –дигар ба вуҷуд омадани падидаҳои хурди пархошгаронаро як меъёр надоданд, ташхис додани осебҳоро омӯзанд ва ба худашон тавонанд, ки ёрӣ бирасонанд

Роҳҳои дигаре, ки рӯзноманигорон метавонанд дар таъмини амнияти бонувони рӯзноманигор саҳм гузоранд, ин огоҳ будан аз қоидаҳои бехатарии Интернет дар созмони расонаии онҳост, ки метавонанд бо гузашти замон тағйир ёбанд. Ҳамчунин барои таҳияи дастур ва сиёсатгузориҳо барои ҳалли мушкили таъқибу суиистифода дар Интернет, агар чунин дастурҳо ҳанӯз таҳия нашуда бошанд, бояд талош кунанд. Онҳо инчунин метавонанд ҳамроҳ бо бонувони рӯзноманигор барои арзёбии хатарҳо ва таҳияи нақшаҳои таъмини амният ҷиҳати мубориза бо таъқибу суиистифодаи гендерӣ дар Интернет, кор кунанд.

## › Ба расмият даровардани санадҳо  ва хабар додан дар бораи хатару ҳамлаҳо

Дар сурати ҳамла занон бояд кӯшиш кунанд, ки вазъро дар замон рух додани он, агар барояшон шароити ҳолатро ҳуҷҷатгузори кунанд, , маълумотро ба ниҳодҳои дахлдори ҳимояткунанда аз ВАО табодул кунанд. Агар барои худи бонувони рӯзноманигор анҷоми ин кор имконпазир нест, ҳамкоронаш метавонанд ба ӯ кумак кунанд. Вобаста аз хусусияти ҳамлаҳо, хабаррасонӣ дар бораи ҳодисаҳо, ҳамчунин метавонанд расман ба корфармоён, пойгоҳҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристода шаванд.

Дар баъзе мавридҳо, занон бартарӣ медиҳанд, ки ба ҳамлаҳо ё ба тавri ошкоро ё дар шакли муроҷиати мустақим ба ҳамлагарҳо ба изҳори назарҳои ҷавобӣ вокуниш кунанд. Чунин изҳори назарҳои ҷавобӣ метавонанд як роҳи тавонои мубориза бо таъқибу суиистифода дар Интернет бошанд, аммо дар баъзе мавридҳо метавонанд сабаби ҳамлаҳои нав шаванд. Аз ин рӯ, чунин тактика бояд ҳамзамон ба баррасии  хатарҳо истифода шавад. Машварат бо ҳамкасбон, муҳаррирон ва ё мушовирони амниятӣ, ҳамчунин метавонад барои муайянкардани ин ки, оё изҳори назарҳои ҷавобӣ роҳи муносибе ҳастанд ё не, кӯмак расонад.

## › Дастгирии ҳамкасбоне, ки ба суиистифода ва таъқиби интернетӣ рӯбарӯ ҳастанд, ҳамчунин рӯзноманигороне, ки бештар дар маърази хатар ҳастанд

Рӯзноманигорони ҳамкор метавонанд дар мубориза алайҳи таъқибу суиистифодаи интернетӣ дар заминаи ҷинсиятӣ муттаҳид шаванд. Рӯзноманигорон ва кормандони ВАО метавонанд дар ташаккули фарҳанги муштараки созмонӣ (ба боби 7 нигаред) барои кӯмак ва дастгирии онҳое, ки мумкин аст зери хатари ҳамла қарор гиранд ё ба далели хусусиятҳои шахсӣ ё фаъолиятҳои касбияшон шомили гурӯҳҳои сахт осебпазир мебошанд, ёрӣ расонанд.

Рӯзноманигорон метавонанд бо заноне, ки қурбонии ҳамлаҳо шудаанд изҳори ҳамраъйӣ кунанд ва ба онҳо кумаку дастгирии фаврӣ расонанд. Онҳо метавонанд гурӯҳҳои пуштибонии ҳамтоёнро таъсис диҳанд, таъқибу таҳқири ҳамкасбони худро дар Интернет ҷорӣ кунанд ва аз ин ҳамлаҳо тавассути шабакаҳои гуногун хабар диҳанд, ба шарте ки бонуи хабарнигоре, ки қурбонӣ шудааст барои чунин кумак ризоят дода бошад.

Шабакаҳои ҷамъиятӣ метавонанд ба бонувони рӯзноманигоре, ки бо таъқибу суиистифодаи интернетӣ дар заминаи гендерӣ рӯбарӯ ҳастанд, кумаки фаврӣ расонанд. Бонувони рӯзноманигор метавонанд шабакаҳои дастгирии мутақобиларо дар ҳайати заноне, ки ба онҳо боварӣ доранд, маслан ҳамкорон, аъзои оила ва дӯстон ташкил кунанд. Дар сурати ҳамла, онҳо метавонанд барои дастгирӣ ба чунин шабака муроҷиат кунанд. Ба рӯзноманигорон тавсия мешавад, ки таҷрибаву маслиҳатҳоро бо якдигар табодул кунанд, якҷоя болои таҳияи роҳнамои амниятӣ барои ҳамкорони худ кор кунанд ва онлайн-иштирокчиёни худро барои муттаҳид шудан даъват кунанд.

## › Дастраси иттилоъ дар бораи шаклҳои мавҷуди дастгирӣ, аз ҷумла механизмҳои ҳуқуқӣ

Табиати таъқибу суиистифода дар Интернет мураккаб ва гуногунҷанба аст, зеро он ба як қатор бахшҳое аз ҳуқуқи инсон мухолифат мекунад, ки ба ин ё он васила аз сӯйи қонунҳои миллӣ, ниҳодҳои минтақавӣ ва меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ҳимоя мешаванд.Занон метавонанд бо огоҳӣ аз ҳуқуқҳои худ дар заминаи баробарии гендерӣ, амнияти рӯзноманигорон, озодии баён, иртибототи рақамӣ ва дигар бахшҳои дахлдор дар доираи қонунгузориҳои милливу байналмилалӣ дар фазои маҷозии ба суръат ҳаракаткунанда,хатарҳои гуногунҷабҳаи ба он дахлдоштаро дарк кунанд. Бо чунин роҳ, занони рӯзноманигор метавонанд механизмҳои гуногуни дарёфти дастгириро дар сурати таъқибу суистифодаи интернетӣ, муайян кунанд.

Илова ба пуштибониҳое, ки эҳтимолан ба бонувони рӯзноманигор аз сӯйи созмонҳои ҳукуматӣ ва байниҳукуматӣ пешниҳод карда мешаванд, ба фоидаи онҳо аст, агар ба шарту принсипҳои гурӯҳҳои пойгоҳҳои онлайние, ки истифода мебаранд ва ҳамчунин бо сиёсатгузориҳои дахлдори корфармоёнашон дар мавриди амалкардҳо дар Интернет, шинос шаванд.

Дар баъзе мавридҳо рӯзноманигорони зан метавонанд дар мавриди имкони муроҷиат ба созмону шабакаҳое, ки ёрии ҳуқуқӣ мерасонад, баррасӣ кунанд.

## Манбаъҳо

- Troll Busters инфографикаеро бо номи «Оё шуморо дар Интернет таҳқир мекунанд» таҳия кардааст, ки дар он муффасал дар бораи амалҳое гуфта мешавад, ки занон метавонад вобаста ба навъи ҳамлаҳое истифода баранд, ки ба онҳо дар Интернет дучор мешаванд.[3]

- Дастурамали сахроии PEN America дар мавриди мубориза бо таъқиби интернетии нависандагон ва рӯзноманигорон дорои як қатор машварат ва тавсияҳои амалӣ вуҷуд дорад ба занон нигаронида шудаанд.[4]

- Дарсҳои навори, ки аз ҷониби Бунёди байналмилалии матбуот таҳия шудаанд, барои занони рӯзноманигор дастурҳоеро дар мавриди равишҳои муборизаи ҳуқуқӣ ва равонӣ бо таъқиботи интерентӣ дар бар мегирад.[5]

- Гурӯҳи Hollaback! омӯзишҳо мегузаронад ва якчанд манбаъҳоеро нашр кардааст, ки дорои дастурамалҳое мебошанд, ки занон ҳангоми таъқиб метавонанд истифода баранд.[6] Hollaback! инчунин дар доираи лоиҳааш- HeartMob- ба кори гуруҳҳои дастгирии ҳамкорон мусоидат мекунад.

- Free Press Unlimited Пойгоҳи онлайнии Totem-ро таъсис додааст[7], ки дорои маводи омӯзишии амнияти рақамӣ аст ва вебинари Know Your Trolls (троллҳои худро бишнос) шомили он мебошад, ки аз сӯйи Бунёди байналмилалии расонаҳои занон таҳия шудааст.

- Tactical tech фазои-XYZ-ро барои мубодилаи дастурҳои амалии навигатсионии амнияти рақамӣ барои занон эҷод карданд.[8] Онҳо инчунин пешниҳоди Me and My Shadow App Centre – маҷмӯи дастурҳо,

замимаҳо ва хидматрасониҳои дорои манбаъҳои кушод, барои боло бурдани маҳрамият ва мудирияти изҳои рақамӣ сохтаанд.[9]

- CHAYN, як шабакаи ҷаҳонии ризокорон барои мубориза бо хушунати гендерӣ, CHAYN DIY-як дастури раҳнамои онлайнии амниятиро барои занон эҷод кардааст.[10]

- Машваратҳо ва дастурҳо барои муоширати амнтар дар интернетро метавон дар вебсайти Бунёди марзҳои электронӣ - (Electronic Frontier Foundation) - Surveillance Self-Defense website, дарёфт кард.[11]

- Маҷмӯаи ёрии аввалияи рақамӣ (The Digital First Aid Kit) аз Digital Defenders Partnership машваратҳо дар бораи чӣ тавр бояд бо навъҳои маъмултари хатарҳои рақамӣ мубоиза бурданро дар бар мегирад.[12]

- Баъзе созмонҳо, ёрии фаврӣ ва ҳуқуқӣ ва ҳамчунин дастгирии моливӣ ба бонувони рӯзноманигоре, ки мавриди ҳамла қарор гирифтаанд, пешниҳод мекунанд, масалан ба аъзои IFEX ва ба гурӯҳҳое, ки дар кор Шабакаи ҳимояи рӯзноманигороне иштирок карданд ва гирифтори мушкил шудаанд (Journalists in Distress Network).[13] Ба ин гуна созмонҳо Бунёди озодиҳои рақамӣ, Access Now ва Маркази аврупоии озодии матбуот ва расонаҳо низ дохил мешаванд.

- Дар Британияи Кабир, як шабакаи касбӣ барои занони рӯзноманигор бо номи «Сарчашмаи дуюм» (Second Source) омода намуд, ки ба ифшои далелҳои таъқиб дар расонаҳо ва боло бурдани сатҳи огоҳӣ аз ҳуқуқҳо машғул аст.[14]

- Пойгоҳи OnlineSOS ба қурбониёни таъқибҳои онлайнӣ, васила ва имкони мубодилаи таҷриба ва равишҳои муассири муҳофизатро фароҳам меорад.[15]

## Қайдҳо

**1** Mozilla Foundation, "Women journalists feel the brunt of online harassment", April 2019, https://internethealthreport.org/2019/women-journalists-feel-the-brunt-of-online-harassment/.
**2** OSCE, Ministerial Council Decision No. 3/18, "Safety of Journalists", 7 December 2018, https://www.osce.org/chairmanship/406538?download=true.
**3** "What to Do? Where to Go? Infographic", TrollBusters, https://yoursosteam.wordpress.com/what-to-do-infographic/.
**4** "Online Harassment Field Manual", PEN America, https://onlineharassmentfieldmanual.pen.org/.
**5** "Tutorials", On the Line Newsrooms, https://newsrooms-ontheline.ipi.media/tutorials/.
**6** Hollaback!, https://www.ihollaback.org/.
**7** Totem Project, https://totem-project.org/.
**8** XYZ, https://xyz.informationactivism.org/.
**9** "Alternative App Centre", Me and My Shadow, https://myshadow.org/resources.
**10** "Do it yourself online safety", https://chayn.co/safety/.
**11** "Tips, Tools and How-tos for Safer Online Communications", Surveillance Self-Defense, https://ssd.eff.org/.
**12** "Digital First Aid Kit", Digital Defenders Partnership, https://www.digitaldefenders.org/digitalfirstaid/.
**13** Committee to Protect Journalists, Journalists in Distress (JID) Network, https://cpj.org/emergency-response/journalists-in-distress-network.php.
**14** The Second Source, http://www.thesecondsource.co.uk.
**15** Online SOS, https://onlinesos.org/

# Дар бораи муаллифон

Доктор Силвия Чокарро- рӯзноманигор ва аз ҳамиёни ҳифзи ҳуқуқи озодии баён аст. Роҳбари шуъбаи ҳифзи ҳуқуқ дар созмони байналмилалии «Артикл 19» мебошад. Узви Шурои IFEX ва узви ниҳодҳои махсуси Донишгоҳи Шеффилд ва донишгоҳи Аврупои Марказӣ мебошад. Дар 20 соли ахир бо хабаргузориҳо, гуруҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байнидавлатие чун ЮНЕСКО ҳамкорӣ мекунад ва дар таҳияи Нақшаи амали СММ дар мавриди амният рӯзноманигорон ва мушкилоти беҷазоӣ (масъуният аз ҷазо) кор кардааст. Муаллифи чандин нашриётҳо дар масоили гендерӣ ва расонаҳо мебошад @silviachocarro.

Сара Кларк – роҳбари гурӯҳи Аврупо ва Осиёи Марказӣ дар "Артикл 19". Коршиноси ColumbiaFree Expression ва узви кумитаи ҳуқуқии Маркази аврупоии матбуот ва озодии расонаҳо аст. Шаш сол дар PEN International таҳияи сиёсатгузориҳо ва фаъолияти иттилотию таблиғотиро раҳбарӣ карда, масъули ҳамкории созмон бо СММ ва механизмҳои минқавии ҳимоия ҳуқуқ буд.Мушовири Раёсати Комиссариати олии ҳуқуқи башар ва Раёсати Комисариати олии гурезаҳои СММ, САҲА, донишгоҳҳои Оксфорд ва Ҳарвард дар масъалаҳои озодии баён, фароҳам кардани паноҳгоҳ ва муҳоҷират низ буд. @sarah_m_clarke

Паулина Гутеррес-ҳуқуқшиноси байналмилалии ҳуқуқи башар, аз ҳифзи озодии сухан ва баробарии гендерӣ аст. Дар созмони «Артикл 19» фаъолиятҳоро дар доираи таъмини фазо ва ҳимоя аз ҳаракатҳои маданӣ дар барномаи «Ҳуқуқ ва сиёсат» ва масоили марбут ба барангехтани кинаву адоват, ҷанбаъҳои гендерӣ, эътирозҳо ва ҳимояи рӯзноманигоронро раҳбарӣ мекунад. Пештар раҳбари таҳияи стратегияи ҳимояи ҳуқуқҳои рақамӣ дар дафтари минтақавии «Артикл 19» дар Мексика буд. Таҷрибаи 12-солаи кор дар таҳқиқи соҳаҳои сиёсат ва ҳуқуқи башар ва расонидани машваратҳои ҳуқуқӣ дар

бахши вайрон намудани ҳуқуқи башар дар Амрикои Лотиниро дорад. @paulinagtzr

Джуди Тэйнг, роҳбари шуъбаи масоили гендерӣ ва ҷинсият дар созмони «Артикл 19» аст. Дар таҳия ва роҳандозии стратегияи маҷмуии гендерии «Метод Мх» саҳм гузоштааст. Ҳамчунин узви Шурои машваратии масоили таъқибот дар Интернет дар Бунёди байналмилалии расонаҳои занон аст. То омадан ба «Артикл 19» дар Дафтардории судҳо муштаракан бо тафтишоти олии додгоҳии назди СММ дар бахши мусоидат ба равандҳои додгоҳии химерҳои сурхи Камбоҷа кор кардааст.

# Замима

## Қарори № 3/18 Амнияти рӯзноманигорон[1]

Шурои вазирон,

Бори дигар тасдиқ мешавад, ки  тамоми ӯҳдадориҳои дахлдори САҲА доир ба ҳуқуқи озодии баён, озодии расонаҳо ва гардиши озоди иттилоот, аз ҷумла он чи дар дар Санади хотимавии Ҳелсинки соли 1975 ва Санади Копенҳаген соли 1990 омадаанд, ки дар он давлатҳои узв бори дигар таъкид карданд, ки ҳуқуқ ба баёни озодонаи андешаи худ,  дарёфт ва нашри иттилоъ ва идеяҳоро бидуни дахолат аз сӯйи мақомти давлатӣ сарфи назар аз марзҳои давлатӣ, дар бар мегирад.

Ин нукта хотиррасон мешавад ки ҳар шахс ҳуқуқ ба озодии эътиқод ва баёни озодонаи онро дорад ва мувофиқи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, хусусан моддаи 19-и он, ҳамчунин Паймони байналмилалии ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ (ПБҲСШ) ва хусусан моддаи 19-и он, ки яке аз асосҳои муҳимтарини ҷомеаи демократӣ ва яке аз шартҳои бунёдӣ барои рушди он мебошанд.

Ёдовар шуд, ки ин назариёт , ки ҳуқуқ ба баёни озодонаи андешаи худ танҳо тахти маҳдудиятҳое метавонад қарор бигирад, ки қонунан пешбинӣ шудаанд ё чун сабабҳое заруранд,ки дар банди 3 моддаи 19-и ПБҲСШ омадаанд.

Бори дигар ин нуктаро, тасдиқ мегардад, ки расонаҳои мустақил шарти асосии ҷомеаи озоду кушод  буда,сохторҳои давлатии посухгӯ ба амалкардҳои худ накши асосиро дар амри ҳифзи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқҳои асосӣ мебозанд, тавре дар Санади ҷаласаи ченакҳои инсонии соли 1991 САҲА дар Маскав омадааст.

Ин далелҳо эътироф меоранд , ки журналистика ва фанновариҳо равнақ ёфта истодаанд, ки ин саҳми худро дар мубоҳисаҳои ҷамъиятӣ гузошта, ҳамзамон метавонад доираи хатарҳоеро, ки ба амнияти рӯзноманигорон таҳдид менамоянд густариш диҳад.

Аҳаммияти таъмини ҳимоя ва ҳифзи аз амнияти рӯзноманигорон барои татбиқи ҳадафҳои дахлдори рушди устувор ва вазифаҳои пешбинишуда дар Дастури кори Созмони Милали Муттаҳид дар бахши рушди устувор барои давраи то соли 2030 тасдиқ мегардад.

Эътироф мегардад, ки дарки ҳолат ки кори рӯзноманигорон метавонад худи онҳо ва аъзои хонаводаашонро ба хатаре мувоҷеҳ кунад, ки онҳо объекти хушунат гарданд, ҳамчунин объекти тарсу ҳарос ва таъқиб, аз ҷумла бо истифода аз технологияҳои рақамӣ , ки рӯзноманигоронро маҷбур мекунад аз идомаи кори худ даст бикашанд ё рӯ ба худсонсурӣ биоранд.

Бо нигаронӣ ба ин, ки роҳандозии тадбирҳои беасоси маҳдудкунанда алайҳи рӯзноманигорон метавонад ба амнияти онҳо таъсир расонда, нагузорад, ки онҳо иттилоъро ба ҷомеа пешниҳод кунанд, ва ба ин васила ба татбиқи ҳуқуқи озодона баён кардани андеша асари манфӣ мегузорад, таъкид карда,

Бори дигар инро, ки ВАО бояд дар қаламрави худ дастрасии бемаҳдуд ба манбаъҳои хабарӣ ва хадамоти иттилоотии хориҷӣ, пойгоҳҳо ва баҳсҳои ҷорӣ дошта бошанд ва бо ибрози нигаронии шадид аз таҳдиду ҳамлаҳои хушунатомез, ки мумкин аст рӯзноманигорон дучори онҳо шаванд, таъйид карда,

Эътироф карда мешавад, ки аҳамияти таҳқиқоти журналистӣ ва қудрати расонаҳоро барои анҷом додани таҳқиқот ва нашри

натиҷаҳои он, аз ҷумла дар Интернет, бидуни тарс аз интиқомҷӯйӣ, ки метавонад дар кишварҳои мо нақши муҳими ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар амри ба ҷавобгарӣ кашидани ниҳодҳои давлатӣ ва мансабдорон бозад.

Аз афзоиши маъракаҳои ҳадафмандонае, ки фаъолияти рӯзноманигорон, эътимод ва бовари ҷомеа ба эътибори журналистикаро халалдор мекунад ва эътирофи он, ки ин метавонад хатари таҳдиду хушунат алайҳи хабарнигоронро зиёд кунанд, нигаронӣ карда, ҳамчунин аз ҳолатҳое, ки пешвоёни сиёсӣ, мансабдорони давлатӣ ва ё мақомот ба тарсу ҳароси рӯзноманигорон, таҳдиди онҳо ва хушунат алайҳи онҳо роҳ медиҳанд ё инро маҳкум намекунанд.

Изҳори нигаронии зиёд  таҳдидҳо ба амнияти рӯзноманигорон, аз ҷумла аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ ва афзоиши созмонҳои ҷиноӣ мебошад.

Таъкид карда мешавад, ки ҳамчунин рӯйи хатарҳои хоси амнияти рӯзноманигорон дар асри рақамӣ, аз ҷумла объекти ҳамлаҳои ҳакерӣ шудани рӯзноманигорон, назорати ғайриқонуниву худсарона ё пешгирии хабаррасонӣ, ки татбиқи ҳуқуқи онҳо ба озодии баён ва ҳуқуқи муҳофизат шудан аз дахолатҳои ғайриқонуниву худсарона ба ҳаёти шахсияшонро халалдор мекунад.

Бори дигар ин нуктаро, ки давлатҳои узв ҳама гуна мавридҳои ҳамла ва рафторҳои хасмона алайҳи рӯзноманигоронро маҳкум карда, талош мекунанд, ки шахсони масъуле, ки бевосита дар чунин ҳамлаҳо даст доранд ҷавобгар шаванд ва рафторе, ки дар вохӯрии сатҳи баланди Будапешт дар соли 1994 дар бораи онҳо изҳори назар шуд ва ҳамчунин эътирофи ин ки ба ҷавобгарӣ кашидани

гунаҳкорони ҷиноятҳо алайҳи рӯзноманигорон яке аз унсурҳои муҳими пешгирикунандаи ҳамлаҳо дар оянда аст, такрор карда,

Ёдовар шуд, ки бар аҳаммияти Рӯзи ҷаҳонии боздошти беҷазоӣ барои ҷиноятҳо алайҳи рӯзноманигорон эълон шудани 2 ноябр аз сӯйи Маҷмааи СММ таъкид карда, бо нигаронӣ аз фазои ҳукмрони беҷазоӣ, ки дар он ҳамлаҳои хушунатомез алайҳи хабарнигорон беҷазо мемонанд.

Эътироф бояд кард, ки нақши ҳукуматҳо, қонунгузориҳо ва низоми додгоҳо дар эҷоди шароити бехатар кори рӯзноманигорон ва таъмини амнияти онҳо, аз ҷумла бо роҳи ба муҳокимаи умумӣ ва ҷавобгарии додгоҳӣ кашидани ҳамаи гунаҳкорони ҷиноятҳо алайҳи рӯзноманигорон.

Ба қатъномаҳои 1738 (2006) ва 2222 (2015)-и Шурои амнияти СММ, ки дар онҳо содир кардани ҳама гуна ҳуқуқпоймолкунӣ ва суиистифода алайҳи журналистон, кормандони расонаҳо ва кормандони ба онҳо марбут дар шароити низоъҳои мусаллаҳона маҳкум мешавад ва дар онҳо гуфта мешавад, ки рӯзноманигорон, кормандони расонаҳо ва кормандони ба онҳо марбут, ки дар сафарҳои хидматии хатарнок дар минтақаҳои низои мусаллаҳона қарор доранд, ҳамчун ғайринизомӣ эътироф мешаванд ва ба ҳамин тартиб мавриди ҳимоят қарор мегиранд, ба шарте, ки ба ягон иқдоми мухолиф ба мақоми онҳо ҳамчун ғайринизомӣ даст назада бошанд, ишора намуда,

Давлатҳои узвӣ даъват карда мешаванд. узвро, даъват мекунад:

1. Ҳама ӯҳдадориҳои аз сӯйи САҲА пазируфташуда ва ӯҳдадориҳои байналмилалиашонро вобаста ба озодии баён ва озодии ВАО, аз ҷумла тавассути эҳтиром, пешбурд ва ҳифзи ҷустуҷӯи озодона, дарёфт ва интишори иттилоъро новобаста аз марзҳои давлатӣ, пурра риоя кунанд;

2. Қонунҳо, сиёсатҳо ва таҷрибаҳои марбут ба озодии расонаҳоро бо уҳдадориҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва уҳдадориҳои дигар комилан мутобиқ кунанд, бо роҳи дубора бознигарӣ кардан, дар сурати зарурат лағв ё ислоҳи онҳо, бо назардошти он , ки тавонои рӯзноманигорон барои пеш бурдани корашон сарфи назар аз дахолатҳои бемаврид, маҳдуд нагардад.

3. Ҳама гуна ҳамла ва амалҳои хушунатзо алайҳи хабарнигорон, аз қабили куштор, шиканҷа, нопадидшавии иҷборӣ, ҳабси худсарона, боздошт ва ихроҷи худсарона, тарсонидан таъқиб ва таҳдид дар ҳама гуна шакл, аз ҷумла ҷисмонӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, технологӣ, ё иқтисодӣ, ки барои фишор ба кори онҳо ва ё ғайриқонуниву зӯран бастани редаксияҳои онҳо, аз ҷумла дар ҳолати низоъҳо истифода мешаванд, ошкоро ва бечунучаро маҳкум кунанд;

4. Ҳамчунин ба таври ошкоро ва бечунучаро ҳамлаҳо алайҳи бонувони рӯзноманигор вобаста ба фаъолияти онҳо, аз ҷумла тамаъҷӯии шаҳвонӣ, иҳонат, тарсонидан, таҳдид ва хушунат, аз ҷумла тавассути истифодаи технологияҳои рақамиро маҳ зоҳир намуда, ҳашму ғазот кум кунанд;

5. Оҷилан хостори озодии фаврӣ ва бечунучарои ҳамаи рӯзноманигорон, ки худсарона ҳабс, боздошт ё гаравгон гирифта шудаанд ва ё зӯран дар маърази нопадидшавӣ қарор гирифтаанд;

6. Андешидани чораҳои муассир ҷиҳати хотима додан ба беҷазоӣ барои ҷиноятҳо алайҳи рӯзноманигорон тавассути таъмини шароити ба ҷавобгарӣ кашидан ҳамчун унсури асосии пешгирӣ аз ҳамлаҳои оянда, аз ҷумла бо роҳи таъмини тафтишоти фаврӣ, муассир ва беғаразонаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми амалҳои хушунатбор ва таҳдид нисбати ба журналистон, то гуноҳкоронро ба додгоҳ бикашанд ва ба ҷабрдидагон дастрасӣ ба василаҳои ҳимояи мувофиқи ҳуқуқиро таъмин намоянд;

7. Ба таври фаврӣ аз раҳбарони сиёсӣ, мансабдорони давлатӣ ва ё мақомот даъват карда шавад, ки аз тарсонидан, таҳдид ё чашмпӯшӣ аз хушнатҳо алайҳи рӯзноманигорон худдорӣ кунанд ва ин ҳолатҳоро бечунучаро маҳкум кунанд, то хатару таҳдидҳое, ки рӯзноманигорон ба онҳо дучор мешаванд коҳиш ёбад ва ба паст задани эътибори рӯзноманигорон, инчунин пойин овардани эҳтиром ба аҳамияти журналистикаи мустақил, роҳ надиҳанд;

8. Аз худсарона ё ғайриқонунӣ монеъ шудан ба истифодаи технологияҳои рамзгузорӣ ва бе ифшои ном навиштан аз ҷониби рӯзноманигорон худдорӣ карда, ҳамчунин аз истифодаи усулҳои назорати ғайриқонунӣ ё худсарона худдорӣ кунанд, зеро, қайд кардан лозим аст, ки чунин

амалҳо поймолкунии ҳуқуқи инсонии рӯзноманигорон буда, метавонанд онҳоро ба хатари эҳтимолии дучор гардонанд ва боиси зӯроварӣ ва таҳдид ба амнияти онҳо шаванд;

9. Муассисаҳои давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барои машғул шудан ба корҳои иттилоотӣмаърифатӣ ва таёрии касбии марбут ба зарурати таъмини амнияти рӯзномонигорон ва дар мавридҳои зарурӣ мусоидат намудан ба ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба чунин фаъолиятҳо ташвиқ намоянд;

10. То ҳадди имкон системаи миллии ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот ва гузориш доданро аз ҳодисаҳои ҳамла ва зӯроварӣ алайҳи рӯзноманигорон таҳким ва роҳандозӣ намудан;

11. Ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои давлатҳои иштирокчӣ дар доираи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии ҳуқуқи башар, таъмин намудани он, ки қонунҳо оид ба тӯҳмат таҳримҳо ё ҷаримаҳои аз ҳад зиёдеро пешбинӣ накунанд, ки тавонанд ба амнияти рӯзноманигорон халал расонанд ва/ё ба таври муассир боиси сензура гарданд ва дар иҷрои рисолаташон оид ба иттилоърасонии омма монеъа эҷод намоянд ва ҳамчунин дар ҳолатҳои зарурӣ, аз нав дида баромадан ва бекор кардани чунин қонунҳо;

12. Ба таври бештар самарнок татбиқ намудани меъёрҳои пойгоҳи ҳуқуқии татбиқшаванда оид ба ҳимояи рузномонигорон ва тамоми ӯҳдадориҳо аз тарафи ки дар САҲА қабул шудаанд;

13. Ҳамаҷониба бо Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО, аз ҷумла дар масъалаи амнияти рӯзноманигорон, ҳамкорӣ кардан муфит аст.

14. Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО-ро ташвиқ кардан, то ки мувофиқи ваколати худ ҳимояи амнияти рӯзноманигорон ва таъмини босамартари онро дар ҳамаи кишварҳои узви САҲА идома диҳад.

## Қайдҳо

**1** The Ministerial Council of the Organization for Security and Co-operation in Europe, 7 December 2018, https://www.osce.org/files/f/documents/a/c/462187.pdf



Таъқиб ва зуроварӣ нисбат ба бонувони рӯзноманигор дар Интернет таҳдиди ҷиддӣ ба касби рӯзноманигорист, чун қудрати бонувони рӯзноманигорро дар иҷрои вазифаҳо халалдор мекунад, ҳуқуқи онҳоро ба озодии баён поймол мекунад ва дастрасии озод ва кушод ба иттилоот барои тамоми ҷомеа мушкил мегардонад.

Дар ин Дастурамали роҳнамо, ки дар доираи ташаббуси #SOFJO ба табъ расидааст, ҷавоб ба таҳдидотеро инъикос меёбад, ки барои мусоидат ба ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатии минтақаи фарогири САҲА дар самти татбиқи тадбиру чораҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи амнияти бонувони рӯзноманигор дар Интернет нигаронида шудаанд. Тамоми роҳҳои пешниҳодшуда тарзи тадбиқ намудани меъёрҳо ва уҳдадориҳои байналмилалиро таҷассум мекунанд. Дастурамали роҳнамои #SOFJO ба иштирокдорони асосӣ як қатор тадбирҳои муҳими ба ҳадаф расиданро тавсия медиҳад, ки дар ҳамбастагӣ як сохтори муташаккилро эҷод мекунад, сохтореро, ки дар он бонувони рӯзноманигор метавонад фаъолияти касбиашонро дар Интернет дар шароити бехатар идома диҳанд.

Мутаассифона, дар таъқибу суиистифода аз бонувони рӯзноманигор дар Интернет ҳеч чизе маҷозӣ нест, ҳамааш воқеият аст, ки ба роҳҳалҳои воқеӣ ниёз дорад.

Вақти он расидааст, ки аз сухан ба амал гузарем.

OSCE
The Representative on
Freedom of the Media